**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

**ТКБ 67.99(2 тоҷик)93+67.99(2)8+67.99(2)3**
**ТДУ 34 (575.3) + 343.1 + 343.3/.7 + 343.9**
**К 32**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**Каримзода Муаззама Мирзокарим**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ДАЪВАТИ ОММАВӢ БАРОИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ (ИФРОТГАРОӢ) ВА САФЕДКУНИИ ОММАВИИ ЭКСТРЕМИЗМ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Қурбонзода Б.Ш.**

**Душанбе – 2025**

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.................3**
**МУҚАДДИМА..............................................................................4-24**
**БОБИ 1. САБАБҲОИ ИҶТИМОИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ДАЪВАТИ ОММАВӢ БАРОИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ (ИФРОТГАРОӢ) ВА САФЕДКУНИИ ОММАВИИ ЭКСТРЕМИЗМ...........................................................25-84**
1.1. Мафҳум, моҳият ва нишонаҳои экстремизм: таҳлили доктриналӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ...........................................................................25-59
1.2. Таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм мутобиқи қонунгузории кишварҳои аъзои ИДМ.....................................................................................60-84
**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ – ҶИНОЯТИИ УНСУРҲОИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТИ ДАЪВАТИ ОММАВӢ БАРОИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ (ИФРОТГАРОӢ) ВА САФЕДКУНИИ ОММАВИИ ЭКСТРЕМИЗМ.........................................................85-187**
2.1. Таҳлили объекти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм.......85-111
2.2. Таҳлили тарафи объективии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм...........................................................................................112-158
2.3. Таҳлили аломатҳои субъективии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм...........................................................................................159-180
**ХУЛОСА...................................................................................181-187**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ...........................................................................................188**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)..........................................189-215**
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ..................................................................................216-220**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**СО ҶТ** – Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ФР** – Федератсияи Россия

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ Арманистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Арманистон

**КҶ Беларус** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус

**КҶ Молдова** - Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова

**КҶ Озарбойҷон** - Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон

**КҶ Ӯзбекистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

**КҶ Қазоқистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон

**КҶ Қирғизистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон

**КҶ Туркманистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Туркманистон

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**б.** – банд

**ғ.** – ғ.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосир, яке аз ҷиноятҳои хатарноке, ки ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатҳо таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунад, ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба ҳисоб мераванд. Мубориза бо ин ҷиноятҳо хусусияти фаромарзӣ гирифта, диққати ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як кишвари минтақаи Осиёи Марказӣ, пас аз ба даст овардани истиқлолият бо таҳдидҳои марбут ба ифротгароӣ ва терроризм рӯ ба рӯ гардид. Давлат бо мақсади таҳкими амнияти миллӣ ва ҳифзи сохти конститутсионӣ қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқро пайваста такмил медиҳад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба хатари ин зуҳурот таъкид намудаанд: «Дар минтақаи мо амалҳои гурӯҳҳои ифротӣ ва тундгаро барои кишварҳои Осиёи Марказӣ хатари ҷиддӣ доранд. Онҳо бо шиорҳои динию мазҳабӣ ҳадафҳои муғризонаи худро пинҳон намуда, бо суханони мубориза барои адолати иҷтимоӣ тарафдорони худро ҷалб мекунанд. Вале дар асл, мақсади онҳо дигар намудани сохти дунявии давлатҳои минтақа буда, барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ аз ҳар гуна роҳу восита истифода мебаранд» [4]. Дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи чораҳои пайдарпайи ҳарбӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоию фарҳангиро амалӣ намуда истодааст, ки ҳадафи он пешгирӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта мебошад. «Аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар ин соҳа метавон такмили заминаи меъёриву ҳуқуқӣ, тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ бо ташкилотҳои соҳавӣ ва давлатҳои шарик, инчунин татбиқи барномаҳоеро ном бурд, ки ба таҳкими масунияти ҷомеа нисбат ба таъсири идеологии қувваҳои деструктивӣ мусоидат менамоянд» [168]. Чунин тадбирҳо барои таъмини амнияти миллӣ, суботи вазъи сиёсӣ-ҷамъиятӣ ва ҳифзи асосҳои сохти

конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти сарнавиштсоз доранд.

Таҷрибаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, воситаҳои ахбори омма ва Интернет нишон медиҳанд, ки бештаре аз роҳбарон ва иштирокчиёни чунин созмонҳо ҳамоно мардумро ба амалҳои хусусияти экстремистидошта даъват намуда, ҳамзамон, кирдорҳои худ ё дигар ашхоси экстремистро сафед менамоянд. Чунин даъватҳо таҳдиди бевосита ба сохти конститутсионӣ ва амнияти миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб меравaнд.

Таҳқиқи илмии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (минбаъд - даъвати оммавии экстремизм) дар ҷомеаи иттилоотии муосир бо сабабҳои зерин аҳаммияти хоса дорад: а) таъмини амнияти ҷомеа - даъватҳои оммавӣ ба экстремизм метавонанд ҳамчун манбаи таҳдид ба амнияти ҷомеа хидмат кунанд. Таҳлили чунин даъватҳо имкон медиҳад, ки таҳдидҳои эҳтимолӣ беҳтар дарк карда шаванд ва барои пешгирии онҳо чораҳои муассир андешида шаванд; б) назорати фазои маҷозӣ (онлайн) - бо рушди интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ (WhatsApp, Viber, Telegram, Facebook Messenger, Skype, YouTube, ICQ, Google Hangouts ва ғ.), даъватҳои оммавӣ ба экстремизм метавонанд зуд паҳн шаванд ва ба қабулкунандагони (аудиторияи) зиёд таъсир расонанд. Таҳқиқот дар ин соҳа барои фаҳмидани динамикаи ифротишавии фазои маҷозӣ (онлайн) ва таҳияи усулҳои мубориза бо ин падида муҳим арзёбӣ мегардад; в) пешгирии ифротишавӣ (радикализатсия) - таҳлили даъватҳои оммавӣ ба экстремизм метавонад ба муайян кардани омилҳое, ки ба равандҳои радикализатсия мусоидат мекунанд, кӯмак расонад. Ин, дар навбати худ, метавонад барои эҷоди барномаҳои муассири пешгирӣ асос гардад; г) тадбирҳои ҳуқуқӣ - таҳқиқот дар соҳаи даъватҳои оммавӣ ба экстремизм, инчунин

метавонад ба таҳия ва такмили қонунгузорӣ (КҶ ҶТ, қонунҳо ва стратегияҳои соҳавӣ), ки ба мубориза бо таблиғот ва даъватҳои экстремистӣ, ҳамчунин сафедкунии оммавии он нигаронида шудааст, таъсир расонад; д) заминаҳои иҷтимоию фарҳангӣ - дарки заминаҳои (контексти) иҷтимоию фарҳангӣ, ки дар он даъватҳои оммавӣ ба экстремизм пайдо мешаванд, метавонад барои таҳияи усулҳои нисбатан таҳаммулпазир ва самараноки назорати ин падида муфид бошад. Дар маҷмуъ, таҳқиқи илмии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм барои мубориза бо паҳншавии ғояҳои экстремистӣ (ифротгароӣ), таъмини амнияти шахс, ҷомеа, давлат ва рушди сиёсатҳо ва стратегияҳои дахлдор муҳим аст.

Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонанд барои ҷомеа, давлат, амният ва субот оқибатҳои ҷиддӣ ва манфӣ дошта бошанд. Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад оқибатҳои зерини манфиро ба вуҷуд орад, аз ҷумла: а) паҳншавии зуроварӣ ва терроризму экстремизм – даъватҳои оммавӣ ба экстремизм метавонанд барои амалҳои воқеии зуроварӣ, терроризм ва экстремизм замина гарданд; б) ифротишавӣ ва таҳдидҳои воқеӣ - даъватҳо ба экстремизм метавонанд ба равандҳои ифротишавӣ (радикализатсия) дар ҷомеа мусоидат кунанд, ки дар натиҷа одамон метавонанд ақидаҳои радикалиро қабул кунанд ва ҳатто ба гурӯҳҳои экстремистӣ ҳамроҳ шаванд. Ин ба субот ва амният таҳдидҳои воқеӣ эҷод мекунад; в) барангехтани низоъҳои байналмилалӣ – даъватҳои ошкоро ба экстремизм метавонанд ба муносибатҳои байналмилалӣ таъсири ҷиддӣ расонанд, ки натиҷаи он ба вуҷуд омадани мунокишаҳо байни давлатҳо, инчунин миёни гурӯҳҳои гуногуни фарҳангӣ ва қавмӣ бошад; г) таҳдидҳо

ба амнияти миллӣ - идеологияҳои экстремистӣ, ки ҳангоми даъватҳо дастгирӣ мешаванд, метавонанд ба амнияти миллӣ таҳдид намоянд ва боиси ташаннуҷ дар ҷомеа, низоъҳои дохилидавлатӣ ва дигар мушкилот шаванд; д) поймол кардани ҳуқуқ ва озодиҳо - дар посух ба даъватҳои оммавӣ ба фаъолияти экстремистӣ, ҳукуматҳо метавонанд барои маҳдуд кардани озодиҳои шаҳрвандӣ чораҳои қатъӣ андешанд, ки ин метавонад боиси поймол шудани ҳуқуқи инсон ва озодиҳои шаҳрвандӣ гардад; е) аз даст додани эътимод (боварӣ) ба ҷомеа – даъватҳои оммавӣ ба экстремизм метавонанд боиси аз даст додани эътимод ба ҷомеа шаванд ва дар байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ихтилофҳоро ба вуҷуд оранд. Аз ин рӯ, мубориза бо даъватҳои оммавӣ ба экстремизм ва таҳқиқот дар ин соҳа барои нигоҳ доштани амният ва таҳкими ҳамоҳангии иҷтимоӣ муҳим аст.

Таҳлили динамикаи ин ҷиноятҳо дар ҶТ дар давраи солҳои 2010–2024 нишон медиҳад, ки афзоиши назарраси онҳо ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам аз ҷиҳати сифат ба назар мерасад. Мувофиқи маълумоти оморӣ, шумораи ҷиноятҳое, ки тибқи моддаҳои $307^{1}$, $307^{2}$, $307^{3}$ ва $307^{4}$ КҶ ҶТ ба қайд гирифта шудаанд, чунин мебошанд:

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сол | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| Миқдор | 10 | 28 | 18 | 38 | 116 | 345 | 617 | 506 | 360 |
| Сол | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | | | |
| Миқдор | 634 | 1091 | 761 | 991 | 1228 | 1494 | | | |

*Таҳияи муаллиф*

Ин нишондиҳандаҳо аз афзоиши беназири фаъолияти экстремистӣ дар кишвар шаҳодат медиҳанд. Аз ҷумла, афзоиши шадиди ин ҷиноятҳо дар солҳои 2015–2020, ки бо афзоиши фаъолияти гурӯҳҳои тундгаро, паҳншавии идеологияи экстремистӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва заъфи фаҳмишҳои ҷомеавӣ вобаста аст, мушоҳида мешавад. Мутахассисон бар он назаранд, ки чунин тамоюл зарурати таҳкими чораҳои пешгирӣ ва муқовимати ҳамаҷонибаро ба вуҷуд овардааст. Дар ин раванд, зарурати такмили қонунгузорӣ, ташкили ҳамкории муассир

бо созмонҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва истифодаи технологияҳои пешрафта барои ошкорсозӣ ва пешгирии ҷиноятҳо мавқеи калидӣ доранд. Таҳлили чунин динамика, инчунин, имконият фароҳам меорад, ки самаранокии тадбирҳои зиддиэкстремистӣ мунтазам арзёбӣ ва такмил дода шавад.

Дар тӯли солҳои 2021 - 2023 динамикаи содир намудани ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м.307[1] КҶ ҶТ) аз ҷиҳати миқдор кам гардидааст. Масалан, агар дар соли 2021 бо м.307[1] КҶ ҶТ ҳамагӣ 129 ҷиноят ба қайд гирифта шуда бошад, пас дар соли 2022 - 93 ҳолат, соли 2023 бошад, ҳамагӣ 89 ҷиноят содир шудааст [203]. Ин тамоюл гувоҳи самаранокии чораҳои андешидаи давлат дар самти муқовимат бо экстремизм мебошад, аз ҷумла далели баланд гардидани самаранокии тадбирҳои пешгирикунанда ва тақвияти назорат бар паҳншавии андешаҳои радикалӣ аст.

Такмили қонуни ҷиноятӣ дар самти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад чораҳои гуногунро дар бар гирад, ки ба пешгирӣ ва мубориза бо ин намуди ҷинояткорӣ самараноктар бошад. Самтҳои имконпазири беҳтар кардани қонуни ҷиноятӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда инҳо буда метавонанд: а) коркарди илмии таърифи возеҳи (оммафаҳми) мафҳумҳо – КҶ ҶТ ва қонунҳои соҳавӣ бояд мафҳумҳои «даъвати оммавӣ», «сафедкунии оммавии экстремизм», «фаъолияти экстремистӣ» ва истилоҳҳои марбут ба м.307[1] КҶ ҶТ - ро дақиқ муайян кунанд. Ин барои пешгирӣ кардани номуайянӣ ва татбиқи дақиқи қонун кӯмак хоҳад кард; б) баҳисобгирии фазои маҷозӣ (онлайн) – бо назардошти даъватҳои оммавӣ ба экстремизм дар фазои маҷозӣ КҶ ҶТ бояд ба технологияҳои муосир мутобиқ карда шавад, аз ҷумла диспозитсияи м.307[1]. Ин мубориза бо ифротишавии фазои маҷозӣ ва

истифодаи шабакаҳои иҷтимоиро барои паҳн кардани таблиғоти экстремистӣ дар бар мегирад; в) ҳамкории байналмилалӣ – КҶ ҶТ метавонад механизмҳои ҳамкории байналмилалиро дар мубориза бо даъвати оммавӣ ба экстремизм дар бар гирад, яъне имплементатсияи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар КҶ ҶТ бояд самаранок истифода карда шаванд. Ҳамчунин, ин метавонад мубодилаи иттилоот ва ҳамоҳангсозии амалҳоро байни давлатҳо барои пешгирии фаъолияти экстремистии фаромарзӣ дар бар гирад; г) пешгирӣ ва барқарорсозӣ - қонуни ҷиноятӣ, инчунин, метавонад барои пешгирӣ ва барқарорсозии шахсони ба таблиғоти экстремистӣ дучоршуда чораҳои дахлдор андешад. Ин раванд метавонад бо барномаҳои барқарорсозии иҷтимоӣ ва дастгирии равонӣ алоқаманд бошад; д) ҳифзи озодии сухан - ҳангоми такмил додани қонунгузорӣ бояд чораҳои мубориза бо ифротгароӣ ва ҳифзи озодии сухан бодиққат ба тавозун даровarda шаванд. Қонунҳо бояд барои пешгирии сӯиистифода аз ҳокимият ва нигоҳ доштани ҳуқуқу озодиҳои асосии шаҳрвандон таҳия карда шаванд; е) ҷалби фаъоли ҷомеа - қонунгузорӣ метавонад бо тадбирҳои ҷалби фаъоли ҷомеа дар пешгирии экстремизм, аз ҷумла барномаҳои таълимӣ, таблиғи таҳаммулпазирӣ ва мусоидат ба муколама байни гурӯҳҳои гуногуни фарҳангӣ ва динӣ дастгирӣ карда шавад. Чораҳои мазкур метавонанд ба муборизаи пуртаъсир ба муқобили даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм мусоидат намуда, муносибати мутаносиб ва қонуниро таъмин кунанд.

Бо назардошти омилҳои зикршуда ва такмили минбаъдаи таркиби ҷинояти даъвати оммавии экстремизм аз мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти рисолаи номзадӣ далолат мекунанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баъзе ҷанбаҳои таърихӣ, назариявӣ ва амалии таҳлили ҳуқуқӣ - ҷиноятии

даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм аз ҷониби олимону муҳаққиқони ватанӣ, аз қабили Н.С. Абдуллоев [148, с. 175], В.А. Абдухамитов [149, с. 39], Ш.Т. Аҳёзода [120, с. 101-109], Н.А. Қудратов [131, с. 217-222], [130, с. 313-325], [59, с. 232], [158, с. 540], Б.Ш. Қурбонзода [159, с. 212], [135, с. 241-246], [134, с. 293-296], [133, с. 234-238], [132, с. 107-111], [59, с. 232с], Ҷ.З. Маҷидзода [86, с. 252], М.П. Ҳайдарзода [181, с. 221], [145, с. 77-88], [144, с. 101-109], Ҳ.С. Сафарзода [146, с. 34-41], А.Қ. Шарипов [182, с. 228], Т.Ш. Шарипов [146, с. 34-41] ва дигарон корҳои зиёди илмие анҷом дода шуда бошанд ҳам, аз нуқтаи назари илмӣ баъзе ҷанбаҳои ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм таҳқиқоти иловагии бунёдиро талаб мекунанд.

Ҳамзамон, як зумра олимони хориҷӣ, аз қабили В.Н. Арестов [151, с. 149], А.О. Безроков [152, с. 233], С.В. Борисов [153, с. 46], [154, с. 484], В.А. Бурковская [155, с. 469], Э.Т. Жээнбеков [157, с. 234], К.Ю. Мелшина [162, с. 268], Б.А. Милников [166, с. 177], А.А. Можегова [163, с. 169], А.И. Муминов [164, с. 197], А.В. Петрянин [168, с. 501], И.Н. Сенин [171, с. 218], Т.А. Сквортсова [172, с. 243], А.С. Скудин [173, с. 216], Е.В. Тукумов [175, с. 347], С.Н. Фридинский [177, с. 217], [178, с. 366], А.Г. Хлебушкин [179, с. 215], [180, с. 480], С.А. Юдичева [183, с. 219] ва дигарон низ рисолаҳои диссертатсионии худро оид ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм дифоъ намудаанд. Муҳаққиқони мазкур паҳлуҳои алоҳидаи ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизмро таҳлил намудаанд. Аммо, бояд қайд кард, ки вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм аз нуқтаи назари илмӣ то ҳол таҳқиқоти ягонаи махсуси муҷтамеъ пешниҳод

нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаҳои дурнамои корҳои илмӣ - таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 - «Масоили мубрами мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ ва пешгирии ҷиноятқорӣ» ва барои солҳои 2021-2025 - «Баъзе масоили назариявӣ ва амалиявии бандубасти ҷиноятҳои конвенсионӣ» омода карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти илмӣ.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар дарки ҳамаҷониба ва низомнокии мафҳум ва аломатҳои экстремизм ҳамчун як мафҳуми (категорияи) калидии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки заминаи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидоштаро ташкил медиҳад, ифода меёбад. Ҳамзамон таҳлили назариявию амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъватҳои оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм дар маркази таваҷҷуҳи илмӣ қарор дорад. Дар доираи ин таҳқиқот вазифа гузошта мешавад, ки пешниҳодҳои илмӣ асоснок ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шаванд, ки ба баланд бардоштани самаранокии механизми ҳуқуқии ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, суботи ҷамъиятӣ ва амнияти давлатӣ равона гардидаанд. Дар асоси мақсади мазкур як қатор вазифаҳои таҳқиқотӣ таҳия гардидаанд, ки ҳалли онҳо ба бартарафсозии мушкилоти мубрами назариявию амалии марбут ба бандубасти ҷиноят, ошкорсозӣ ва пешгирии кирдорҳое, ки дар шакли даъватҳои оммавӣ ба фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии он зоҳир мегарданд, дар шароити таҳдидҳои муосири тартиботи ҳуқуқӣ ва амнияти ҷамъиятӣ равона шудаанд. Ин таҳқиқот тавассути баррасии масоили назариявӣ ва амалии марбут ба

ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм, ҳамзамон дар такмили низоми қонунгузории миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ин ҷиноят нақши назаррас дорад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои ишорагардида ба таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

– муайян намудани мафҳуми экстремизм ҳамчун як категорияи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, кушода додани аломатҳо ва сарчашмаҳои ҳуқуқии марбут ба он;

– гузаронидани таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ, ки ҷавобгариро барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м. 307[1] КҶ ҶТ) муқаррар менамояд, бо мақсади муайян намудани механизмҳои самараноки ҳуқуқӣ ва имкони татбиқи онҳо дар такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳқиқи аломатҳои объективии ҷинояте, ки дар м. 307[1] КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, инчунин таҳлили таркибҳои вазнинтаркунандаи он;

– анҷом додани таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии аломатҳои субъективии ин ҷиноят бо таваҷҷуҳи махсус ба ангезаҳои ҳуқуқвайронкунандагон, ҳолати рӯҳӣ ва мақсади содир намудани ҷиноят;

– таҳия ва пешниҳоди механизмҳои такмил додани Кодекси ҷиноятии ҶТ, ки ба баланд бардоштани самаранокии ҳимояи ҳуқуқии сохти конститутсионӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд.

Ин вазифаҳо ба таҳияи пешниҳодҳои илман асоснок мусоидат менамоянд, ки самаранокии тадбирҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро дар муқовимат

ба экстремизм баланд бардошта, ба таҳкими амнияти давлатӣ мусоидат менамоянд.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқотро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки вобаста ба содир намудан ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро хусусиятҳои хоси ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм ва таҳлили унсурҳои таркибии он ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (давраи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур марҳилаҳои тасдиқ, омоданамоӣ, тавсиб ва муҳокимаро дар кафедра сипарӣ намудааст. Макони таҳқиқот кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ҷанбаҳои таърихии диссертатсия дар давраҳои таҳқиқот инъикос шуда, дар марҳилаҳои муайян омода гардидааст. Дар ибтидо масъалаҳои вобаста ба мафҳум, моҳият ва нишонаҳои экстремизм пажӯҳиш шудааст. Баъдан, масъалаи муқоисавӣ – ҳуқуқии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм мутобиқи қонунгузории кишварҳои аъзои ИДМ, бахусус, Федератсияи Россия [53], [55], Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон [31], [52], Қирғизистон [27], [46], [47], Қазоқистон [29], [50], Беларус [28], [49], Молдава [30], [51], Арманистон [46], Озарбойҷон [26], [45], Туркманистон [54] таҳлил шудаанд.

Дар давраи сеюм, масъалаҳои унсурҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ

(ифротгарой) ва сафедкунии оммавии экстремизм таҳқиқ гардиданд. Ҳамзамон, дар ин давра вобаста ба таҳқиқоти анҷомдода, хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шуданд. Марҳилаи анҷоми таҳқиқот соли 2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ - назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгарой) ва сафедкунии оммавии экстремизм мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар таҳияи рисола муаллиф ба асарҳои Н.С. Абдуллоев, В.А. Абдухамитов, Ш.Т. Аҳезода, Н.А. Қудратов, Б.Ш. Қурбонзода, Ҷ.З. Маҷидзода, Ҳ.С. Сафарзода, М.П. Ҳайдарзода, А.Қ. Шарипов, Т.Ш. Шарипов, С.С. Ятимов, В.Н. Арестов, А.О. Безроков, С.В. Борисов, В.А. Бурковская, Э.Т. Жээнбеков, К.Ю. Мелшина, Б.А. Милникова, А.А. Можегова, А.И. Муминов, А.В. Петрянин, И.Н. Сенин, Т.А. Сквортсова, А.С. Скудин, Е.В. Тукумов, С.Н. Фридинский, А.Г. Хлебушкин, С.А. Юдичева ва дигарон такя намудааст.

**Асоси методологии таҳқиқот.** Муқаррарот ва хулосаҳои асосӣ бо истифодаи ҳамаҷонибаи тамоми усулҳои мавҷудаи илми ҳуқуқ оид ба таҳлили зуҳуроти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла, методи диалектикӣ, маҷмуи методҳои махсуси илмӣ - оморӣ, шаклию мантиқӣ, қиёсию ҳуқуқӣ, таърихӣ, низомманд - сохторӣ ва ғ. асос ёфтаанд. Инчунин, ҳангоми таҳлили масъалаҳои илмӣ усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз қабили муқоисавӣ - ҳуқуқӣ истифода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқот маълумотҳои омории Сармаркази иттилоотӣ - таҳлилии ВКД ҶТ ва Суди Олии ҶТ, ҳукмҳои айбдоркунии судӣ (ш. Хуҷанд), хулосаҳои айбдоркунӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои марбут ба мавзуи даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгарой) ва сафедкунии оммавии экстремизм [203], [204], [205], [206], [207], [208], [209], [210] истифода шудааст. Дар таҳқиқот, инчунин, маводҳое, ки дар ВАО нашр шудаанд,

бахусус, Паёмҳо ва суханрониҳои Президенти ҶТ [2], [3], [4], [5], ҳисоботҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ВКД, Прокуратураи генералӣ, Суди Олӣ), ки эътимод ва асоснокии хулосабарориҳо дар заминаи онҳо сурат гирифтанд, истифода гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, равиши таҳқиқот, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан, дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии кишвар ба ҳисоб меравад. Дар раванди таҳқиқот муаллиф аввалин пажӯҳиши мукаммали бунёдӣ ва ҳаматарафаро дар самти таҳлили ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм анҷом дод.

Пешниҳодҳое, ки аз ҷониби муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, дар заминаи рушди қонунгузории ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта аҳамияти махсуси илмӣ ва амалиро касб менамоянд. Дар рисола таърифи мукаммали мафҳуми «экстремизм» пешниҳод гардидааст, ки он дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи назарияҳои доктриналӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодексҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ таҳия шудааст. Фарқиятҳо ва равишҳои назариявии пешниҳодшуда дорои асоси илмӣ буда, бо навовариҳо фарқ менамоянд ва ба рафъи холигиҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани дақиқияти ҳуқуқӣ ва ташаккули меъёрҳои ягонаи бандубасти кирдорҳои хусусияти экстремистидошта равона шудаанд. Маҷмӯи ин дастовардҳо ба рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат карда, метавонанд дар раванди такмили заминаи меъёриву ҳуқуқӣ ва татбиқи чораҳои пешгирикунанда нисбат ба ҷиноятҳои экстремистӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

**I. Пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд:**

1. Муаллиф дар консепсияи илмии худ вобаста ба мафҳуми экстремизм пешниҳоди асоснок намудааст ва мувофиқи он экстремизм - ин таъсиррасонӣ ба мафкура, ақидаҳо ва ҳадафҳои ниҳоят радикалӣ асосёфта, ки ноил шудан ба онҳо асосан бо усулу воситаҳои ғайриқонунӣ сурат мегирад (масалан, барангехтани кинаю адовати динӣ (мазҳабӣ), нажодӣ, миллӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, маҳалгароӣ барангехтани шӯришҳои мусаллаҳона ва ғ.)

2. Пешниҳод карда мешавад, ки дар ИДМ Консепсияи киберамният дар самти мубориза бо ҷалб ва таблиғи ифротгароён дар Интернет таҳия ва ҷорӣ карда шуда, низоми ягонаи «Киберсипари ИДМ» таъсис дода шавад. Дар маҷмуъ, ба назар мерасад, ки давлатҳои узви ИДМ барои коҳиш додани фаъолияти ифротгароии динӣ дар ин минтақа бояд тадбирҳои пешгирикунанда андешанд, зеро барои ҷавонон ва дигар табақаҳои осебпазири аҳолӣ фароҳам овардани шароити мусоид ва самарабахши иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дастгирии фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади муттаҳидсозӣ, ҳамоҳангсозӣ ва рушди ҷомеа ба равандҳои харобиовар ва қобилияти муқовимат ба ақидаҳои радикалии онҳо масунияти қавӣ доранд;

3. Дар қонунгузории ҷиноятии ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Молдова, Арманистон, Озарбойҷон ва Беларус даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии чунин амалҳо ҳамчун таркиби алоҳидаи ҷиноятӣ пешбинӣ нашудааст. Ин вазъият метавонад заминаеро фароҳам созад, ки экстремистон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар канор монанд. Ин холигии ҳуқуқӣ на танҳо имкони фаъолиятҳои экстремистиро дар кишварҳои номбурда зиёд менамояд, балки ба самаранокии талошҳои байналмилалӣ барои пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм таъсири манфӣ мерасонад. Зеро дар асоси

муқаррароти м.15 КҶ ҶТ (Амали қонуни ҷиноятӣ нисбати шахсоне, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир намудаанд) шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шахси бешаҳрвандии доимо дар он истиқоматкунанда барои ҷинояти дар ҳудуди давлати хориҷӣ содиркардааш мутобиқи КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Агар кирдори содиркардаи у дар давлате, ки дар ҳудуди он ин кирдорро содир кардааст, ҷиноят эътироф карда шавад ва агар у барои ин ҷиноят дар давлати хориҷӣ маҳкум нашуда бошад. Агар кирдори содиркардаи у дар давлате, ки дар ҳудуди он ин кирдорро содир кардааст, ҷиноят эътироф карда нашавад, пас ин давлат метавонад, ки паноҳгоҳи экстремистон гардад. Бинобар ин, ҳолати мазкурро метавон танҳо бо роҳи ҳамкориҳои байниҳамдигарии давлатҳои узви ИДМ дар сатҳи ИДМ ҳал намуд;

4. Таҳти мафҳуми даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ чунин ҳаракате фаҳмида мешавад, ки он ба шуур ва иродаи (психология) одамон таъсири фаъолона (мақсаднок) расонидан ва бо тафаккури онҳо содир намудани ҳаракатҳоеро ба вуҷуд меоварад, ки ҳамчун фаъолияти экстремистӣ бандубаст мегарданд, ба монанди бо зурӣ сарнагун кардан ва ё тағйир додани сохти конститутсионӣ, вайрон ва халалдор кардани соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии ҶТ, амалҳое, ки ба ноустувор сохтани амнияти ҶТ равона шудаанд, амалҳое, ки ба ғасб ё аз худ кардани ваколатҳои ҳокимият равона шудаанд ва дигар ҳаркатҳое, ки бо фаъолияти экстремистӣ алоқаманданд, мебошад. Шакли даъват (шифоҳӣ (суханронӣ дар ҳамоиш), хаттӣ (нашри рӯзномаҳо, мақолаҳо), бо истифода аз воситаҳои электронӣ) барои бандубасти ҷиноят аҳаммият надорад, ба истиснои қ.2 м.307[1] КҶ ҶТ, ки содир намудани ин ҷиноятро бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ё шабакаи интернет талаб мекунад.

5. Асоснок ва мушаххас карда шудааст, ки дар ВАО имконияти чанд роҳе мавҷуд аст, ки метавонад бо паҳншавии (даъвати) экстремизм

алоқаманд бошад, аз ҷумла: а) нашри маводи экстремистӣ; б) ҳангомасозӣ (сенсатсионизм) ва ҷалби таваҷҷуҳ; в) шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои онлайнӣ; г) инъикоси ғаразноки рӯйдодҳо; д) стратегияҳои коркарди иттилоот; е) таъсири сиёсӣ; ё) идоракунии худхости (манипулятсияи) далелу фактҳо ва маълумоти бардурӯғ; ж) тарғибот; з) радикализатсияи маҷозӣ; и) хусусияти низоъҳои минтақавӣ. Барои кам кардани таъсири ВАО ба паҳншавии экстремизм, қадамҳои муҳим ҷиҳати баланд бардоштани салоҳияти иттилотии ҷомеа, риояи меъёрҳои ахлоқии журналистика, танзими фазои маҷозӣ (онлайн), инчунин рушди муколама ва фаҳмиш байни ҷомеаҳои гуногун мебошанд.

6. Мақсади даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад гуногун бошад ва аз ангезаҳои субъекти чунин даъват вобаста бошад. Ба ҳеҷ ваҷҳ, даъватҳои экстремистиро ҳамчун як категорияи ягона ва ҷудогона баррасӣ кардан мумкин нест, зеро онҳо метавонанд бо ангезаҳои гуногун, аз ҷумла сиёсӣ, динӣ, иҷтимоӣ, бегонапарастӣ ва нажодпарастӣ, эҷоди фишори ҷамъиятӣ, барангехтани низоъ, истисмори ноустувории ҷамъиятӣ, таъсири психологӣ, ҷалби ҷонибдорони нав ё идеологӣ дастгирӣ карда шаванд.

**II. Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона гардидаанд:**

1. Бо мақсади ҳифзи шаҳрвандон аз таъсири иттилоотӣ ва рӯҳии деструктивии идеологияҳои экстремистӣ, махсусан дар муҳити фазои маҷозӣ, ташкили механизмҳои самараноки ҳуқуқӣ, ки ба пешгирии паҳншавии андешаҳои радикалӣ ва таҳкими амнияти киберӣ равона шудаанд, зарур мебошад. Яке аз қадамҳои калидӣ дар ин самт қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти киберӣ» ба шумор меравад, ки асоси ҳуқуқиро барои ҳифзи фазои иттилоотии кишвар фароҳам оварда, тадбирҳоро ҷиҳати муқовимат бо таҳдидҳои киберӣ, аз ҷумла

таблиғи экстремистӣ дар интернет, танзим менамояд. Илова бар ин, унсури муҳими пешгирии экстремизм татбиқи барномаҳои таълимӣ оид ба амнияти иттилоотӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Омӯзонидани шаҳрвандон, махсусан ҷавонон, ба асосҳои саводнокии рақамӣ ба баланд бардоштани масунияти онҳо нисбат ба таъсири иттилоотии харобиовар мусоидат намуда, хавфи ҷалб гардидани онҳо ба шабакаҳои ташкилотҳои экстремистиро коҳиш медиҳад. Равиши ҳамаҷониба, ки тадбирҳои ҳуқуқӣ, таълимӣ ва технологиро дар бар мегирад, имкон медиҳад, ки таҳдидҳои марбут ба паҳншавии идеяҳои экстремистӣ дар фазои рақамӣ самаранок бартараф гарданд ва заминаи иловагии ҳифзи сохти конститутсионӣ ва амнияти миллиро фароҳам оварад.

2. Пешниҳод карда мешавад, ки дар таркиби м.307[1] КҶ ҶТ аломати бандубастшаванда дар намуди даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм, ки нисбати ноболиғон равона карда шудааст ё аз тарафи аъзоёни ташкилоти террористиву экстремистӣ содир гардидааст, ҳамчунин таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши экстремистон, криминализатсия карда шавад.

3. Пешниҳод карда мешавад, ки пас аз истилоҳҳои «ВАО», ё шабакаи интернет дар қ.2 м.307[1] КҶ ҶТ истилоҳи «ва дигар намуди нашрҳо (варақаҳо, адабиёт, маҷалла, рӯзнома ва китобчаҳо)» илова карда шавад.

4. Диспозитсияи м.307[1] КҶ ҶТ дар таҳрири зерин пешниҳод карда мешавад:

Моддаи 307[1]. Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм

1. Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва ё сафедкунии оммавии экстремизм, ҳамчунин таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши экстремистон, - ... ҷазо дода мешаванд.

2. Ҳамин кирдор, агар бо истифода аз ВАО, ё шабакаи интернет ё дар дигар намуди нашрҳо содир шуда бошад, - ... ҷазо дода мешаванд.

3. Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда, агар;

а) нисбати ноболиғон;

б) аз тарафи аъзоёни ташкилоти террористиву экстремистӣ содир шуда бошад, - ... ҷазо дода мешаванд.

5. Дар сатҳи м.307[1] КҶ ҶТ эзоҳ дар шакли зерин илова карда шавад: «Сафедкунии экстремизм - ин раванд ё амали изҳори дастгирии ғояҳо, ҳадафҳо, таҷриба ё усулҳои гурӯҳҳо ё ташкилотҳои экстремистӣ мебошад. Сафедкунии экстремизм метавонад намудҳои гуногуни дастгирӣ, аз қабили изҳороти оммавӣ, навиштани матнҳо, паҳн кардани мавод, иштирок дар чорабиниҳо ва ғ.ро дар бар гирад».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм ҳамчун ҷиноят, иборат мебошад. Хулосаҳо ва нуқтаҳои илмие, ки дар рафти таҳқиқи диссертатсия ба даст омадаанд, метавонанд дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар ҶТ бо назардошти ҳифзи муносибатҳои таъмини амнияти давлатӣ ва ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, бахусус, амнияти миллӣ, амнияти давлатӣ, ҳимояи асосҳои сохти конститутсионӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудудӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ, аз ҷумла КҶ ҶТ, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» ва ғ. гарданд, дар амалия тартиби дуруст бандубаст кардан ва татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ҷиҳати ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои экстремистӣ,

бахусус, даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм дуруст танзим карда шаванд, фаъолияти қонунгузорӣ ва қонунтатбиққунии судҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи дигар истифода гарданд.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта», «Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат» аҳаммияти калон доранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқоти илмӣ тавассути омӯзиши илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ, истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудаанд. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин, аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи ҶТ [1], КҶ ҶТ [6], Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар ҶТ барои солҳои 2021-2025 [16], Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» [14], Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ [201, 202] ва ғ. ба даст омадаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми довталаб дар иштироки бевоситаи ӯ дар таҳқиқи диссертатсионӣ, баррасии ғояҳо, таҳияи консепсияҳо, натиҷаҳо ва муқаррароти илмӣ то сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, муқаррароти илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ зоҳир мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ироа гардидаанд:

**а) байналмилалӣ:**

‒ конференсияи байналмилалии илмӣ - назариявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Таъмини амнияти озуқаворӣ, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ», - бо маъруза дар мавзуи «Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба экстремизм» (14 апрели соли 2021, ш.Исфара);

‒ конференсияи байналмилалии илмӣ - назариявӣ дар мавзуи «СҲШ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ: 20 соли фаъолияти самарабахш ва дурнамо», - бо маъруза дар мавзуи «Роль Республики Таджикистан по борьбе с экстремизмом (в рамках Шанхайской организации сотрудничества)» (23 июни соли 2021, ш. Хуҷанд);

− конференсияи байналмилалии илмӣ - назариявӣ бахшида ба 30-солагии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва 32-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Терроризм ва экстремизм – хатар ба амнияти инсоният!», - бо маъруза дар мавзуи «Терроризм ва экстремизм ҳамчун хатари глобалии ҷаҳони муосир» (27 октябри соли 2023, ш. Хуҷанд).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

− конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявӣ бахшида ба 25 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - бо маъруза дар мавзуи «Мавқеи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» (1 ноябри соли 2019, ш. Хуҷанд);

− конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявӣ дар мавзуи «Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ» - бо маъруза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳои назариявии мафҳум ва моҳияти экстремизм» (22-25 апрели соли 2020, ш. Хуҷанд);

− конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявӣ дар мавзуи «Илм ва инноватсия дар низоми татбиқи ҳадафҳои стратегияи миллӣ» - бо маъруза дар мавзуи «Нишонаҳои объективии таркиби ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм» (21-24 апрели соли 2021, ш. Хуҷанд);

− конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявӣ дар мавзуи «Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлатдории миллӣ» - бо маъруза дар мавзуи «Иҷлосияи тақдирсози XYI Шурои Олӣ ва нақши Пешвои миллат дар пешгирии ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта» (12 - 14 ноябри соли 2022, ш. Хуҷанд);

− конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявӣ дар мавзуи «Рушди илм

ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ», - бо маъруза дар мавзуи «Баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирии экстремизм» (18-21 апрели соли 2023, ш. Хуҷанд);

− конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявӣ дар мавзуи «Илму маориф дар пешрафти иқтисодию иҷтимоии давлати ҳуқуқбунёд» ба ифтихори 35 - солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли маърифати ҳуқуқӣ ва Рӯзи илми тоҷик, - бо маъруза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳои назариявии объекти бевоситаи ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» (19 апрели соли 2024, ш. Хуҷанд);

− конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявӣ дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи устувори ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва эъмори давлати ҳуқуқбунёд» бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли маърифати ҳуқуқӣ, - бо маъруза дар мавзуи «Мафҳуми фаъолияти экстремистӣ аз нигоҳи қонунгузорӣ ва илмӣ ҳамчун омили ташаккулёбии модели миллии давлати ҳуқуқбунёд» (23 октябри соли 2024, ш. Хуҷанд).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба масъалаҳои алоҳидаи мавзуи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф 21 мақолаҳои илмӣ таълиф ва интишор карда шудааст, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тақризшаванда, 17 мақола дар маҷаллаҳои дигар нашргардида мебошад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 220 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. САБА-БҲОИ ИҶТИМОИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ДАЪВАТИ ОММАВӢ БАРОИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ (ИФРОТГАРОӢ) ВА САФЕДКУНИИ ОММАВИИ ЭКСТРЕМИЗМ

## 1.1. Мафҳум, моҳият ва нишонаҳои экстремизм: таҳлили доктриналӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ

Сулҳу субот, ваҳдат ва амнияти миллӣ неъмати бузург ва шарти аввалиндараҷаи зиндагии ҳар як инсон аст. Зеро зиндагии осуда, созандагиву ободӣ, умуман амалӣ шудани ҳама ҳадафҳои нек ба ҳамин неъмат, яъне таъмини амнияти миллӣ вобаста аст. Аз ин ҷост, ки ҳамаи халқҳо аз замонҳои қадим барои пойдории сулҳ ҳамчун ҷузъи таркибии амнияти миллӣ (давлатӣ) бо сарвату ҷони худ мубориза мебаранд. Аммо воқеияти имрӯза нишон медиҳад, ки сулҳу субот барои бисёр кишварҳо ҳанӯз ҳам орзуст (масалан, Афғонистон, Сурия, Сомалӣ ва ғ.). Коршиносон омилҳои мухталиферо, ки ба амнияти миллӣ (давлатӣ) таъсир мерасонанд - вазъиятҳои низоъ байни давлатҳо, ҷангҳои шаҳрвандӣ, низоъҳои миллӣ ва этникӣ, офатҳои табиӣ ва ғ. медонанд. Аммо ҳар фарди солимфикр эътироф мекунад, ки дар миёни ин омилҳо экстремизм ва терроризм хатарноктарин буда, метавонад ба амнияти давлатии ҳар кишвар хатари ҷиддӣ эҷод кунад. Далели он ки вақтҳои охир экстремизм ва ё терроризм беш аз пеш қувват мегирад ва нишон медиҳад, ки ин масъала то кадом андоза муҳимму ҳалталаб аст.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, “... бо дарки амиқи хатари рӯзафзуни терроризм ва экстремизм барои амнияти миллӣ, чунин таъкид намудаанд: Паёми имсолаи ман ба мақоми олии қонунгузори мамлакат ва мардуми шарифи Тоҷикистон дар замоне пешниҳод мегардад, ки вазъи ҷаҳони муосир торафт мураккабтар шуда, падидаҳои ниҳоят хатарноки асри нав – терроризм ва экстремизм доман паҳн мекунанд. Ҳамзамон, мубориза манфиатҳои абарқудратҳо барои

таҷдиди тақсими ҷаҳон бесобиқа шиддат гирифта, вазъи сиёсӣ дар сайёра боз ҳам печидатар ва муташанниҷтар мегардад. Дар баробари ин, бухрони молиявию иқтисодӣ дар бисёр кишварҳои ҷаҳон авҷ гирифтааст [197]”. Аз ин изҳорот маълум мегардад, ки экстремизм ва терроризм на танҳо таҳдиди мустақим ба амнияти миллӣ мебошанд, балки метавонанд боиси печидашавии вазъи сиёсию иқтисодӣ ва ба миён омадани бухронҳои фарогир шаванд. Пешвои миллат бо ишора ба ин таҳдидҳо аҳаммияти якдилии миллӣ, таҳкими сохторҳои давлатӣ ва татбиқи сиёсати муассирро дар пешгирӣ ва мубориза бо ин зуҳуроти хатарнок таъкид мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчанд ки вобаста ба масъалаи омӯзиши илмии экстремизм аз ҷониби Н.С. Абдуллоев [148, с. 175], В.А. Абдухамитов [149, с. 39], [117, с. 10-15], [118, с. 109-113], [119, с. 179], Н.А. Қудратов [131, с. 217-222], [59, с. 232], [130, с. 313-325], [158, с. 540], Б.Ш. Қурбонзода [159, с. 212], [135, с. 241-246], [134, с. 293-296], [133, с. 234-238], [132, с. 107-111], М.П. Ҳайдарзода [181, с. 221], [144, с. 101-109], [145, с. 77-88], А.Қ. Шарипов [182, с. 228], ҳамчунин як зумра олимони хориҷӣ, аз қабили В.Н. Арестов [151, с. 149], А.О. Безроков [152, с. 233], С.В. Борисов [154, с. 484], В.А. Бурковская [155, с. 469], Э.Т. Жээнбеков [157, с. 234] К.Ю. Мелшина [162, с. 268], Б.А. Милников [166, с. 177], А.А. Можегова [163, с. 169], А.И. Муминов [164, с. 19], А.В. Петрянин [168, с. 501], И.Н. Сенин [171, с. 218], Т.А. Сквортсова [172, с. 243], А.С. Скудин [173, с. 216], Е.В. Тукумов [175, с. 347], С.Н. Фридинский [177, с. 217], [178, с. 366], А.Г. Хлебушкин [179, с. 215], [180, с. 480], С.А. Юдичева [183, с. 219] ва дигарон корҳои зиёди илмие (дар сатҳи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ) анҷом дода шуда бошанд ҳам, то ҳол баъзе паҳлуҳои ин падидаи номатлуб, бахусус, масъалаи даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгарой) ва сафедкунии оммавии экстремизм таҳқиқоти иловагии бунёдиро (консептуалиро) талаб мекунад.

Масъалаи муқовимат ба экстремизм ва даъвати оммавӣ барои фаъолияти ифротгароӣ, инчунин сафедкунии оммавии экстремизм, яке аз масъалаҳои мубрами амнияти миллӣ ва суботи ҷомеаи муосир маҳсуб мешавад. Дар Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025, махсусан дар бандҳои 4–7, аҳамияти ин масъала бо далелҳои қавӣ асоснок карда шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамрадифи дигар кишварҳои минтақа, таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризмро эҳсос менамояд, ки ин хатарҳо ба амнияти миллӣ ва рушди устувори кишвар таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Бо мурури замон шаклу усулҳои амалисозии ҳамлаҳои террористӣ тағйир ёфта, доманаи фаъолияти гурӯҳҳои ифротӣ васеъ мегардад. Ин таҳаввулот, аз ҷумла интиқоли ҷангиён аз минтақаҳои Ироқу Сурия ба дигар минтақаҳо ва тақвияти мавқеи ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» дар Афғонистон, барои кишварҳои Осиёи Марказӣ хатарҳои ҷиддиро ба бор овардааст. Дар ин росто, фаъолияти гурӯҳҳои экстремистию террористие, ки дар Тоҷикистон манъ шудаанд, бо сохторҳои байналмилалии террористӣ робитаи устувор дошта, тавассути манбаъҳои маблағгузорӣ ва таҷрибаи ҷангии худ барои ноором сохтани вазъи минтақа талош меварзанд. Истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои иттилоотӣ ҳамчун абзори ҷалби ҷавонон ба сафи ин гурӯҳҳо, фаъолияти густурдаи таблиғотию ташвиқотии созмонҳои террористиро боз ҳам пурзӯр намудааст. Бинобар ин, муқовимати муассир ба экстремизм ва терроризм танҳо бо усулҳои низомӣ ва ҳуқуқӣ маҳдуд намешавад. Баръакс, он бояд фарогири таҳкими маърифати ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон, пешгирии бекорӣ, тарғиби арзишҳои миллӣ ва таҳкими фарҳанги таҳаммулпазирӣ бошад. Муҳофизати ҷомеа аз идеологияҳои ифротӣ танҳо бо ҳамкории давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои байналмилалӣ имконпазир аст. Дар ин замина, Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм ба

ҳайси як ҳуҷҷати муҳим накши муайянкунанда дорад, ки ҳадафи асосии он таҳкими амнияти миллӣ, таъмини суботи иҷтимоӣ ва муҳофизати ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мебошад» [16].

Бо дарназардошти вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ, зарурати иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ва мутобиқ сохтани қонунгузории ҷиноятӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ, қонунгузори ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар м.307$^{1}$ КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои даъвати оммавӣ ба содир кардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва (ё) сафедкунии оммавии чунин амалҳо пешбинӣ кардааст. Ин модда ҳамчун як унсури калидӣ дар низоми ҳифзи сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат қабул гардида, ҳадафи он таъмин намудани муҳофизати устувори давлатӣ аз таҳдидҳои марбут ба экстремизм мебошад. Қабули ин тадбир на танҳо як иқдоми ҳуқуқӣ, балки посухи мустақим ба таҳдидҳои рӯзафзун дар шароити муосири ҷаҳонӣ мебошад, ки дар он экстремизм ва ифротгароӣ ба унсурҳои асосии нооромсозии суботи миллӣ ва амнияти минтақавӣ табдил ёфтаанд.

Дар м.307$^{1}$ КҶ ҶТ, ки «Даъвати оммавӣ дар ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ)» ном дорад, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ дар ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ (қ.1) ва ҳамин кирдор, ки бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ё дар шабакаи интернет содир шуда бошад (қ.2) муқаррар гардид [6]. Бояд гуфт, ки барои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ (м.м.307$^{1}$, 307$^{2}$, 307$^{3}$, 307$^{4}$ КҶ ҶТ) муайян намудани мафҳуми «экстремизм» аҳаммияти хос дорад. Зеро бе муайян кардани мафҳуми экстремизм дар рафти таҳқиқот ба вуҷуд омадани нофаҳмӣ аз эҳтимол дур нест.

Таҳлили илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ, илмҳои сиёсатшиносӣ, диншиносӣ ва дигар илмҳои ҷамъиятшиносӣ гувоҳи он аст, ки то ҳол мафҳуми ягонаи умумиэътирофшудаи экстремизм дар арсаи ҷаҳон вуҷуд надорад. Бинобар ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мо мафҳуми экстремизмро аз

се нуқтаи назар, яъне илм, санадҳои байналмилалӣ ва санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва хулосабарорӣ намудем. Мафҳум, моҳият ва нишонаҳои экстремизм: таҳлили доктриналӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ

**Мафҳуми доктриналии (илмии) экстремизм.** Истилоҳи «экстремизм» аз калимаи лотинии «extremus» гирифта шуда, маънои «пайравии чораҳо ва ақидаҳои қатъӣ (ниҳоӣ, охирон)» - ро ифода мекунад, ки асосан дар заминаи сиёсӣ истифода мешавад [133, с. 234], [94, с. 942]. Дар таҳқиқотҳои илмӣ зикр мешавад, ки истилоҳи «экстремизм» таърихи тӯлонӣ надорад ва онро бори аввал дар аввали асри XX ҳуқуқшиноси фаронсавӣ М. Лерой ба доираи истилоҳоти илмӣ ворид кардааст. Мувофиқи андешаи муҳаққиқ М. Лерой, хусусияти фарққунандаи равияҳои сиёсии экстремистӣ дар он аст, ки онҳо аз пайравони худ на танҳо ҷонибдорӣ, балки боварии қатъӣ ва эътиқоди комилро нисбат ба ақидаҳои муайяни сиёсӣ талаб мекунанд. Ба таъкиди ӯ, ин гуна ҷараёнҳо бо рад кардани ҳама гуна мавқеи мухолиф ва таҳаммулнопазирӣ нисбат ба афкору арзишҳои дигар гурӯҳҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ хосият мегиранд. Аз ин нуқтаи назар, экстремизм на танҳо як зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ, балки як сохтори идеологӣ маҳсуб мешавад, ки тавассути ташаккули ҷаҳонбинии мутлақ ва бетағйир дар байни пайравони худ амал мекунад. Ин гуна равияҳо кӯшиш мекунанд, ки ба воситаи таълимоти сахтгирона, таблиғоти шадид ва паҳн кардани тафаккури якҷониба, эътиқоди бечунучаро ба ғояҳои худ ва радкунии комили ҳар гуна интиқод ё мухолифатро таъмин намоянд. Ҳамин тариқ, хусусияти экстремизмро метавон дар хусусиятҳои зерин мушаххас кард: назариёти таҳаммулнопазир, идеологияи мутлақгаро, водор кардани пайравон ба боварии комил ва истифодаи усулҳои радикалӣ барои амалӣ кардани ҳадафҳои сиёсӣ. Ин ҷанбаҳо нишон медиҳанд, ки экстремизм танҳо як ҳаракати сиёсӣ нест, балки як низоми фикрӣ ва идеологиест, ки бо

шаклҳои гуногуни зуҳурот ва таъсири иҷтимоӣ хосият мегирад. [116, с. 671]. Дар замони муосир, экстремизм ҳамчун мафҳум на танҳо дар сиёсат, балки дар соҳаҳои дигари иҷтимоӣ низ мавриди омӯзиш қарор гирифта, хатарҳои он ба амнияти миллӣ ва байналмилалӣ мавриди баҳодиҳӣ қарор мегирад.

Дар робита ба ин масъала муҳаққиқи ватанӣ Б.Ш. Қурбонзода дуруст ва асоснок қайд мекунад: Андешаи муҳаққиқоне, ки бар он ақидаанд, ки экстремизм (ифротгароӣ) ва терроризм (даҳшатафканӣ) падидаҳое мебошанд, ки инсониятро дар тӯли тамоми таърих ҳамроҳӣ намудаанд, беасос нест. Решаҳои онҳо хеле чуқуранд. Ҳанӯз дар даврони қадим, асрҳои миёна ва давраи нав гурӯҳҳои муташаккили сиёсию мазҳабӣ ва шахсони алоҳида вуҷуд доштанд, ки бо роҳи тарсонидан ва даҳшатофаринӣ кӯшиш мекарданд, ҳадафҳои худро ба дигарон таҳмил намоянд. Дар натиҷаи чунин амалҳо, одамони бегуноҳ қурбон мешуданд». Ин таъкид нишон медиҳад, ки экстремизм ва терроризм падидаҳои нав набуда, дорои таърихи тӯлонӣ мебошанд ва дар тӯли асрҳо бо шаклҳои гуногун зуҳур кардаанд. Дар ҳар давру замон, гурӯҳҳои сиёсӣ ва мазҳабие пайдо мешуданд, ки бо истифода аз зӯроварӣ ва таҳдид мекӯшиданд, таъсири худро ба ҷомеа таҳмил намоянд. Ин равандҳо то имрӯз боқӣ монда, бо таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фанноварӣ шаклҳои муосир ва мураккабтар касб кардаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши решаҳо, сабабҳо ва паёмадҳои ин зуҳурот на танҳо аз нигоҳи таърихӣ, балки аз ҷиҳати таҳлил ва пешгирии он дар шароити муосир аҳамияти хосса дорад. [134, с. 293-296]. Ақидаи Б.Ш. Қурбонзода дуруст аст, зеро экстремизм дар намудҳои гуногун (динӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва давлатӣ) ҳамқадами инсоният мебошад.

Бояд қайд намуд, ки сиёсат ҳамчун шакли ягонаи зуҳурёбии экстремизм ба ҳисоб намеравад. Мафҳуми экстремизм васеъ буда, шаклҳои зуҳурёбии он низ гуногунанд. Дар ин бора Ҷ.З. Маҷидзода

дуруст қайд менамояд, ки дар айни замон шакли ягонаи умумиэътирофшудаи экстремизм вуҷуд надошта, ба намудҳои он асосан экстремизми динӣ, сиёсӣ, миллӣ, экологӣ, давлатӣ, иқтисодӣ ва ғ. дохил мешаванд [89, с. 28-29].

Муҳаққиқи барҷастаи рус В.В. Лунеев вобаста ба масъалаи мафҳуми экстремизм қайд менамояд, ки: «Экстремизм ҳамчун ин ва ё он зиёдаравӣ дар ҳама гуна соҳаҳои фаъолият (сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, динӣ, давлатӣ - К.М.) мушоҳида карда мешавад ва вобаста аз вазъияти дар ҷомеа ба амал омада, метавонад ба баҳои мусбӣ ё манфӣ арзёбӣ гардад. Экстремизм дар илм, адабиёт, варзиш, дар муд, ҳайкалтарошӣ, дигар намудҳои санъат метавонад ба дигаргуниҳо, навигариҳо, ҷараёнҳои нав, мактабҳои нав оварда расонад. Аз ин ру, ба экстремизм танҳо баҳои манфӣ ва махсусан, хислати сиёсӣ - ҷиноятӣ додан қарори амиқи якҷониба, хато ё дар ниҳояти кор қарори шубҳаноки ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ ва криминологӣ мебошад» [136, с. 44-64].

Т.Ш. Шарипов ва Ҳ.С. Сафаров ақидаи муҳаққиқи рус В.В. Лунеевро тақвият медиҳанд ва бар он ақидаанд, ки экстремизм метавонад на танҳо дар сиёсат, инчунин дар ҳама гуна соҳаи ҳаёти ҷомеа (фарҳанг, варзиш, иқтисодиёт, экология ва ғ.), дар ҷое, ки манфиатҳо ва нуқтаи назарҳои гуногун бо ҳам бармехӯранд, зуҳур ёбад. «Ақоиди ниҳоӣ, охирин» ва чораҳо (вобаста ба субъектони ба амалбарорандаи фаъолияти экстеремистӣ) метавонанд бо воситаи асоснок намудани истифодаи зурӣ дар асоси ақоиди таҳрифшуда, нисбат ба мухолифон ё бе истифодаи зурӣ нисбати онҳо талқин карда шаванд. Хулосаи мазкур имконият медиҳад, ки шартан ду шакли экстемизмро аз як дигар ҷудо намоем: «экстремизм бо истифодаи зуроварӣ» ва «экстремизм бе истифодаи зуроварӣ» [146, с. 34-41].

Дар қиёс бо илмҳои сиёсӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «экстремизм» (фаъолияти экстремистӣ) маънои

васеътар дошта, номи умумии гурӯҳи кирдорҳои ҷиноятӣ аз лиҳози хусусият гуногунҷинс мебошад. Бо вуҷуди ин ки экстремизм, - менависад М.П. Ҳайдарзода, номи умумии гурӯҳи кирдорҳои ҷиноятии аз лиҳози хусусият гуногунҷинс аст, аломати умумии тамоми зуҳуроти он мавҷудияти унсури оммавият (таъсиррасонӣ ба шуури ҷавонон) аз рӯйи ангезаҳои динӣ, миллатгароӣ, сиёсӣ ё ангезаи дигар мебошад [181, с. 30].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба тафсири мафҳум ва моҳияти экстремизм ақидаҳои гуногун ва баҳснок ҷой доранд. Баъзе муҳаққиқон экстремизмро на ҳамчун маҷмӯи шаклҳои мутлақо тунди муборизаи сиёсӣ арзёбӣ мекунанд [72, с. 474], балки онро ҳамчун яке аз роҳҳои ҳал намудани зиддиятҳои иҷтимоӣ медонанд [156, с. 14]. Ин тафсирҳои мухталиф нишон медиҳанд, ки мафҳуми экстремизм дорои хусусияти чандҷониба ва мураккаб буда, вобаста ба шароити иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихӣ метавонад бо маъниҳои гуногун фаҳмида шавад. Ҳамин тариқ, баъзе муҳаққиқон онро шакли хатарноки муборизаи сиёсӣ медонанд, ки бо истифода аз зӯроварӣ ва таҳдид амалӣ мегардад, дар ҳоле ки дигарон ба он ҳамчун як василаи ифодаи норозигии иҷтимоӣ ва талош барои тағйироти сиёсӣ менигаранд.  Аз ин рӯ, баррасии мафҳуми экстремизм бояд бо дарназардошти хусусиятҳои таърихӣ, сиёсатҳои давлатӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ сурат гирад, то ки ба тафсири дақиқ ва дақиқсозии ҳуқуқии он мусоидат намояд.Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва илмӣ мафҳуми экстремизм аз нуқтаи назари гуногун арзёбӣ мешавад. Як гурӯҳи олимон экстремизмро ба соҳаи ҳуқуқ ва зумраи дигар ба соҳаи сиёсат шомил медонанд. А.Г. Залужний дар робита ба ин, чунин қайд менамояд, ки «... солҳои охир кӯшиши аниқ кардани моҳияти экстремизм аз нуқтаи назари ҳуқуқ, ба мисли пештара нисбати имконияти баҳодиҳии ҳуқуқии ин ҳодиса байни ҳуқуқшиносон баҳсро ба вуҷуд овардааст». Ба ақидаи А.В. Сигарев, мафҳуми экстремизм асосан дар муҳокимаи масъалаҳои сиёсӣ истифода мешавад.

Воқеан, экстремизм - пайравӣ намудан ба ақидаҳо ва ғояҳои ифротӣ, аз ҳад гузаштан дар назар дошта мешавад (асосан дар сиёсат) [94, с. 908]. Аз ин бармеояд, ки экстремизм аз ҳудуди муқаррарӣ гузаштани ақидаҳои сиёсӣ ва шакли фаъолияти сиёсӣ мебошад, ки барои ноилшавӣ, нигоҳ доштан, мустаҳкам ва ё ғасби ҳокимият равона гардидааст. Дар ҳақиқат, экстремизм бештар ба соҳаи сиёсии ҳаёти ҷомеа робита дорад ва дар шакли ибораи «экстремизми сиёсӣ» истифода мешавад.

Ба андешаи В.В. Устинов, «экстремизм ҳамчун ҳодисаи иҷтимоӣ - сиёсӣ чун яке аз шаклҳои муборизаи сиёсӣ дониста мешавад» [108, с. 16]. Чунин ақидаро муаллифони дигар низ ҷонибдорӣ мекунанд [168, с. 121]. Ба андешаи мо, танҳо сиёсатро ҳамчун роҳи ягонаи тавлиди экстремизм донистан нашояд. В.В. Устинов мафҳуми экстремизмро чунин шарҳ додааст: «Экстремизм - кирдори таҷовузкоронаи шахсе мебошад, ки ба меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҷамъият муносибати оштинопазир дорад, ба таври қатъӣ бо зуроварӣ ҳал намудани масъала, таҳаммулнопазириро ҳамчун арзиши олӣ дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ эътироф кардааст» [108, с. 16].

Мафҳуми экстремизм аз ҷониби А.Г. Хлебушкин чунин маънидод мешавад: «Экстремизм - фаъолияти зиддиҳуқуқие мебошад, ки ҳангоми амалӣ намудани он ба асосҳои сохти конститутсионӣ ё ба асосҳои конститутсионии муносибатҳои байнишахсӣ зарар мерасад ё таҳдиди расонидани зарарро ба вуҷуд меорад» [179, с. 12 ].

А. Раҳнамо бошад, экстремизмро чунин баён намудааст: «Эстремизм навъе тафаккур ё фаъолияти ҷамъиятиеро ифода мекунад, ки шахси пайрави он фақат ба бовариҳои худаш арзишу бартарӣ ноил буда, нисбат ба меъёрҳои мавҷудаи муҳит ва ҷомеа муносибати сахтгирона, бадбинона ва оштинопазир, яъне ифротӣ дорад» [99, с. 10].

Мо бо назари А.Г. Хлебушкин мувофиқ ҳастем, зеро воқеан, экстремизм як навъи фаъолияти зиддиҳуқуқӣ мебошад, ки дар раванди

амалисозии он ба асосҳои сохтори конститутсионӣ зарари ҷиддӣ расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад. Ин таъриф зарурати баррасии экстремизмро на танҳо ҳамчун як зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ, балки ҳамчун хатари воқеӣ ба суботи давлатӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ нишон медиҳад. Чунин муносибат ба масъалаи мазкур барои таҳия ва такмили механизмҳои ҳуқуқии пешгирии экстремизм ва таҳкими меъёрҳои ҳимояи сохтори конститутсионӣ аҳамияти хоса дорад.

Шартан экстремизм яке аз тарзҳои иштирок дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсир расонидан ба рафтор, шуур ва иродаи инсон мебошад, ки ба андешаи аксарият, бештар аз ҷанбаи таъсири манфӣ зоҳир мешавад. Экстремизм, инчунин бо тарзҳои гуногун ҳаллу фасл намудани мухолифати иҷтимоӣ, ки дар ин ё он соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд, низ баҳо дода мешавад. Аммо усулҳо ва шаклҳои гуногуни фаъолияти экстремистон аз доираи меъёрҳои қонун мебароянд, онҳо фаъолияти ташвиқотию тарғиботиро амалӣ гардонида, зӯроварии мушаххасро истифода мебаранд [64, с. 3]. Мушоҳида мешавад, ки зӯроварӣ нишонаи ҷудонопазири муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад [109, с. 365], лекин на ҳама чунин ақидаро ҷонибдоранд. Аслан, экстремизм худ аз худ сарчашмаи низоъ ва зӯроварист [156, с. 20].

Экстремизм ҳамчун падидаи иҷтимоӣ - сиёсӣ ва ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ, доимо бо талқини ақоиди таҳрифшудаи динӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ, миллатгароӣ ва маҳалгароӣ алоқаманд буда, экстремистон ба таври мунтазам истифодаи идеология ва амалҳои зӯровариро нисбат ба мухолифони худ раво медонанд. Ғояи истифодаи зӯроварӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ аз рӯйи ангезаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, миллатгароӣ, динӣ, нажодӣ ё маҳалгароӣ ба таври ошкоро ва пинҳонӣ роҳандозӣ гардида, экстремистон ҳеҷ гоҳ иродаи қувваҳои солими

ҷомеаро ифода наменамоянд. Экстремизм ҳамчун падидаи хавфноки сиёсӣ ва ҷиноятӣ, дорои ду шакли зуҳурёбӣ (зуроварона ва ғайризуроварона) буда, намудҳои маъмули он дар ростои мафҳумҳои «радикализм», «миллатгароӣ», «бунёдгароӣ» ва «нажодгароӣ» инкишоф ёфтаанд ва маҳаки асосии ба намудҳо ҷудо кардани экстремизми муосир ангезаҳои сиёсӣ, нажодпарастӣ, миллатгароӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва маҳалчигии он мебошанд [181, с. 35].

Мақсади созмонҳои экстремистӣ сафед кардани мафкураи истифодаи зурӣ нисбати ҳарифон ё бевосита истифода бурдани зуроварии оммавии руҳию ҷисмонӣ аз руйи ангезаҳои экстремистӣ мебошад. Вобаста ба ин, дар сатҳи маҳдуди маишӣ зуҳуроти экстремизм донистани истифодаи зуроварии ҷисмонӣ ё руҳӣ аз рӯйи ангезаҳои мазкур боиси тафсири васеи ин мафҳум мегардад, чунки ҳама ҷиноятҳои пешбининамудаи Қисми махсуси КҶ ҶТ - ро аз рӯйи ангезаҳои динӣ ва миллӣ содир намудан мумкин аст. Ҳол он ки экстремизм ва ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ҳамчун категорияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд ҳудуди аниқи муайяншудаи худро дошта бошанд. Ба назари мо, яке аз аломатҳои асосии фарққунандаи экстремизм ва ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ хосияти оммавии онҳост, яъне ангезаҳои экстремистӣ ҳамеша на барои қонеъгардонии манфиати маҳдуди маишӣ, балки дар сатҳи баландтари иҷтимоӣ зоҳир мешаванд. Экстремизм ҳамеша ба сафедкунии мафкураи зуроварӣ бо мақсади ҷалби ҳусни таваҷҷуҳ ва ҷонибдории теъдоди номаҳдуди одамон ҳамроҳ аст [181, с. 29].

Экстремизмро аз радикализм низ бояд фарқ кард. Экстремизм як тарзи фаҳмиш ва навъи тафаккур дар дохили худи инсон аст, аммо агар ин навъи тафаккур ба марҳилаи паҳншавӣ ва амал гузарад, он ба радикализм табдил меёбад. Радикализм «мафкураи дигаргуниҳои куллӣ дар ҷамъият», асоснок намудани мафкураи истифода бурдани

зуроварӣ барои ҳалли масъалаҳои гуногун дар ҳаёти ҷомеа мебошад. Шакли ниҳоии радикализм - ин ташвиқоти ғояи барангехтани ҷанг бо давлатҳои дигар ё генотсиди ягон қавм, гурӯҳи миллӣ дар дохили давлат мебошад. Одатан радикализм дар муҳите нумуъ меёбад, ки он зери таъсири таҷовузи беруна мондааст ё дар ҷамъияте, ки сохти сиёсиаш дар ҳолати фалаҷ қарор дошта, наметавонад ислоҳоти заруриро барои ҳалли масъалаҳои дохилии ҷамъияти мазкур амалӣ гардонад. Аммо роҳи радикалии ҳалли масъалаҳои дохилӣ онҳоро то дараҷае мерасонад, ки дуруст будан ё набудани ин роҳ номуайян мемонад. Радикализм дар талаб намудани натиҷаи мушаххаси мусбӣ зоҳир мегардад, ки ин маҳаки он мебошад [102, с. 23].

Ба андешаи мо, истилоҳи «радикализм» чун муродифи мафҳуми «экстремизм» фаҳмида мешавад. Аммо байни мафҳумҳои мазкур фарқияти намоён мавҷуд аст. Дар тафовут аз экстремизм радикализм ба мундариҷаи ин ё он ғояҳо (шояд на ҳамеша тунду аслгаро), дуввум, дар тарзҳои амалӣ сохтани онҳо асос меёбад.

Радикализм метавонад дар тафовут аз экстремизм, ки амалӣ аст, танҳо «ғоявӣ» бошад. Экстремизм, дар навбати аввал, диққатро ба усулҳо ва воситаҳои мубориза равона мекунад, ғояҳо бошанд, ба мавқеи дуюм мегузаранд. Оиди усулгаро будан нисбати ташкилотҳо, ҳизбҳо, ҳаракатҳо, гурӯҳҳои сиёсӣ, пешвоёни алоҳида сухан мекунанд. Радикализм ҳамеша тамоюли мухолиф (оппозитсионӣ) мебошад ва дар ҷомеа нақши вайронкунандаи суботӣ ва истиқрор дорад. Дар заминаи он ғояҳои тунди чапгаро ва ростгаро тавлид меёбанд, ки бо амалҳои мутобиқ ҳамшафатанд.

Ба андешаи олими ватанӣ А. Раҳнамо экстремизми динӣ, радикализми динӣ ва терроризми динӣ давоми мантиқии ҳамдигар буда, ҳалқаҳои пайвастаи як занҷиранд, ки дар маҷмуъ, тафаккур, амалия ва моҳияти гурӯҳҳои ифротгарои диниро ташкил мекунанд [99,

с. 13]. Мо низ ин андешаро дастгирӣ менамоем. Радикализм ин мафкураи дигаргуниҳои куллӣ дар ҷамъият, асоснок намудани мафкураи истифода бурдани зуроварӣ барои ҳалли масъалаҳои гуногун дар ҳаёти ҷомеа мебошад. Шакли ниҳоии радикализм - ин ташвиқоти ғояи барангехтани ҷанг бо давлатҳои дигар ё генотсиди ягон қавм, гурӯҳи миллӣ дар дохили давлат мебошад. Экстремизм ин радикализм дар амал аст. Аломатҳои радикализм - дар маъракаҳои гуногуни ифротгароёна зоҳир мешаванд, яъне радикализм дар майнаи сари инсон ва дар манзил, экстремизм - дар мушт ва майдонҳо зуҳур мекунад.

Экстремизм ин фаъолияти зиддиҳуқуқие мебошад, ки ҳангоми амалӣ намудани он ба асосҳои сохти конститутсионӣ зарар мерасонад ё таҳдиди расонидани зарарро ба вуҷуд меорад. Экстремизм яке аз тарзҳои иштирок дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсир расонидан ба рафтор, шуур ва иродаи инсон мебошад, инчунин бо тарзҳои гуногун ҳаллу фасл намудани мухолифати иҷтимоӣ, ки дар ин ё он соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд, дар назар дошта мешавад. Экстремизм мафкура ва амалияест, ки барои ҳалли муноқишаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва мазҳабӣ бо роҳи зуроварӣ ва дигар амалҳои зиддиконститутсионӣ равона карда шудааст.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, сиёсатшиносӣ ва дигар илмҳо пешниҳоди чунин мафҳуми илмии экстремизмро қобили қабул мешуморем. Экстремизм ҳамчун падидаи номатлуби ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад, ки дар он экстремистон дар асоси ақида ва эътиқоди умумии сиёсӣ, идеологӣ, миллатгароӣ, динӣ, нажодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, иқтисодӣ ва дигар самтҳо муттаҳид шуда, амалҳои ғайриқонунӣ бо ангезаҳои ифротгароӣ содир мекунанд, ки мақсад аз он ба таври зуроварӣ паҳн кардани чунин ақидаҳо ва решакан кардани ақидаҳое мебошад, ки аз ақидаҳои тарафдори онҳо

фарқ доранд. Албатта ин мафҳуми ягонаи экстремизм, ки дар доираи зербоби таҳлилшаванда бояд хулосабарорӣ карда шавад, нест. Зеро, пас аз таҳлили мафҳуми экстремизм дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо метавонем, мафҳуми консептуалии экстремизмро пешниҳод намоем.

***Мафҳуми экстремизм дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ.*** «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бар зидди экстремизм дар арсаи байналмилалӣ мавқеи фаъол дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бар зидди экстремизм дар сатҳи универсалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ якчанд санадҳои байналмилалиро эътироф кардааст ва бо давлатҳои алоҳида шартномаву созишномаҳои дуҷониба бастааст» [85, с. 51]. Миқёси паҳншавии экстремизм дар саросари ҷаҳон ҳукумати тамоми кишварҳоро водор мекунад, ки барои мубориза бо ин падидаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарнок чора андешанд.

М.П. Ҳайдарзода менависад, ки: «Таҳқиқи умумии мундариҷаи баъзе истилоҳҳое, ки бевосита мазмуни шаклу намудҳои алоҳидаи экстремизмро мекушоянд, зарур аст. Гарчанде дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таърифи барои ҳама мақбули мафҳуми «экстремизм» вуҷуд надорад, вале мафҳумҳои «табъиз», «ксенофобия» (бегонаҳаросӣ), «нажодпарастӣ», «таҳаммулнопазирӣ» ва як қатор вожаҳои дигар ҷойгузини ин падида мебошанд, ки на ҳамеша муродифи он ҳастанд. Дар ин робита, зарурати таҳияи мафҳуми универсалии «ҳуқуқии байналмилалӣ» ба миён омадааст, зеро аломатҳои чунин мафҳумро ҳамчун «васила универсалӣ» баҳри таъсиррасонӣ ба он мушаххас бояд намуд» [145, с. 77-88].

Ҳуҷҷати асосӣ дар сатҳи байналмилалӣ, ки самтҳои асосии мубориза бо экстремизмро муқаррар мекунад, Эъломияи умумии

ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 қабулшуда мебошад [57], [70, с. 43].

Истилоҳи «экстремизм» бори аввал дар «Эъломия оид ба чораҳои аз байн бурдани терроризми байналмилалӣ», ки бо қарори №49/60 Ассамблеяи Генералии СММ аз 9 декабри соли 1994 қабул шудааст, ба кор бурда шудааст. Дар ин санад таҳдиди терроризми асосёфта ба таҳаммулнопазирӣ ва экстремизм ҳамчун мушкили ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ зикр гардидааст. Тавре мушоҳида мекунем, Созмони Милали Муттаҳид (СММ) мафҳуми «экстремизм»-ро дар ҳуҷҷатҳои худ истифода бурда бошад ҳам, таърифи расмии онро пешниҳод накардааст. Танҳо иртиботи мустақими терроризм ва экстремизм таъкид шуда, аммо табиат ва марзҳои дақиқи ин мафҳум норавшан боқӣ мондаанд. Ин номуайянӣ боиси гуногунфаҳмии мафҳуми экстремизм дар сатҳи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ гардида, баҳсҳоеро дар робита ба муайянсозии чаҳорчӯби ҳуқуқии он ба миён овардааст.

Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ №58/174 аз 22 декабри соли 2003 экстремизмро ҳамчун таҳдид ба қонуният ва тартиботи байналмилалӣ арзёбӣ менамояд [41]. Бо дарки амиқи хатарҳои марбут ба экстремизм ва эътирофи терроризм ҳамчун шакли шадидтарини он, СММ то ҳол аз таҳия ва тасдиқи таърифи расмии «экстремизм» худдорӣ менамояд.

Дар як қатор санадҳои байналмилалии қабулнамудаи СММ, мафҳуми «экстремизм» бо истилоҳҳои дигар, аз ҷумла «нажодпарастӣ» [22], [17], [42], [40], «ксенофобия» [42], «миллатгароӣ» [39] ва ғайра синоним ҳисобида мешавад. Ҳамзамон, дар санадҳои меъёрии таҳиянамудаи СММ, маҳкумияти ҳуқуқии байналмилалӣ нисбат ба шаклҳои гуногуни зуҳуроти экстремизм, ки бо ангезаҳои миллӣ, нажодӣ ва динӣ алоқаманданд, таъкид мегардад. Мисоли равшани ин

раванд, Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ, ки 21 декабри соли 1965 қабул шудааст, ба ҳисоб меравад. Дар ин конвенсия мафҳуми «таъсуби нажодӣ» мустаҳкам гардида, фарқиятҳо ва табъизе, ки бар пояи нажод, миллат ва пайдоиши этникӣ асос ёфтаанд, ҳамчун нишонаҳои экстремизми нажодӣ ва миллигароӣ муайян карда мешаванд [33]. Ин равиш нишон медиҳад, ки ҷомеаи байналмилалӣ барои мубориза бо зуҳуроти мухталифи экстремизм ва таъсири он ба муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ тадбирҳои ҳуқуқиро тадриҷан тақвият мебахшад.

Ҳангоми муайян намудани мазмуни мафҳумҳои зикршуда дар алоҳидагӣ, беихтиёр аломатҳои экстремизми зуроварона ё ғайризуроварона ҷилвагар мешаванд. Масалан, дар Эъломияи Вена оид ба ҷинояткорӣ ва адолати судӣ: посухҳо ба хатарҳои асри XXI, ки дар Конгресси 10 - уми Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд – СММ) оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муомила бо ҳуқуқвайронкунандагон, ки 10 – 17 апрели соли 2000, таҳти №51/59 [17], [42], [40], қабул шудааст ва ин эъломия бо Қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ аз 4 декабри соли 2000, таҳти №55/59 [42] маъқул дониста шудааст, истилоҳи «бегонаҳаросӣ» («ксенофобия») ҳамчун муродифи «экстремизм» дарҷ гардидааст, аммо мазмуни ин истилоҳ шарҳ дода нашудааст.

Дар робита ба ин, муҳаққиқон Н.Т. Бунимович, Г.Г. Жаркова ва дигарон дар таҳқиқоти худ таъкид менамоянд, ки истилоҳи «бегонаҳаросӣ» («ксенофобия») маънои тарси шадид ва дурнашаванда аз одамони ношинос, ҳарос аз бегонагон, бадбинӣ, таҳаммулнопазирӣ, кина ва нафратро нисбат ба шахсони пайрави дин, фарҳанг ва миллатҳои дигар, аҷнабиён, намояндагони манотиқи мухталиф ва ҳатто ҳар чизи бегонаву ғайримаъмулист [80, с. 280]. Ба назари мо, азбаски дар таърифи мазкур амалҳои мушаххаси бевосита ба зӯроварӣ

даъваткунанда дар назар дошта нашудааст, онро метавон ҳамчун шакли ғайризӯроваронаи экстремизм баррасӣ кард. Ин навъи экстремизм бештар дар шакли таблиғи таҳаммулнопазирӣ, тафриқаандозӣ ва нафратпароканӣ зоҳир мегардад, ки метавонад заминаи равонии рушди шаклҳои шадидтар ва зӯроваронаи экстремизмро фароҳам созад. Бинобар ин, таҳқиқи бегонаҳаросӣ ҳамчун яке аз шаклҳои ғайризӯроваронаи экстремизм, ки дар сатҳи иҷтимоӣ ва идеологӣ амал мекунад, барои дарки амиқи падидаи экстремизм ва таҳияи стратегияҳои самарабахши пешгирии он аҳамияти хоса дорад.

Бояд ҳамзамон дар назар дошт, ки Шӯрои ҳуқуқи инсони Созмони Милали Муттаҳид дар қатъномаи худ «Ҳуқуқи инсон ва пешгирию мубориза бо экстремизми зӯроварона» аз 2 октябри соли 2015, №30/15, ба давлатҳо тавсия додааст, ки тадбирҳои мубориза бо терроризмро дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла ҳуқуқи башардӯстӣ, қонунҳо дар бораи гурезагон ва ҳуқуқи инсон таҳия ва амалӣ намоянд. Ин қатъънома давлатҳоро вазифадор мекунад, ки барои иҷрои ин тадбирҳо чораҳои мушаххас андешанд, то ки мубориза бо экстремизм ва терроризм бо риояи принсипҳои ҳуқуқи инсон ва меъёрҳои байналмилалӣ сурат гирад. Ҳамин тариқ, мубориза бо экстремизми зӯроварона на танҳо як вазифаи амниятӣ, балки як масъулияти байналмилалӣ буда, бояд бо риояи ҳуқуқу озодиҳои бунёдии инсон ва эҳтироми меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамоҳанг карда шавад.

Зикр намудан зарур аст, ки аксари санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки таҳти сарпарастии СММ таҳия шудаанд, асосан шакли эъломия доранд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо бештар тавсиявӣ буда, муҳтавои ҳатмии ҳуқуқӣ надоранд, ки кишварҳоро ба иҷрои онҳо ӯҳдадор созанд. Муҳимтар аз ин, чунин санадҳо на танҳо номгӯи дақиқи амалҳои экстремистӣ (ба истиснои терроризм) ва

хусусиятҳои онҳоро мушаххас намекунанд, балки инчунин механизмҳои муассири ҳамкориро миёни давлатҳо ҷиҳати муқовимат бо экстремизм дарбар намегиранд. Ин норасоии ҳуқуқӣ боиси он мегардад, ки кишварҳо дар асоси қонунгузории миллии худ ин падидаро тафсир ва бо он мубориза баранд, ки дар навбати худ метавонад ба номувофиқати меъёрҳо ва ихтилофоти ҳуқуқӣ дар сатҳи байналмилалӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, таҳияи ҳуқуқи байналмилалии ҳатмӣ бо маънои равшани экстремизм, муайянсозии механизмҳои ҳамкории байналмилалӣ, ва рушди стратегияи ягонаи мубориза бар зидди ҳама шаклҳои экстремизм яке аз масъалаҳои муҳим барои ҷомеаи ҷаҳонӣ боқӣ мемонад. [167, с. 105].

Таҳлили санадҳои байналмилалии дар боло зикршуда нишон медиҳад, ки ба гурӯҳи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ (террористӣ) амалҳое ворид карда шудаанд, ки дорои хатари ҷиддӣ ба амнияти байналмилалӣ ва суботи ҷомеа мебошанд. Ба ин гуна ҷиноятҳо дохил мешаванд ғасби ғайриқонунии ҳавопаймоҳо, ки ба бехатарии парвозҳо ва ҳаёти мусофирон таҳдид мекунад; ҳамла ба агентҳои дипломатӣ ва шахсони таҳти ҳимояи байналмилалӣ, ки ба муносибатҳои дипломатӣ ва амнияти шахсиятҳои расмӣ зиён мерасонад; гаравгонгирӣ, ки боиси таҳдиди ҷиддӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон мегардад; ҳамла ба амнияти ҳастӣ, ки метавонад сабаби офатҳои экологӣ ва харобиҳои бузург гардад; халалдор кардани бехатарии киштиронии баҳрӣ, ки ба фаъолияти иқтисодӣ ва амнияти байналмилалӣ таъсир мерасонад; ҳамла ба бехатарии платформаҳои устувори баҳрӣ, ки ба манфиатҳои энергетикӣ ва иқтисодии кишварҳо таҳдид мекунад; бомбгузории дорои хусусияти террористӣ, ки боиси хисороти ҷонӣ ва иқтисодӣ мешавад; маблағгузории терроризм, ки ҳамчун омил ва муҳаррики асосии густариши терроризм ва ифротгароӣ хидмат мекунад. Ин амалҳо, ки дар санадҳои

байналмилалӣ таъриф ва ба ҳайси ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ эътироф шудаанд, нишон медиҳанд, ки мубориза бо терроризм ва экстремизм бояд фарогир ва бо риояи меъёрҳои байналмилалӣ сурат гирад. Танҳо тавассути ҳамкории байналмилалӣ, механизмҳои ҳуқуқии мустаҳкам ва амалӣ намудани стратегияи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ метавон бо ин хатарҳо мубориза бурд ва амнияти байналмилалиро ҳифз кард. Аммо чунин рӯйхат дорои норасоӣ ва номукаммалӣ мебошад. Аввалан, ин рӯйхат ҳамаи амалҳое, ки метавонанд моҳияти «ҷиноятҳои террористӣ» дошта бошанд, фаро намегирад. Масалан, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъват ба фаъолияти террористӣ ё таблиғи чунин фаъолиятҳо, ки яке аз унсурҳои калидии густариши терроризм мебошад, дар он пешбинӣ нашудааст. Дуюм, дар баробари амалҳои воқеан террористӣ, ин рӯйхат амалҳоеро низ дар бар мегирад, ки бо хусусият ва ангезаи худ наметавонанд ҳамчун ҷиноятҳои террористӣ тасниф шаванд. Чунин амалҳо, аз ҷумла ҳамла ба платформаҳои статсионарӣ дар ҳудуди баҳрии континенталӣ, бештар ба масоили амнияти иқтисодӣ ё экологии баҳрӣ иртибот доранд ва ба мафҳуми классикии терроризм мувофиқ нестанд. Ин номукаммалӣ ва номувофиқатӣ нишон медиҳад, ки дар доираи байналмилалӣ то ҳол тасаввуроти возеҳ ва яксон дар бораи доираи амалҳое, ки бояд ҳамчун ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ё террористӣ тасниф шаванд, ташаккул наёфтааст. Барои таъмини самаранокии мубориза бо ин таҳдидҳо, зарурати коркарди таснифоти ягона ва мушаххаси амалҳои мазкур дар сатҳи байналмилалӣ пеш меояд.

Мазмуни санадҳое, ки дар доираи мубориза бо экстремизм аз ҷониби Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) таҳия шудаанд, дорои хусусиятҳои хоси худро дорад. Яке аз муҳимтарин дастовардҳои фаъолияти СҲШ дар ин самт Қабули Конвенсияи Шанхай оид ба

мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм мебошад, ки 15 июни соли 2001 ба имзо расидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ узви фаъоли ин созишнома ба ҳисоб меравад [56]. Ин Конвенсия ҳамчун як санади байналмилалии дорои аҳаммияти стратегӣ, ҳамкории байни давлатҳои аъзоро дар самти мубориза бо экстремизм танзим менамояд. Хусусияти хоси ин санад дар он аст, ки он муборизаро бо экстремизм на танҳо аз нигоҳи амниятӣ, балки бо дарназардошти хусусиятҳои хоси қонунгузории миллии ҳар як кишвари иштирокчӣ пешбинӣ мекунад. Ҳадафи асосии Конвенсия тақвияти ҳамкории байнидавлатӣ дар самти мубориза бо хатарҳои марбут ба терроризм, экстремизм ва сепаратизм мебошад. Ин ҳамкорӣ на танҳо мубодилаи иттилоот ва таҷриба, балки ҳамоҳангсозии чорабиниҳои амниятӣ ва таҳкими меъёрҳои ҳуқуқиро низ дар бар мегирад. Бинобар ин, аҳамияти Конвенсияи Шанхай на танҳо дар мушаххас кардани мафҳуми экстремизм ва механизмҳои муқовимат ба он аст, балки дар таъмини якпорчагии иқдомҳои давлатҳои аъзо дар самти таъмини амнияти минтақа низ нақши муҳим дорад.

Ҳадафи асосии он ташкили платформаи ягона барои ҳамоҳангсозии талошҳои кишварҳои узв ҷиҳати пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани таҳдидҳои марбут ба терроризм, сепаратизм ва экстремизм мебошад. Конвенсия на танҳо ҳамчун василаи қонунӣ барои мубориза бо ин зуҳурот амал мекунад, балки асос барои таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ дар ҳалли мушкилоти муштараки амниятӣ мегардад. Бо ин, кишварҳои узв имкони мутобиқ сохтани тадбирҳои миллии худ ба стандартҳои байналмилалиро пайдо намуда, механизмҳои муассири мубориза бо таҳдидҳои экстремистиро таҳия мекунанд.

Дар доираи татбиқи ҳадафҳои Конвенсияи Шанхай, 5 июли соли 2005 Консепсияи ҳамкории давлатҳои аъзои СҲШ дар мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм қабул гардид, ки дар он мақсад

ва принсипҳои калидии муқовимат бо экстремизм муқаррар шудаанд. Ин ҳуҷҷат ҳамчун як василаи муҳимми танзими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи амният ва мубориза бо таҳдидҳои экстремистӣ шинохта мешавад. Консепсияи терроризм ва дигар шаклҳои зуҳуроти экстремизмро новобаста аз ангезаҳо ва шахсони содиркардаи онҳо, ҳамчун амалҳои ғайриқонунӣ ва таҳдид ба суботи ҷамъиятӣ ва амнияти давлатҳо тасниф менамояд. Ин ҳуҷҷат бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои хоси ҳар як кишвари узв, самтҳои асосии ҳамкориро муайян мекунад, ки иборатанд аз: а) амалисозии тадбирҳои профилактикӣ барои пешгирӣ аз паҳншавии ғояҳои экстремистӣ ва ҷалби шахсон ба чунин фаъолиятҳо; б) ташкили ҳамкориҳои байни мақомоти амниятӣ ва ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои узв барои ошкор ва безарар кардани шабакаҳои экстремистӣ; в) роҳандозии тафтишоти ҳамоҳангшуда барои таҳқиқи ҷиноятҳои марбут ба экстремизм ва терроризм; г) табодули маълумот, таҷриба ва расонидани ёрии ҳуқуқӣ байни давлатҳои узв дар доираи қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ. Қабули ин Консепсия заминаи мустаҳкам барои ҳамоҳангсозии сиёсати кишварҳои узв дар мубориза бо экстремизм фароҳам оварда, як механизми муассир барои татбиқи чорабиниҳои мушаххас дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ фароҳам меоварад.

Дар Конвенсияи мазкур мафҳуми экстремизм низ пешбинӣ шудааст. «Мувофиқи м.1 Конвенсияи Шанхай аз 15 июни соли 2001 «Дар бораи мубориза бо терроризм, ҷудоихоҳӣ ва экстремизм» экстремизм – ин кирдори бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият ё бо роҳи зуроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият, инчунин бо роҳи зуроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии давлат, ҳамчунин бо роҳи зуроварӣ вайрон намудани амнияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла бо ҳамин мақсад ташкил намудани воҳидҳои ғайриқонунии мусаллаҳ ё иштирок

дар онҳо, ки бо тартиби ҷиноятӣ таъқиб карда мешаванд, мебошад» [85, с. 240].

М.А. Ҳадисов ҳангоми муқоисаи мафҳуми экстремизм дар Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи мубориза бо фаъолияти экстремистӣ» ва Конвенсияи Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) таъкид менамояд, ки мафҳуми дар Конвенсияи СҲШ зикршуда танҳо як шакли зуҳуроти экстремизмро дар бар мегирад, яъне тағйири зӯроваронаи асосҳои сохтори конститутсионӣ ва вайрон кардани якпорчагии давлат. Ба гуфтаи ӯ, новобаста ба ин, мафҳуми экстремизм дар Конвенсияи СҲШ нисбат ба қонунгузории миллӣ васеътар буда, бештар тобиши сиёсӣ дорад, на ҳуқуқӣ. Ин маънои онро дорад, ки ҳадафи асосии Конвенсия на танҳо танзими ҳуқуқии мубориза бо экстремизм, балки тақвияти ҳамкории стратегии кишварҳои аъзо дар самти таъмини амният мебошад. Бо вуҷуди ин изҳорот, Б.Ш. Қурбонзода дуруст қайд менамояд, ки Конвенсияи СҲШ ҳамчун намунаи ҳамкориҳои судманди Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя дар соҳаи таъмини амният хидмат мекунад. Ин санад на танҳо барои ҳамоҳангсозии сиёсатҳои зиддиэкстремистии давлатҳои аъзо, балки барои таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо таҳдидҳои амниятӣ, аз ҷумла терроризм, экстремизм ва сепаратизм, аҳамияти калон дорад. Дар натиҷа, новобаста ба фарқиятҳои мавҷуда дар таъриф ва ҳудуди ҳуқуқии мафҳуми экстремизм, Конвенсияи СҲШ ҳамчун як абзори муҳими байналмилалӣ барои таъмини субот ва амнияти минтақавӣ арзёбӣ мешавад [133, с. 235].

Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), ки Ҷумҳурии Тоҷикистон узви фаъоли он мебошад, дар таҳкими ҳамкорӣ ҷиҳати мубориза бо экстремизм ва ҷинояткорӣ нақши калидӣ дорад. Бо дарназардошти аҳамияти ҳамоҳангсозии талошҳои давлатҳои аъзои ин созмон, 17 феврали соли 1996 бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ

Кодекси ҷиноятии намунавӣ қабул гардид. Ин ҳуҷҷат хусусияти тавсиявӣ дошта, ба тавсеаи равишҳои умумии муқовимат бо ҷинояткорӣ равона шудааст. Он ба кишварҳои узв имкон медиҳад, ки бо дарназардошти хусусиятҳои миллии худ усулҳои муассири танзими ҳуқуқии мубориза бо ҷинояткориро интихоб ва татбиқ намоянд. Таҳия ва қабули ин Кодекс муҳим дар самти ҳамгироии ҳуқуқии давлатҳои ИДМ буда, барои таҳкими низоми адолати ҷиноятӣ ва самаранокии мубориза бо таҳдидҳои муосир мусоидат мекунад.

Кодекси ҷиноятии намунавӣ ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро низ дар бар мегирад, ки ба меъёрҳои шабеҳ дар КҶ ҶТ, ки 21 майи соли 1998 қабул шудааст, мутобиқ мебошанд. Ҳамоҳангсозии ин қонунгузориҳо барои ташкили як заминаи ҳуқуқии фарогир ҷиҳати мубориза бо экстремизм дар байни кишварҳои узв аҳаммияти хос дорад.

Дар идомаи талошҳо барои тақвияти ҳамкорӣ дар самти амнияти минтақавӣ, 15 майи соли 1992 кишварҳои узви ИДМ Шартномаи амнияти дастаҷамъиро ба имзо расониданд. Ин санад уҳдадориҳои кишварҳоро ҷиҳати худдорӣ аз истифода ё таҳдиди зурӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳалли осоиштаи ҳама гуна ихтилофҳо бо дигар давлатҳо пешбинӣ мекунад. Қабули ин санадҳо нишондиҳандаи аҳаммияти ҳамкории байналмилалӣ ва кӯшишҳои муштарак барои муқовимат бо таҳдидҳои глобалӣ, аз ҷумла экстремизм мебошад. Онҳо на танҳо ҳифзи амнияти минтақавиро таъмин мекунанд, балки ба ташаккули низоми қавии ҳуқуқӣ барои пешгирӣ ва мубориза бо ин зуҳурот мусоидат менамоянд.

21 июни соли 2000 кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), бо дарки афзоиши хатари ҷиноятҳои экстремистӣ ва таъсири онҳо ба суботи ҷомеа, «Барномаи давлатҳои аъзои ИДМ оид ба мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва дигар зуҳуроти

экстремизм барои давраи то соли 2003»-ро тасдиқ намуданд. Ин санад нахустин ҳуҷҷати қонунгузории муштарак дар самти муқовимат бо экстремизм дар доираи ИДМ ба ҳисоб рафта, заминаи устувор барои ташаккули ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо таҳдидҳои амниятӣ фароҳам овард. Мақсади асосии Барнома муттаҳидсозии кӯшишҳои кишварҳои узв дар муқобили терроризм ва дигар зуҳуроти экстремизм бо дарназардошти манфиатҳои миллии ҳар як давлат буд. Дар доираи ин Барнома, кишварҳои аъзо вазифадор шуданд, ки механизмҳои муштараки муборизаро таҳия ва татбиқ намуда, таҷриба ва иттилооти амниятиро ба таври доимӣ мубодила кунанд. Ин барномаи ҳамкорӣ на танҳо сиёсати умумии зиддиэкстремистии кишварҳои ИДМ-ро муайян кард, балки ҳамзамон барои таҳияи асноди ҳуқуқии минбаъда ва созишномаҳои ҳамкорӣ дар ин самт замина гузошт. Дар натиҷа, он нақши муҳиме дар таҳкими амният ва суботи минтақавӣ бозид.

Ҳамкориҳо бо усули давлатҳои манфиатдор ба роҳ монда шуда, ба тавозуни манфиатҳои миллӣ ва байналмилалӣ такя мекарданд. Яке аз натиҷаҳои калидии Барнома таҳияи Лоиҳаи Қонуни намунавӣ оид ба мубориза бо терроризми байналмилалӣ ва дигар зуҳуроти экстремизм буд, ки заминаи ҳуқуқӣ барои қабули қонунҳои миллӣ дар ин самт фароҳам овард. Дар доираи ин раванд, 8 декабри соли 2003 Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни миллии худро таҳти унвони «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» қабул кард. Ин қонун принсипҳо ва асосҳои ҳуқуқии мубориза бо экстремизмро муқаррар намуд, ки ба масъалаҳои зерин равона шудаанд: а) татбиқи сиёсати мутамарказ ва таъсиси механизмҳои ҳуқуқӣ барои мубориза бо экстремизм; б) ҳамоҳангсозии талошҳои миллӣ бо санадҳои байналмилалӣ ҷиҳати иҷрои ухдадориҳои Тоҷикистон дар самти муқовимат бо экстремизм; в) таъини чораҳои ҷазоӣ барои шахсони

дар фаъолияти экстремистӣ иштирокдошта; г) роҳандозии тадбирҳои пешгирӣ барои коҳиши хатари паҳншавии ғояҳои ифротгароӣ.

Қонуни мазкур на танҳо ба муқовимат бо экстремизм равона шудааст, балки ташаккули муҳити тоқатнопазирии иҷтимоӣ нисбати ин зуҳуротро низ дар ҷомеа ҳадаф қарор додааст. Ҳамин тариқ, Барномаи соли 2000 ИДМ ва қонуни миллии соли 2003 Тоҷикистон намунаи равшани ҳамгироӣ ва мутобиқсозии қонунгузорӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ мебошад.

Дар доираи лоиҳаи дар боло зикршуда барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои ИДМ «Луғатномаи истилоҳоту мафҳумҳои асосӣ дар соҳаи мубориза бо терроризми байналмилалӣ ва дигар зуҳуроти экстремизм» мувофиқа карда шуд. Мафҳуми экстремизм, ки дар ин луғат чунин ифода шудааст: Экстремизм на танҳо як зуҳуроти ҷиноятӣ, балки як падидаи серпаҳлу буда, ба соҳаи шуури ҷамъиятӣ, психологияи ҷамъиятӣ, ахлоқи идеологӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ таъсири амиқ мерасонад. Он метавонад дар сатҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз ҷумла дар муносибатҳои байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва этникӣ (экстремизми миллӣ), иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ (экстремизми сиёсӣ), инчунин дар доираи мазҳаб ва конфессияҳо (экстремизми динӣ) зуҳур ёбад. Дар ин замина, фаҳмиши дуруст ва ташхиси воқеии ин мафҳум барои пешгирӣ ва мубориза бо ифротгароӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ аҳамияти хоса дорад [143, с. 42-48].

Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизми байналмилалӣ тадбирҳои муҳим андешида, барои таъмини амният ва субот дар минтақа саҳми назаррас мегузорад. Дар ин раванд, 19 апрели соли 2001 Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ Қарори №17-4 «Дар бораи таъмини ҳуқуқии муқовимат ба терроризми байналмилалӣ ва дигар

зуҳуроти экстремизм дар қаламрави давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил»-ро қабул намуд. Ин санад муҳим ҷиҳати ҳамоҳангсозии сиёсати кишварҳои узв дар соҳаи мубориза бо терроризм ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ нақши калидӣ дорад. Аз ҷумла, дар он пешбинӣ шудааст, ки давлатҳои аъзои ИДМ бо пешниҳоди гузаронидани сессияи махсуси Созмони Милали Муттаҳид (СММ) оид ба масъалаҳои мубориза бо терроризм, инчунин таъмини риояи пурраи талаботи Конвенсияи байналхалқии зиддитерроризм ва дигар созишномаҳои дахлдор фаъолона иштирок намоянд. Ба хотири таҳкими ҳамкориҳои зиддитеррористӣ, Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ 26 августи соли 2005 «Барномаи ҳамкории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди терроризм ва дигар зухуроти зӯроварии экстремизм барои солҳои 2005 – 2007»-ро қабул намуд. Ин барнома ба вокуниши фаврӣ ва самараноки давлатҳои узв ба таҳдидҳои амниятӣ, рушди механизми мубодилаи иттилоот ва тақвияти ҳамкории байнисохтории кишварҳои ИДМ равона гардидааст. Қабули чунин қарорхо ва барномахо гувоҳи он аст, ки кишварҳои ИДМ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати муборизаи муассир бо терроризм ва экстремизми байналмилалӣ сиёсати фаъол ва ҳамоҳангро пеш мебаранд. Истифодаи таҷрибаи муштарак ва ҳамкорӣ дар ин самт омили муҳим дар ҳифзи субот ва амнияти минтақа мебошад. Дар доираи ин барнома тадбирҳои мушаххас барои амалӣ намудани амалҳои якҷояи кишварҳои узв дар мубориза бо ҷиноятҳои экстремистӣ пешбинӣ шуданд. Барномаи давлатҳои аъзои ИДМ оид ба мубориза бо терроризми байналмилалӣ ва дигар зуҳуроти экстремизм бо мақсади ҳамоҳангсозии талошҳои муштараки давлатҳои аъзо таҳия шуда, ба таҳкими чорабиниҳои самаранок дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ равона гардида буд. Ин Барнома на танҳо ҳамкориҳои байнидавлатиро тақвият бахшид, балки

барои таҳияи стратегияи ягона дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Дар доираи татбиқи ин Барнома, 14 майи соли 2009, дар ҷаласаи 32-юми пленарии Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ, Қарори №32-9 «Қонуни намунавӣ оид ба мубориза бо экстремизм» қабул гардид. Ин қонун бо дарназардошти таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ба сохти конститутсионӣ, амнияти давлат ва ҳуқуқу озодиҳои инсон таҳия шуда, барои кишварҳои узв заминаи ягонаи ҳуқуқӣ фароҳам меовард.

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои Қонуни намунавӣ таърифи дақиқи мафҳуми «экстремизм» мебошад, ки дар моддаи 1 чунин муайян шудааст: «Экстремизм – таҷовуз ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, инчунин ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, ки дар натиҷаи инкор намудани меъёру қоидаҳои ҳуқуқӣ ё дигар меъёрҳои умумэътирофшудаи рафтори ҷамъиятӣ сурат мегирад».

Ин таъриф экстремизмро ҳамчун хатари мустақим ба сохти давлатӣ ва суботи ҷамъиятӣ баррасӣ мекунад, ки на танҳо ба амнияти миллӣ, балки ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон низ таҳдид менамояд. Қабули чунин қонуни намунавӣ барои мутобиқсозии қонунгузории миллӣ дар кишварҳои узви ИДМ ва таъмини ҳамоҳангии мубориза бо экстремизм нақши муҳим бозид.

Муҳимияти ин таъриф дар он аст, ки он на танҳо ҷанбаҳои зоҳирии экстремизмро дар бар мегирад, балки ба инкор кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҷомеасоз, ки заминаи зуҳури равандҳои хатарзо мегарданд, ишора менамояд. Ин равиш имкон медиҳад, ки мубориза бо экстремизм на танҳо дар сатҳи ҷинояткорӣ, балки дар ҷанбаҳои идеологӣ ва иҷтимоӣ низ самаранок роҳандозӣ карда шавад. Қабули чунин қонуни намунавӣ барои ҳамоҳангсозии қонунгузории

кишварҳои узви ИДМ дар соҳаи мубориза бо экстремизм муҳим буда, барои такмили меъёрҳои ҳуқуқӣ ва таҳкими ҳамкории байнидавлатӣ дар ин самт замина мегузорад. Тоҷикистон, ҳамчун узви фаъол, метавонад бо дарназардошти хусусиятҳои миллии худ аз ин қонуни намунавӣ дар таҳияи санадҳои дахлдори ватанӣ истифода намояд [32]. Таърифи пешниҳодшуда ба ду ҷанбаи калидӣ такя мекунад:

1. Доираи муносибатҳои ҷамъиятии мавриди таҳдид қарордодашаванда, аз ҷумлаи асосҳои ҳимояшаванда, сохти конститутсионӣ, амнияти давлат, ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд шомиланд;

2. Ангезаҳои зуҳуроти экстремистӣ, яъне инкор кардани меъёру қоидаҳои ҳуқуқӣ ё дигар қоидаҳои рафтори ҷамъиятие, ки аз ҷониби ҷомеа эътироф гардидаанд, ҳамчун асоси ин амалҳо.

Таърифи мазкур на танҳо ҷанбаи ҳуқуқии мафҳуми «экстремизм» -ро мушаххас менамояд, балки ба таҳкими заминаи ҳуқуқӣ барои амалисозии чораҳои самаранок ҷиҳати пешгирӣ ва мубориза бо зуҳуроти экстремистӣ мусоидат мекунад. Қабули чунин қонун намунаи равшани ҳамкории байнидавлатӣ дар доираи ИДМ мебошад, ки ба таҳкими суботу амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ равона шудааст [43].

Вобаста ба ин, С.В. Борисов ва М.П. Ҳайдарзода таҳқиқот бурда, комилан дуруст қайд мекунанд, ки: «Омӯхтани ин Қонуни амсилавӣ, дар маҷмуъ, моро ба хулосае овард, ки он дар заминаи Қонуни федералии Федератсияи Россия аз 25 июли соли 2002, таҳти № 114 - ҚФ «Дар бораи муқовимат ба фаъолияти экстремистӣ» таҳия карда шудааст [154, с. 119], [144, с. 101-109]. Зимнан, ба фикри мо, ҳангоми таҳияи Қонуни амсилавӣ муаммоҳои зиёди қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ, ки он замон дар Россия ва кишварҳои дигари ширкаткунандаи ИДМ дар соҳаи мубориза бо экстремизм вуҷуд доштанд, ба назар

гирифта нашудаанд. Ба чунин муаммоҳо, хусусан то имрӯз, масъалаҳои зерин мансубанд: аввал, набудани тақсимот ё таносуби возеҳ миёни мафҳумҳои ҳуқуқии «фаъолияти экстремистӣ» (экстремизм) ва «терроризм», ки боиси ихтилоф дар таҳлили ҳуқуқӣ ва татбиқи қонунҳо мегардад; дуюм, набудани аломатҳои меъёран муайяншуда барои ба фаъолияти экстремистӣ (экстремизм) мансуб донистани ин ё он кирдор, ба истиснои номгӯи кирдорҳои дахлдор, ки ин метавонад ба таҳлили ғайриошкори ҳуқуқӣ ва татбиқи ноодилонаи қонунҳо оварда расонад; сеюм, шомил намудани ҳам кирдорҳои ҷиноятӣ ва ҳам қонуншиканиҳои маъмурӣ ба ин номгӯй, ки метавонад боиси нофаҳмиҳо дар муайянсозии дараҷаи хатари кирдор ва танзими ҳуқуқии он гардад. Ин мушкилот зарурати таҳия ва такмили меъёрҳои ҳуқуқии дақиқ ва таҳлилҳои амиқи илмиро барои фарқ намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ тақозо менамояд.

Албатта, чунин муаммоҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8-уми декабри соли 2003, тахти № 69, ки қаблан амал мекард, мавҷуд буд ва ҳамаи ин камбудиҳо ҳангоми қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2-юми январи соли 2020 таҳти № 1655 ба пуррагӣ бартараф карда шуданд. Аз ҷумла, дар қонуни амалкунандаи мазкур мо мафҳумҳои «экстремизм», «фаъолияти экстремистӣ», «ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта», ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта» ва ғ.ро, ки натиҷаи таҳқиқотамон маҳсуб меёфт, ба мақомоти қонунгузор манзур намудем, ки ҳамаи онҳо ба пуррагӣ вориди ин қонун гардиданд [181, с. 11-14]. Ба ғайр аз ин, тавре ки М.П. Ҳайдарзода дуруст қайд кардааст, қонунгузор дар баробари мафҳуми «фаъолияти экстремистӣ» боз дар м.3 қонуни амалкунандаи экстремизм ибораи

«фаъолияте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экстремистӣ дониста мешавад» - ро ворид карда, дар он аломатҳои фаъолияти экстремистиро, ки ба ҷиноятҳои гуногуни хусусияти экстремистидошта рост меоянд, дар бандҳои алоҳида пешниҳод намуд, ки ин то андозае боиси ҳаммонанд шудани қонуни амалкунандаи зиддиэкстремистии мо бо қонуни амсилавии зиддиэкстремистӣ шуд. Новобаста ба ин, камбудиҳо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» мавҷуд мебошанд [110, с. 36].

Таҳияи таърифи дақиқ ва фарогири экстремизм метавонад барои ҳамоҳангсозии қонунгузории кишварҳои гуногун ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ин падида заминаи устувор фароҳам оварад.

***Мафҳуми экстремизм дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*** 8 декабри соли 2003 бори аввал Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» қабул гардид. Дар моддаи 3-и Қонуни мазкур экстремизм ҳамчун изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо мақсади даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабӣ фаҳмида мешуд.

Пас аз Қонуни мазкур дар Тоҷикистон Стратегияи миллии ҶТ оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016 - 2020 қабул гардид. Бояд гуфт, дар Стратегияи мазкур мафҳуми экстремизм муқаррар нагардида буд, ки ин яке аз камбудиҳои асосии он аст.

26 декабри соли 2018 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо дарназардошти афзоиши хатари терроризм ва экстремизм дар ҷаҳони муосир, ба мақомоти дахлдор супориш доданд, ки ҷиҳати таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ ва таҳияи усулҳои муосири муқовимат ба ин зуҳурот тадбирҳои зарурӣ андешанд. 2 январи соли 2020,

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» имзо гузоштанд ва он расман ба иҷро даромад. Қабули ин қонун қадами муҳиме дар таҳкими муқовимат ба экстремизм ва таъмини амнияти миллӣ буда, он механизми ҳуқуқии муассир барои пешгирӣ, ошкор ва мубориза бо ҳама гуна зуҳуроти ифротгароӣ ва таҳдидҳои ба суботи ҷомеа хатарзо фароҳам оварد [85, с. 5].

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», зери мафҳуми экстремизм - ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст, дар назар дошта шудааст.

Дар асоси қонуни (соли 2020) мазкур дар Тоҷикистон Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар ҶТ барои солҳои 2021-2025 қабул гардид. Бояд гуфт, дар Стратегияи мазкур низ ба мисли Стратегияи қаблӣ мафҳуми экстремизм муқаррар нагардид [16].

Дар КҶ ҶТ дар м.м.$307^{1}$ (Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм), $307^{2}$ (Ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ)), $307^{3}$ (Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ)), ки ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ном гирифтаанд, ба монанди терроризм мафҳуми экстремизм дода нашудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки дар КҶ нави ҶТ мафҳуми ҳуқуқӣ - ҷиноятии экстремизм расман мустаҳкам карда шавад.

Бо назардошти таҳлили санадҳои ҳуқуқӣ - меъёрӣ ва адабиёти илмӣ - таҳқиқотӣ, ки ба масъалаи экстремизм бахшида шудаанд, аломатҳои зерини экстремизмро мушаххас намудан мумкин аст:

а) экстремизм ин амали (фаъолияти) муайян мебошад;

б) экстремизм истифодаи шаклҳо ва усулҳои фаъолияти дар ҳадди оштинопазири ниҳоӣ ва радикалӣ қарордошта мебошад. Мафҳуми «ниҳоӣ» дар асоси Конвенсияи Шанхай соли 2001  ҳамчун зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ фаҳмида мешавад. Вале экстремистон метавонанд кирдорҳое, ки бо истифодаи зуроварӣ алоқаманд нестанд, низ содир намоянд. Масалан, омода ва паҳн намудани маводи экстремистӣ, барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ;

в) агар экстремизмро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ арзёбӣ намоем, ба сифати аломати он - зиддиҳуқуқӣ будани фаъолияти экстремистӣ, яъне дар доираи қонун манъ будани онҳо дониста мешавад. Б.Ш. Қурбонзода дуруст қайд мекунад, ки кирдорҳои экстремистӣ аз ҷониби қонунгузор бо он сабаб зиддиҳуқуқӣ эътироф шудаанд, ки ба муносибатҳои муайяни дар ҷомеа мавҷудбуда таҷовуз меоваранд ва дар натиҷаи чунин таҷовуз ба ин муносибатҳо зарар ворид месозанд ё ин ки онҳоро таҳти хатари ворид намудани чунин зарар қарор медиҳанд [134, с. 293-296]. Амалҳои мазкур бо меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ (аз ҷумла м.м.307, $307^1$, $307^2$, $307^3$, $307^4$ КҶ ҶТ) маъмурӣ (аз ҷумла м.м. 374, 476, 477, 478 КҲМ ҶТ) ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ манъ карда шудаанд;

г) ба сифати субъектони фаъолияти экстремистӣ шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ баромад мекунанд. Масалан, барои тайёр кардан, нигоҳ доштан, воридот, ҳамлу нақл ва паҳн кардани маҳсули манъшудаи воситаҳои ахбори омма, маҳсулоти чопии манъшудаи дигар дар ҳудуди ҶТ ба ҷавобгарии маъмурӣ ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ кашида мешаванд. Ба сифати шахсони ҳуқуқӣ иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ, нашрияҳои воситаҳои ахбори омма ва ташкилотҳои дигарро дохил намудан мумкин аст.

Бо назардошти ин, хулосаи Б.Ш. Қурбонзода «вобаста ба он ки муқовимат ба зуҳури ҳама гуна ифротгароӣ дар ҶТ заминаи

конститутсионӣ дорад, асоснок буда, Конститутсияи ҶТ тамоми ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои инсон ва шаҳрвандро ҳимоя мекунад, ба таблиғи кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва мазҳабӣ ё даъват ба сарнагунии хушунатомези сохти конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ роҳ намедиҳад, паҳн кардани ақидаҳои бартарӣ, истисноӣ ё пастзании шаҳрвандонро дар асоси муносибати онҳо ба дин, манъ мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ё забонӣ мекунад [133, с. 235]».

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили мафҳуми экстремизм аз нигоҳи доктрина, санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ муаллиф дар консепсияи илмии худ вобаста ба мафҳуми экстремизм пешниҳоди асоснок намудааст ва мувофиқи он экстремизм – ин тамоюли дар сиёсат ба ақидаҳо ва ҳадафҳои ниҳоят радикалӣ асосёфта, ки ноил шудан ба онҳо асосан бо роҳи зуроварӣ, инчунин усулу воситаҳои ғайриқонунӣ сурат мегирад (масалан, терроризм, барангехтани кинаю адовати динӣ (мазҳабӣ), нажодӣ, миллӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, маҳалгароӣ барангехтани шӯришҳо мусаллаҳона ва ғ.).

Ҳамин тариқ, таҳлили натиҷаҳои бадастомада дар самти мафҳум, нишонаҳо ва моҳияти экстремизм имкон дод, ки хулосаҳои зеринро барорем:

1. Таҳлили санадҳои байналмилалии амалкунанда нишон медиҳад, ки ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ (террористӣ) як қатор амалҳои ҳуқуқвайронкунӣ, аз ҷумла ғасби ғайриқонунии ҳавопаймоҳо, ҳамла ба агентҳои дипломатӣ ва шахсоне, ки аз ҳимояи байналмилалӣ бархӯрдор мебошанд, гаравгонгирӣ, ҳамла ба амнияти ҳастаӣ, ҳамла ба амнияти киштиронии баҳрӣ, ҳамла ба амнияти платформаҳои устувори баҳрии континенталӣ, терроризм ва маблағгузории терроризм мансуб methoda дониста мешаванд. Аммо таҳлили ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки ин категорияи ҷиноятҳо пурра ба мафҳуми

экстремизм мутобиқ нестанд, зеро онҳо бештар хусусияти террористӣ дошта, ҳадафи онҳо метавонад на танҳо тағйироти зӯроваронаи низоми сиёсӣ, балки таҳдид ба амнияти байналмилалӣ ва суботи ҷамъиятӣ бошад. Бо дарназардошти ин ихтилоф ва номуайяниҳои мавҷуда, зарурати таҳияи мафҳуми умумиэътирофшудаи «экстремизм» дар сатҳи байналмилалӣ ба миён меояд. Пешниҳод мешавад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии таҳияшавандаи СММ мафҳуми экстремизм бо назардошти амалҳои зерин танзим карда шавад: ғасби зӯроваронаи ҳокимият ё нигоҳ доштани ҳокимият тавассути зӯроварӣ, тағйири сохтори конститутсионии давлат бо истифода аз зӯроварӣ, вайрон намудани амнияти ҷамъиятӣ тавассути амалҳои зӯроварона, ташкил намудани воҳидҳои ғайриқонунии мусаллаҳ ва иштироки фаъол дар онҳо. Ҷорӣ намудани мафҳуми дақиқ ва ҳуқуқӣ муайяншудаи экстремизм дар сатҳи байналмилалӣ барои ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ ва таҳкими мубориза бо ин падида дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ нақши муҳим хоҳад дошт. Ин имкон медиҳад, ки механизми ягонаи ҳуқуқии муқовимат ба экстремизм таҳия гардида, аз номувофиқатии фаҳмиш ва татбиқи он дар сатҳи давлатҳои гуногун ҷилавгирӣ шавад.

2. Экстремизм фаъолияти зиддиҳуқуқие мебошад, ки ҳангоми амалӣ намудани он ба асосҳои сохти конститутсионӣ зарар мерасонад ё таҳдиди расонидани зарарро ба вуҷуд меорад. Экстремизм яке аз тарзҳои иштирок дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсир расонидан ба рафтор, шуур ва иродаи инсон мебошад, инчунин бо тарзҳои гуногун ҳаллу фасл намудани мухолифати иҷтимоӣ, ки дар ин ё он соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд, дар назар дошта мешавад. Экстремизм мафкура ва амалияест, ки барои ҳалли муноқишаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва мазҳабӣ бо роҳи зуроварӣ ва дигар амалҳои зиддиконститутсионӣ равона карда шудааст.

3. Экстремизми имрӯза ба манфиатҳои ҶТ ва тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдид мекунад. Дар чунин шароит ҶТ дар ҷумҳурӣ ва ҷаҳон ташкил додани низоми муассири мубориза бар зидди экстремизмро вазифаи афзалиятноки худ мешуморад. Мубориза бар зидди экстремизм қисми таркибии таъмини амнияти на танҳо ҶТ, балки тамоми ҷомеаи чаҳонӣ мебошад.

4. Муаллиф дар консепсияи илмии худ вобаста ба мафҳуми экстремизм пешниҳоди асоснок намудааст ва мувофиқи он экстремизм - ин таъсиррасонӣ ба мафкура, ақидаҳо ва ҳадафҳои ниҳоят радикалӣ асосёфта, ки ноил шудан ба онҳо асосан бо роҳи зуроварӣ, инчунин бо усулу воситаҳои ғайриқонунӣ сурат мегирад (масалан, барангехтани кинаю адовати динӣ (мазҳабӣ), нажодӣ, миллӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, маҳалгароӣ барангехтани шӯришҳои мусаллаҳона ва ғ.).

5. Вобаста ба нишонаҳои экстремизм чунин ҳолатҳоро қайд кардан мумкин аст: аввалин аломати сохти таркибии экстремизм зарурати омӯзиши ин ниҳод ҳамчун ҳолати муайяни динамикӣ тағйирёбандаи муборизаи сиёсӣ мебошад. Аломати дуюм, бояд номгӯи мукаммали соҳаҳоеро (сиёсӣ, динӣ, ҷамъиятӣ, миллӣ, иқтисодӣ ва ғ.), ки мавриди ҳамлаҳои экстремистӣ қарор мегиранд, муайян намояд. Аз нуқтаи назари мо, ин соҳаҳое мебошанд, ки ба таъмини амнияти ҷамъиятӣ, фаъолияти муътадили сохти конститутсионӣ, инчунин сулҳу амнияти башарият нигаронида шудаанд. Аломати сеюм, ангезаи содир намудани ҷиноятро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, бояд ангезаҳои сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ, миллӣ ва мазҳабӣ баррасӣ шаванд. Аломати чоруми экстремизм зиддиҳуқуқӣ будани он аст.

## 1.2. Таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм мутобиқи қонунгузории кишварҳои аъзои ИДМ

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо дар масири кишварҳои аъзои ИДМ омилҳои номатлуб, аз қабили терорроризму экстремизм, қочоқи силоҳ ва маводи мухаддир, ҷиноятҳои фаромиллӣ ва монанди инҳо пайдо шудаанд, ки ба амнияти ҷамъияту давлат таҳдид мекунанд. Дар ин раванд мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ) қисми таркибии таъмини амнияти на танҳо ҶТ, балки тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Экстремизм дар миқёси ҷаҳонӣ ба сатҳи ташвишовар расида, бо хатари ҷиддии ҷамъиятӣ ба амнияти давлатҳо ва минтақаҳо таҳдид менамояд. Дар шароити кунунӣ, экстремизм ҳамчун ҷинояти дорои хусусияти трансмиллӣ шинохта шуда, мубориза бо он тақозои ҳамоҳангсозии пайваста ва ҳамкории мутақобилаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсусро ба миён мегузорад. Таҳдиди экстремизм имрӯз дар шаклҳои гуногун зуҳур меёбад, ки шомили истифодаи силоҳи ядроӣ, химиявӣ ва бактериологӣ, инчунин интихоб кардани объектҳои дорои аҳаммияти стратегии террористӣ барои анҷом додани кирдорҳои зуроварӣ мебошад. Бо дарназардошти паёмадҳои васеъ, экстремизм на танҳо як ҷинояти дохилидавлатӣ маҳсуб мешавад, ки ба манфиатҳои шахсони алоҳида, ҷомеа ва давлат зарар мерасонад, балки ҳамчун таҳдиде ба тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф мегардад. Дар ин замина, мубориза бо экстремизм на танҳо амали ватанӣ, балки як вазифаи муҳим ва ҳамгиро барои кишварҳои ҷаҳон мебошад ва тақозо мекунад, то дар сатҳи байналмилалӣ механизмҳои муассир барои пешгирӣ, ошкор ва бартарафсозии ин таҳдидҳо татбиқ шаванд.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки сатҳи пасти донишу таҷриба ва шуури ахлоқии нокифоя барои на ҳамаи афроди ҷомеа

имконияти дарки дурусти тамоюлҳои нави иҷтимоӣ ва сиёсиро фароҳам меорад. Аз ин рӯ, намояндагони баъзе қишрҳои ҷомеа, хусусан ҷавонон, дар баҳодиҳӣ, интихоби арзишҳо ва муносибатҳои ахлоқӣ ба хатогиҳо роҳ дода, баъзан ба сафи ҳизбу ҳаракатҳое шомил мегарданд, ки дорои хусусияти радикалии динӣ ва экстремистӣ мебошанд. Ин ҳолат, ки зери таъсири таҳаввулоти маънавию идеологӣ ва шароити нави иҷтимоӣ ташаккул меёбад, ба як муаммои ҷиддии ҷомеашиносӣ табдил ёфтааст. Бинобар ин, зарурати баррасии мутобиқшавии аъзоёни ҷомеа ба воқеияти нави маънавӣ ва сиёсӣ аз дидгоҳи нав ба миён омада, ин масъала ҳамчун яке аз муҳимтарин масоили фалсафаи иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад. Барои пешгирии чунин равандҳо, зарурати таҳкими маърифати ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи шуури ҷамъиятӣ ва таҳкими низоми тарбиявию ахлоқӣ беш аз пеш афзудааст [199].

Тавсеаи ҷаҳонишавӣ барои баъзе кишварҳо хатар маҳсуб шуда, дар вуҷуди инсонҳо эҳсоси ташвиш, тарс ва эътирозу мубориза зидди фарҳанги бегонаро тақвият бахшид. Аз ин лиҳоз, ҳимояи фазои иттилоотии ҷомеа аз паҳншавии мафкураи ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар марҳилаи кунунӣ ҳатмӣ мебошад. Ҳар яки мо дар баробари мақомоти давлатӣ вазифадорем, ки дар ҳимояи амнияти иттилоотии кишвар саҳмгузор бошем. Зеро пешгириву мубориза бо ифротгароии динӣ-сиёсӣ танҳо рисолату ваколати сохторҳои давлатӣ нест. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо уламои кишвар барҳақ гуфта буданд, ки: «Ифротгароӣ, таассуб, хурофот, коштани тухми хусуматҳои динӣ ва мазҳабӣ, дар роҳи дин қурбон шудани одамон, суиистифода намудан аз ислом бо мақсадҳои сиёсӣ, шахсӣ, гурӯҳӣ ва дигар амалҳои манфии барои ҷомеаи муосир хавфнок моро водор месозанд, ки дар ин самт тадбирҳои қатъӣ андешем» [200].

Бояд гуфт, ки ҷангҳои мазҳабӣ, низоъҳои байни миллатҳо, сепаратизми мусаллаҳона ва ирредентизми кишварҳо ва тамоми минтақаҳоро, бахусус, дар пасманзари мушкилоти дохили кишвар фаро гирифтааст. Хавфи ифротгароии динӣ ҳамчун мафкураи терроризми байналмилалӣ, ки дар асри XIX ба вуҷуд омада буд, ҳоло ба сатҳи ҷаҳонӣ расидааст. Ин, ба назари мо, яке аз вижагиҳои асосии муҳити байналмилалӣ дар ибтидои даҳаи сеюми асри XXI мебошад. Сабаб ё омилҳои бунёдии «пойдории» ифротгароии динӣ дар давлатҳои узви ИДМ, бахусус давлатҳои Осиёи Марказӣ мутаассибӣ, лафзпарастии беандеша ва бесаводии зеҳнӣ нисбат ба таъинот, ҳадаф ва моҳияти худи дин, сарчашмаҳои аввалиндараҷаи он мебошад. Амалҳои манфиатпарастонаи идеологии қувваҳои гуногуни берунӣ, ки ба ин минтақа мароқи зиёд доранд, низ муҳим аст. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки созмонҳо (ҳаракатҳои) ифротии динӣ, ки дар оянда тибқи пешгӯиҳои марказҳои таҳлилии ҷаҳонӣ, ба амнияти давлатҳои Осиёи Марказӣ хатари ҷиддӣ эҷод мекунанд, алоҳида муайян карда шавад. Инҳо, пеш аз ҳама, «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон», ҷунбишҳои радикал-экстремистии «Ҷамоати Таблиғ», «Салафия», «Ал - Қоида», «Толибон», «Ҳизби наҳзати ислом» ва монанди инҳо мебошанд. Чолишҳо ва таҳдидҳои тарафдорони ифротгароии динӣ ҳамгироии кишварҳои узви ИДМ - ро амиқтар мекунад.

Чӣ тавре, ки муҳаққиқони ватанӣ М.М. Акилова ва А.А. Малиновский қайд мекунанд: «Яке аз роҳҳои бартараф кардани муаммоҳо дар КҶ ин муқоисаи он бо КҶ давлатҳои дигар мебошад [150, с. 59], [87, с. 8-9]».

Дар доираи ин зербоб, мо, хусусиятҳои хоси қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ - ро таҳлил мекунем, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои даъвати оммавӣ ба амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм пешбинӣ менамоянд.

Пас аз барҳам хӯрдани ИҶШС, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ дар самти мубориза бо экстремизми динӣ ва дигар шаклҳои он ба таври фаъол рушд ёфт. Аммо афзоиши шумораи ҷиноятҳои террористӣ ва экстремистӣ дар даҳсолаҳои охир, ки дар як қатор кишварҳои аъзои ИДМ ба вуқуъ пайвастанд, ҳукуматҳои ин давлатҳоро водор сохтанд, то дар қонунгузории ҷиноятии худ муқаррароти мушаххас ҷиҳати муқовимат бо ин зуҳурот ворид намоянд. Таҳлил нишон медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ дар мубориза бо экстремизм ва терроризм самти фаъолона гирифта, ба тағйироти доимӣ мувофиқи таҳдидҳои муосир ниёз дорад. Ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар доираи ИДМ барои тақвияти самаранокии ин тадбирҳо нақши муҳим мебозанд.

Экстремизм, терроризм ва дигар ҷиноятҳои бо онҳо алоқаманд дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди маҳкумият қарор гирифтанд, бахусус, он кирдорҳое, ки дар заминаи динӣ ва этникӣ содир шуда буданд. Самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар мубориза бар зидди экстремизм, бахусус, экстремизми динӣ бевосита аз татбиқи меъёрҳои қонуне вобаста аст, ки барои ин ҷиноятҳо ҷавобгарӣ муқаррар мекунад.

Миқёси мушкилоти густариши ифротгароӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ аз қонунгузорони ҷомеаи мутамаддини ҷаҳонӣ тақозо менамояд, ки барои мубориза бо ин падидаи номатлуби иҷтимоию сиёсӣ чораҳои зарурӣ андешанд. А.Каширкина дуруст қайд мекунад, ки: «Фаъол гардидани давлатҳо дар мубориза бо экстремизми (ифротгароии) байналмилалӣ дар солҳои охир дар қабули як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки ба муқовимат ба ифротгароӣ, сепаратизм ва терроризми байналмилалӣ дар самти ҳамкории муштараки давлатҳо нигаронида шудаанд, зоҳир гардид» [125, с. 75-76]. Дар Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм омадааст, ки ин амалҳо, новобаста аз ангезаҳо, набояд сафед

карда шаванд ва ашхосе, ки ин ҷиноятҳоро (даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм – К.М.) содир кардаанд, бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. С.В. Борисов дар асари худ қайд мекунад: «Кишварҳои аъзои Конвенсияи Шанхай аз 15 июни соли 2001, ифротгароиро ҳамчун яке аз таҳдидҳо ба сулҳ ва амнияти байналмилалӣ, рушди муносибатҳои дӯстонаи байни давлатҳо, инчунин татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон эълон доштанд» [61, с. 24]. Муҳаққиқи дигар А.Г. Никитин бар он ақида аст, ки принсипи ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар мубориза бар зидди зуҳуроти зӯроваронаи ифротгароӣ далели рушди ҳамкориҳо дар масъалаи муқовимат ба фаъолияти ифротгароён мебошад» [138, с. 95-96]. Консепсияи мазкур низоми дидгоҳҳо оид ба шаклҳо ва самтҳои асосии ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ дар доираи ИДМ буда, ҳадаф, вазифа ва принсипҳои чунин ҳамкориҳоро муайян мекунад. Кишварҳои аъзои ИДМ Консепсияи ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризм ва дигар зуҳуроти хушунатомези ифротгароиро мутобиқи ухдадориҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллии худ дар ин самт қабул мекунанд. Бояд гуфт, ки ҳама гуна амали давлатҳо, ки ба муқовимат бо ҷиноятҳои экстремистӣ нигаронида шудаанд, бояд тибқи санадҳои байналмилалӣ сурат гирад. Ҳамчунин, тавре ки дар зербоби аввал қайд карда будем, зарур аст, ки созмонҳои байналмилалӣ таърифи ягонаи «экстремизм» - ро таҳия кунанд. Ҷиноятҳои экстремистӣ, бахусус, даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар дигар кишварҳои узви ИДМ низ хеле маъмуланд.

Ҳолатҳои болозикр шаҳодати он ҳастанд, ки таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ дар соҳаи мубориза бо экстремизм заминаи самараноке барои такмили минбаъдаи КҶ ҶТ дар

самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм мебошад.

Авҷ гирифтани экстремизм дар ҷаҳон ва Тоҷикистон, ташаккул ва фаъолияти бесобиқаи ташкилоту гурӯҳҳои экстремистӣ такмили заминаи ҳуқуқии фаъолияти зидди экстремистиро тақозо мекунад. Таҳияи шакли муассири рушди низоми миллии ҳуқуқии Тоҷикистон, аз ҷумла танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм, бешубҳа, бидуни омӯзиши қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ва муайян кардани афзалиятҳо ва нуқсонҳои он ғайриимкон аст.

Аз таҳлили КНҶ ИДМ [37] маълум гардид, ки дар он бевосита ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм муқаррар нагардидааст. Лекин бояд гуфт, ки дар м.295 КНҶ ИДМ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои тағйир додани сохти конститутсионӣ муқаррар гардидааст, ки намуди махсуси даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм мебошад. Даъвати оммавӣ ба тағйир додани сохти конститутсионӣ, ки дар м.295 КНҶ ИДМ муқаррар гардидааст, дар даъватҳои оммавӣ барои бо роҳи зуроварӣ забт кардани ҳокимияти давлатӣ ё бо зурӣ нигоҳ доштани он, бо зурӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ё бо зуроварӣ вайрон кардани тамомияти арзии давлат ифода гардида, ба гурӯҳи ҷиноятҳои дараҷаи миёна шомил гардидааст. Бояд гуфт, ки даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зуроварӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зуроварӣ тағйир додани сохтори конститутсионӣ ва ҳаракатҳое, ки ба барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) равона шудаанд, ҳамчун

фаъолияти экстремистӣ баҳо дода мешаванд.

Даъвати оммавӣ ба тағйир додани сохти конститутсионӣ, ки дар м.295 КНҶ ИДМ муқаррар гардидааст, нисбат ба даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм маҳдуд буда, аввал ҳамчун категория ҷузъ ва дуввум ҳамчун кулл баромад мекунанд.

Таҷрибаи давлатҳои аъзои ИДМ вобаста ба даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм чунин аст:

***1. Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*** Ҷумҳурии Ӯзбекистон пас аз барҳам хӯрдани ИҶШС дар ҳайати ИДМ аввалин давлате мебошад, ки 22 сентябри соли 1994 Кодексии ҷиноятии худро қабул намуд, ҳатто пеш аз КНҶ ИДМ, он аз 1 апрели соли 1995 қувваи қонунӣ пайдо кард. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон то соли 2018 қонуни махсус дар бораи муқовимат ба экстремизм вуҷуд надошт ва кирдорҳое, ки бо экстремизм алоқаманд буданд, тавассути КҶ Ӯзбекистон (м.м.244.1 ва 244.2) барои таҳия, паҳн ё нигоҳ доштани маводҳои дорои ғояҳои экстремизми динӣ, инчунин барои таъсис, роҳбарӣ, иштирок дар ташкилотҳои динии хусусияти экстремистӣ ҷавобгарӣ муқаррар мекунанд. Дар КҶ Ӯзбекистон мазмуни худи мафҳуми «экстремизм» ошкор карда нашудааст. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон айни замон низоми мукаммали институтсионалӣ - ҳуқуқии муқовимат ба экстремизм ва терроризм таъсис дода шудааст. Асоси ҳуқуқии онро Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, чор қонун, даҳ фармон ва қарорҳои Президенти кишвар, зиёда аз 50 қарори ҳукуматӣ, байнисоҳавӣ ва идораҳо ташкил медиҳанд [194]. Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» [31], ки 30 июни соли 2019 қабул гардид, бевосита доир ба масъалаи даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм меъёри мушаххас пешбинӣ накард, ки ин яке аз

камбудиҳои Қонуни мазкур мебошад.

Дар КҶ Ӯзбекистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои як қатор амалҳое, ки ба амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ таҳдид мекунанд, пешбинӣ шудааст. Ин амалҳо, ки ба гурӯҳи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ шомиланд, дар моддаҳои зерин муайян гардидаанд: 1. м.244[1] - истеҳсол, нигоҳдорӣ, паҳн ё намоиши маводҳое, ки ғояҳои экстремизми динӣ, сепаратизм ва фундаментализмро дар бар мегиранд, ҳамчунин даъват ба бетартибиҳо, ихроҷи маҷбурии шаҳрвандон ё ба вуҷуд овардани ваҳм дар байни аҳолӣ. 2. м.244[2] - ташкил, роҳбарӣ ё иштирок дар фаъолияти ташкилотҳои динии экстремистӣ, сепаратистӣ, фундаменталистӣ ё дигар ташкилотҳои манъшуда. 3. м.244[3] - истеҳсол, нигоҳдорӣ, воридот ё паҳн кардани маводи дорои мазмуни динӣ, ки бо мақсади паҳн кардани ғояҳои зиддиқонунӣ истифода мешаванд. Таҳлили таркиби ҷиноятҳои мазкур, бахусус, м.244[1], нишон медиҳад, ки ин ҷиноятҳо аз ҷиҳати моҳият ба даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм шабоҳат доранд. Моддаи мазкур ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад: истеҳсол ё нигоҳдорӣ бо мақсади паҳн кардан, маводҳое, ки ғояҳои экстремистии динӣ, сепаратизм ва фундаментализмро тарғиб мекунанд; даъват ба бетартибиҳо ва таҳрик додани ваҳм, талош барои вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарии аҳолӣ; нишонаҳо ва рамзҳои экстремистӣ, истифодаи атрибутика ё рамзҳои мансуб ба ташкилотҳои динӣ - экстремистӣ ё террористӣ.

КҶ Ӯзбекистон ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки чунин ҷиноятҳо на танҳо ба тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти давлат таҳдид мекунанд, балки бо паҳн намудани ғояҳо ва маводи экстремистӣ боиси ташвиқи амалиёти ғайриқонунӣ мегарданд. Тадбирандешии ҳуқуқӣ барои ин амалҳо намунаи ҷиддии муносибат ба муқовимат бо экстремизм ва таъмини амнияти миллӣ мебошад.

КҶ Ӯзбекистон ва қонунҳои соҳавии он сафедкунии оммавии экстремизмро ҳамчун кирдори мустақили ба ҷамъият хавфнок пешбинӣ нагардидааст.

Вобаста ба объекти хелӣ ва намудӣ ин гурӯҳи ҷиноятҳо аз КҶ ҶТ ва дигар КҶ давлатҳои аъзои ИДМ тафовут доранд. Ҳамин тавр, объекти хелии ин ҷиноятҳо амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъитӣ (дар ҶТ ҳокимияти давлатӣ) ва ба сифати объекти намудии онҳо бошад, амнияти ҷамъиятӣ (дар ҶТ асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ) баромад мекунад.

Дар боби 9 КҶ Ӯзбекистон, ки ҷиноятҳо ба муқобили Ҷумҳурии Ӯзбекистон ном гирифтааст, ба монанди КНҶ ИДМ намуди махсуси даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) - ро дар м.159 (Таҷовуз ба сохти конститутсионии Ҷумҳурии Ӯзбекистон) муқаррар намудааст. Дар м.159 КҶ Ӯзбекистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъватҳои оммавӣ ба тағйири ғайриконститутсионии сохти мавҷудаи давлатӣ, ғасби ҳокимият ё аз қудрат дур кардани намояндагони қонунӣ интихобшуда ё таъиншудаи ҳокимият ё ба вайрон кардани ғайриконститутсионии ягонагии қаламрави Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин тайёр, нигоҳдорӣ бо мақсади паҳн кардани мавод бо мазмуни содир намудани чунин ҳаракатҳо пешбинӣ шудааст.

***2. Ҷумҳурии Қирғизистон.*** Дар Қирғизистон пас аз барҳамхӯрии ИҶШС КҶ ду маротиба қабул гардидааст. Таҳлили ин кодексҳо [46] нишон дод, ки таркиби мустақил барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм бевосита муқаррар нагардидааст. Дар КҶ нави Қирғизистон [47] ҷавобгарии ҷиноятӣ барои барангехтани кинаю адовати нажодӣ, этникӣ, миллӣ, динии байниминтақавӣ (нафрат) (м.330), таъсис ва маблағгузории ташкилоти экстремистӣ (м.331) ва тайёр ва паҳн кардани

маводи экстремистӣ (м.332) муқаррар карда шудааст. Ҳамчунин дар м.327 КҶ Қирғизистон барои даъвати оммавӣ барои бо роҳи зурӣ ғасб кардани хокимият, дар даъватҳои оммавӣ барои бо зуроварӣ ғасб кардан ё бо зурӣ нигоҳ доштани ҳокимият, инчунин бо роҳи зуроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ифода мегардад, муқаррар гардидааст. Бояд гуфт, ки тайёр ва паҳн кардани маводи экстремистӣ (м.332) ва даъвати оммавӣ барои бо роҳи зурӣ ғасб кардани хокимият (м.327) намуди махсуси даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) мебошанд. Сафедкунии экстремизм мувофиқи КҶ амалкунандаи Қирғизистон ҷиноят ба ҳисоб намеравад. Лекин, бояд қайд намуд, ки дар КҶ аз эътибор соқитшудаи Қирғизистон соли 1997, мушахассан, дар диспозитсияи м.226-6 чунин меъёр муқаррар гардидааст, ки ба даъвати оммавӣ барои анҷом додани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм ишора мекунад. Мувофиқи муқаррароти м.226-6, ки таҳти унвони «Эътирофи (тасдиқи) оммавии фаъолияти террористӣ ё экстремистӣ» қарор дорад, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои эътирофи оммавии чунин фаъолиятҳо тавассути суханронии оммавӣ, истифодаи воситаҳои ахбори омма ё интернет пешбинӣ шудааст. Ин ҷавобгарӣ дар ҳолатҳое татбиқ мегардад, ки аломатҳои даъват ба анҷом додани фаъолияти террористӣ ё экстремистӣ ё сафедкунии оммавии терроризм ва экстремизм мавҷуд набошанд. Ҳамзамон, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои истифодаи ғайриқонунии рамзҳо ё аломатҳои марбут ба ташкилотҳои террористӣ ё экстремистӣ низ муқаррар шудааст, ки ин амалҳо дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ барои ҳуқуқвайронкунии монанд содир мешаванд. Ин муқаррарот ба таври дақиқ шарҳ медиҳад: 1. Амалҳое, ки бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ё интернет ба эътирофи фаъолиятҳои экстремистӣ ё террористӣ рабт доранд. 2. Содир шудани ин амалҳо дар шароити набудани аломатҳои дигар ҷиноятҳо, вале пас аз таъйини ҷазои

маъмурӣ дар давоми як соли охир. Моддаи мазкур ба густариши механизми ҳуқуқии пешгирӣ аз паҳншавии ғояҳои террористӣ ва экстремистӣ тавассути воситаҳои ахбори омма ва интернет равона гардида, як қадами муҳим дар муқовимати ҳуқуқӣ бо ин зуҳуроти хатарнок мебошад.

Ҳарчанд, ки дар диспозитсияи м.226-6 сухан дар бораи мавҷуд набудани аломатҳои даъват ба анҷом додани фаъолияти террористӣ ё экстремистӣ ё сафедкунии оммавии терроризм ё экстремизм меравад, чунин таркиби ҷиноят, аслан, дар ин КҶ вуҷуд надорад, ба истиснои даъват ба анҷом додани фаъолияти террористӣ ё сафедкунии оммавии терроризм (м.226-3).

24 феврали соли 2023 дар Ҷумҳурии Қирғизистон Қонуни нав «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» [27] қабул гардид ва ин Қонун низ муқарраротеро дар бораи сафедкунии оммавии экстремизм ва даъвати оммавӣ барои ба амал баровардани амалҳои экстремистӣ пешбинӣ нанамудааст.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои экстремистӣ дар бобҳои гуногуни КҶ Қирғизистон пешбинӣ шудааст, ки аз гуногун будани объектҳои ин ҷиноят шаҳодат медиҳад.

***3. Ҷумҳурии Қазоқистон.*** Таҷрибаи Қазоқистон дар танзими ҳуқуқии экстремизм ҳамшабеҳи таҷрибаи Қирғизистон мебошад. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи мубориза бо экстремизм», мафҳуми экстремизм ҳамчун маҷмуи амалҳое муайян карда шудааст, ки ҳадафи онҳо бо истифодаи зӯроварӣ таҳдид ба сохти конститутсионӣ, амнияти миллӣ ва якпорчагии давлат мебошад [38]. Тибқи қонун, экстремизм дар кирдорҳои зерин тасниф мегардад: талош барои бо зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ; вайрон кардани соҳибихтиёрӣ, тамомият ва дахлнопазирии қаламрави Қазоқистон; паст задани амнияти миллӣ ва иқтидори мудофиавии давлат; зӯроварӣ барои

ғасби ҳокимият ё нигоҳдории он; таъсиси созмонҳои ғайриқонунии ҳарбӣ, роҳбарӣ ё иштирок дар онҳо; ташкили шӯриши мусаллаҳона ва иштирок дар он; барангехтани кинаю адовати иҷтимоӣ ва синфӣ; даъват ба хушунат ё истифодаи зӯроварӣ дар асоси чунин кинаю адоват; истифодаи анъанаҳои динӣ барои барангехтани хушунат ё адоват. Ин таснифот таъкид мекунад, ки экстремизм ба маҷмуи амалиёте марбут аст, ки аз зӯроварӣ ё таҳдиди он барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, миллӣ ё динӣ истифода мебарад. Қонуни мазкур ҳамчун воситаи калидӣ барои танзими ҳуқуқӣ ва пешгирии экстремизм дар Қазоқистон қабул гардида, ба таҳкими амнияти миллӣ ва суботи ҷамъиятӣ равона шудааст.

Мақсад аз нишон додани мафҳуми болозикр дар он аст, ки дар м. 179 КҶ Қазоқистон, ки даъвати оммавӣ барои ғасб кардан ё нигоҳ доштани ҳокимият, инчунин ғасб кардан ё нигоҳ доштани ҳокимият ё бо зӯрӣ тағйир додани сохти конститутсионии Қазоқистон ном дорад, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таблиғ ё даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ ғасби ҳокимият ё бо зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият бо вайрон кардани Конститутсияи Ҷумҳурии Қазоқистон, халалдор кардани амнияти давлат ё бо зӯрӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Қазоқистон, инчунин истеҳсол, нигоҳдорӣ бо мақсади паҳн кардан ё паҳн кардани маводи дорои чунин мазмун ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар кардааст. Таҳлили м. мазкур нишон медиҳад, ки дар он ҳамаи нишонаҳои фаъолияти экстремистӣ дида мешаванд ва инро мо метавонем, ки ҳамчун даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) маънидод намоем. Бинобар мавҷудияти м.179 дар КҶ Қазоқистон [50] қонунгузор таркиби мустақилро барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) бевосита муқаррар накардааст.

Сафедкунии оммавии экстремизм дар КҶ Қазоқистон умуман мушоҳида намешавад.

***4. Ҷумҳурии Беларус.*** Дастоварди муҳим дар мубориза бо экстремизм дар доираи КҶ Беларус, ин муқовимати самаранок ба экстремизм ва терроризм ҳамчун радикалтарин шакли зуҳури экстремизм (ифротгарой) мебошад. Бо назардошти хусусияти фаромиллӣ, инчунин ангезаҳо ва ҳадафҳои гуногуни экстремизм, КҶ Беларус як қатор унсурҳои кирдорро муқаррар кардааст, ки бевосита масъулияти амали экстремизмро муқаррар мекунанд. Меъёрҳои КҶ Беларус, ки дар онҳо бевосита аломатҳои ифротгароии динӣ мавҷуданд ва дар моддаҳои зерин пешбинӣ шудаанд: м.361[1] «Таъсиси ташкилоти экстремистӣ», м.361[2] «Маблағгузории фаъолияти сохтори экстремистӣ» ва м.361[3] «Иштирок дар қаламрави давлати хориҷӣ дар воҳидҳои мусаллаҳ ё даргириҳои мусаллаҳона, амалиёти низомӣ, ҷалб ё омода кардани шахсон барои чунин иштирок», м.361[4] «Ёрӣ расонидан ба фаъолияти экстремистӣ» ва м.361[5] «Гузаштан аз таълим ё омодагии дигар барои иштирок дар фаъолияти экстремистӣ» [49] мебошад. КҶ Беларус, ба монанди КҶ Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон дар м.361 барои даъват ба амалҳое, ки ба амнияти берунии Ҷумҳурии Беларус, истиқлолият, тамомияти арзӣ, амнияти миллӣ ва иқтидори мудофиавии он зарар мерасонанд, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намудааст.

Меъёрҳои таҳлилшаванда дар боби 32 КҶ Беларус «Ҷиноятҳо бар зидди давлат», фасли XIII «Ҷиноятҳо бар зидди давлат ва тартиби амалӣ намудани ҳокимият ва идоракунӣ» ҷойгир шудаанд. Дар КҶ ҶТ низ ҳамин гуна меъёрҳо мавҷуданд, бинобар ин, таҳлили муфассали онҳо зарурият надорад.

Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии КҶ Беларус, ки ба муқовимат ба ифротгарой нигаронида шудааст, нишон медиҳад, ки равиши татбиқи қонунгузорӣ мусбат аст. Дар Ҷумҳурии Беларус Қонуни алоҳида «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» аз соли 2007 амал мекунад ва дар он мафҳуми экстремизм ва фаъолияти экстремистӣ ба таври возеҳ ва васеъ

муқаррар карда шудаанд. Лекин бояд гуфт, ки КҶ Беларус меъёрҳои худро дар самти муқовимат бо экстремизм бо ин қонун мутобиқат накардааст. Экстремизм (фаъолияти экстремистӣ) аз нигоҳи ин Қонун ҳамчун фаъолияти шаҳрвандони Ҷумҳурии Беларус, шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд ё ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ ва дигар ташкилотҳо, аз ҷумла хориҷӣ ё байналмилалӣ; ташкилотҳо ё намояндагиҳои онҳо (минбаъд – агар тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад – ташкилотҳо), воҳидҳо ва соҳибкорони инфиродӣ барои ба нақша гирифтан, ташкил, омода кардан ва содир намудани таҷовуз ба истиқлолият, тамомияти арзӣ, соҳибихтиёрӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ, амнияти ҷамъиятӣ тавассути: бо зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва (ё) тамомияти арзии Ҷумҳурии Беларус; ғасб ё нигоҳ доштани ҳокимияти давлатӣ бо роҳи ғайриконститутсионӣ; таъсиси сохтори экстремистӣ ё иштирок дар сохтори экстремистӣ; мусоидат намудан ба фаъолияти экстремистӣ, гузаштан аз омӯзиш ё омодагии дигар барои иштирок дар чунин фаъолиятҳо; бо ин мақсадҳо паҳн кардани маълумоти бардурӯғ дидаю дониста дар бораи вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳарбӣ ё байналмилалии Ҷумҳурии Беларус, вазъи ҳуқуқии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Беларус, ки эътибори Ҷумҳурии Беларусро бадном мекунад; бо ин мақсадҳо таҳқири намояндаи ҳокимият дар робита ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ, беэътибор кардани мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ; бо ин мақсад ташкили як ташкилоти ғайриқонунии мусаллаҳ; амалӣ намудани фаъолияти террористӣ; бо мақсадҳои зикршуда барангехтани адовати нажодӣ, миллӣ, динӣ ё дигар хусумати иҷтимоӣ, сиёсӣ ё идеологӣ, кинаю адоват нисбат ба ягон гурӯҳи иҷтимоӣ, аз ҷумла содир намудани амалҳои ғайриқонунӣ алайҳи тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ, тартиби идоракунӣ, ҳаёт ва саломатӣ, озодии шахсӣ, шараф ва шаъну шарафи шахс, молу мулк; ташкил ва анҷом додани

бетартибиҳои оммавӣ, кирдорҳои вайронкорӣ бо вайрон кардан ё нобуд кардани амвол, забт кардани биноҳо ва иншоот, дигар амалҳое, ки тартиботи ҷамъиятиро дағалона вайрон мекунанд ё иштироки фаъолона дар онҳо дар асоси хусумати нажодӣ, миллӣ, динӣ ва ё дигар адовати иҷтимоӣ ё ихтилоф, душмании сиёсӣ ё идеологӣ, кинаю адоват нисбат ба ягон гурӯҳи иҷтимоӣ; ба ин мақсадҳо содир намудани амалҳои ғайриқонунӣ нисбат ба аслиҳа, лавозимоти ҷангӣ, маводи тарканда; тарғиби истисноӣ, бартарӣ ё паст будани шаҳрвандон аз рӯи мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ё забонии онҳо; паҳн кардани маводи экстремистӣ, инчунин истеҳсол, нашр, нигоҳдорӣ ё интиқоли чунин мавод бо мақсади паҳн кардан; барқарорсозии миллатгароӣ, таблиғ ё намоиши оммавӣ, истеҳсол, паҳн кардани рамзҳо ва атрибутҳои фашистӣ, инчунин нигоҳ доштан ё ба даст овардани чунин рамзҳо ё атрибутҳо бо мақсади паҳн кардан; монеъ шудан ба фаъолияти қонунии мақомоти давлатӣ, аз ҷумла Комиссияи марказии интихобот, комиссияҳои интихоботӣ, комиссияҳои раъйпурсӣ, комиссияҳои овоздиҳӣ оид ба бозхонди вакилон, инчунин ба фаъолияти қонунии шахсони мансабдори ин мақомот, комиссияҳо, зуроварӣ, таҳдиди истифодаи он, фиреб додан, пора додан, инчунин бо зуроварӣ ё таҳдиди зуроварӣ нисбати шахсони мансабдори наздик бо мақсади монеъ шудан ба фаъолияти қонунии онҳо ё маҷбур кардани онҳо ба тағйир додани хусусияти чунин фаъолият ё бо мақсади интиқом барои иҷрои он вазифаҳои хизматии онҳо; маблағгузории фаъолияти экстремистӣ; даъвати оммавӣ барои ташкил ё гузаронидани маҷлис, гирдиҳамоӣ, роҳпаймоии кӯчагӣ, намоиш ё пикетҳои ғайриқонунӣ бо вайрон кардани тартиби муқарраргардидаи ташкил ё гузаронидани онҳо ё ҷалби шахсон ба иштирок дар чунин чорабиниҳои оммавӣ бо роҳи зуроварӣ, таҳдиди зуроварӣ, фиреб додан ё додани подош ё дигар ташкил ё гузаронидани чунин чорабиниҳои оммавӣ, агар аз беэҳтиётӣ гузаронидани онҳо боиси

марги одамон, расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ба як ё якчанд шахс ё расонидани зарар ба миқдори калон гардида бошад; даъвати оммавӣ ба кирдорҳои дар боло пешбинишуда, инчунин сафедкунии оммавии чунин кирдор [28].

Ҳамин тавр, КҶ Беларус бояд бо Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» соли 2007 мутобиқ карда шуда, дар он даъвати оммавӣ барои содир намудани кирдорҳои экстремистӣ, инчунин сафедкунии оммавии чунин кирдор ҷиноят ҳисоб карда шавад. КҶ ҶТ нисбат ба КҶ Беларус дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии экстремизм мукаммалтар мебошад.

***5. Ҷумҳурии Молдова.*** КҶ Молдова таркиби мустақилро вобаста ба ҷиноятҳои экстремистӣ пешбинӣ накардааст. Истилоҳи «экстремизм» дар КҶ Молдова ҳамагӣ як маротиба дар таркиби ҷинояти ташкил ва рамзи хусусияти фашистӣ, нажодпарастӣ ё ксенофобидошта (м.134.18 КҶ Молдова) [51] истифода гардидааст.

КҶ Молдова ба монанди КҶ Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Беларус дар м.341 барои даъват ба сарнагун кардан ё бо зурӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Молдова ҷавобгарии ҷиноиро муқаррар намудааст.

Бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Молдова қонуни махсус дар бораи муқовимат бо фаъолияти экстремистӣ [30] аз соли 2003 амал мекунад. Дар м.1 Қонуни зикршуда даъвати оммавӣ барои содир намудани кирдорҳои экстремистӣ, инчунин сафедкунии оммавии экстремизм ҳамчун фаъолияти экстремистӣ нишон дода шудааст, лекин он дар КҶ Молдова ҷиноят эътироф карда нашудааст.

***6. Ҷумҳурии Арманистон.*** Таҳлили КҶ Арманистон [48] нишон медиҳад, ки истилоҳи «экстремизм» умуман истифода намегардад. КҶ Арманистон ба монанди КҶ Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон,

Молдова ва Беларус дар м.301 барои даъвати оммавӣ барои бо роҳи зурӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Арманистон ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар намудааст.

Бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Арманистон ҳатто қонуни махсуси соҳавӣ дар самти муқовимат ба экстремизм мавҷуд нест. Ҳамин тавр, дар КҶ Арманистон даъвати оммавӣ барои содир намудани кирдорҳои экстремистӣ, инчунин сафедкунии оммавии экстремизм ҳамчун ҷиноят пешбинӣ нагардидааст.

7. ***Ҷумҳурии Озарбойҷон.*** Масъалаи экстремизм дар Озарбойҷон низ яке аз муаммоҳои замони муосир мебошад. Намояндаи расмии дастгоҳи раиси ҷумҳур бо изҳори таассуф аз он ки тамоюлҳои радикализм ва ифротгароӣ, ки дар ҷаҳон густариш ёфтаанд, аз Озарбойҷон берун набаромадааст, гуфт: «Паҳншавии равияҳои радикализми динӣ дар кишвари мо, асосан, бо омилҳои беруна, фаъолияти баъзе давлатҳо амалӣ мегардад. Нерӯҳои муайян бо истифода аз гурӯҳҳои тундрави мазҳабӣ барои расидан ба ҳадафҳои сиёсии худ талош мекунанд». Ба гуфтаи Ф. Алескеров, радикализми мазҳабӣ дар Озарбойҷон умдатан дар шакли ваҳҳобизми тундрав ва шиъаи ифротӣ зоҳир мешавад [195].

Таҳлили КҶ Озарбойҷон нишон медиҳад, ки м.167-3.1. ҷавобгарии ҷиноятиро барои тайёр, нигоҳдорӣ ё паҳн кардани маводи экстремистии динӣ, яъне маводе, ки ба фаъолияти экстремистии динӣ даъват мекунанд ё ин гуна фаъолиятро асоснок мекунанд ё зарурати чунин фаъолиятро асоснок мекунанд [45], муқаррар менамояд. Моддаи мазкур яке аз шаклҳои даъвати оммавӣ барои содир намудани кирдорҳои экстремистӣ мебошад. Сафедкунии экстремизм дар КҶ Озарбойҷон ҷиноят ба ҳисоб намеравад.

Дар Ҷумҳурии Озарбойҷон Қонун «Дар бораи мубориза бо экстремизми динӣ» [26] амал мекунад ва дар м.1 банди 1.0.1.8. амалҳои тайёр кардан, нигоҳ доштан ё паҳн кардани маводи экстремистии динӣ,

яъне маводҳое, ки ба фаъолияти экстремистии динӣ даъват мекунанд ё ин гуна фаъолиятҳоро асоснок ё сафед мекунанд ҳамчун фаъолияти экстремистӣ эълон медорад, лекин дар КҶ ин амалҳоро то ҳол ҷиноят эътироф накардааст. Дар фарқият аз дигар қонунгузории давлатҳои узви ИДМ қонуни Озарбойҷон ба таври дақиқ нишон додааст, ки он бо як намуди экстремизм, яъне экстремизми динӣ мубориза мебарад. Бояд гуфт, ки дар сатҳи ИДМ Қонуни амсилавӣ дар бораи муқовимат бо экстремизм аз соли 2009 [36] қабул шудааст, лекин Ҷумҳурии Озарбойҷон қонунгузории худро бо ин санади тавсиявӣ мутобиқ накардааст.

Кодекси ҷиноятии Озарбойҷон, ба монанди кодексҳои ҷиноятии Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Молдова ва Беларус, дар моддаи 281 барои даъватҳои оммавӣ бар зидди давлат ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст. Ин амал, ки дар шакли даъватҳои оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият, нигоҳ доштани маҷбурии он, тағйир додани сохти конститутсионӣ ё поймол кардани тамомияти арзии Ҷумҳурии Озарбойҷон сурат мегирад, инчунин паҳн кардани маводи дорои чунин мазмун-ро дар бар мегирад. Ин гуна меъёрҳо ба ҳифзи устувории сохти давлатӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти миллии кишварҳо равона шуда, ҳамчун чораи пешгирикунанда бар зидди таҳдидҳои эҳтимолии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ хизмат мекунанд.

***8. Ҷумҳурии Туркманистон.*** Туркманистон, ки бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад мебошад, дар масъалаи пешгирии экстремизм фаъол мебошад. 4 декабри соли 2020 Президенти Ҷумҳурии Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов «Нақшаи миллии чорабиниҳо барои солҳои 2021 - 2024 оид ба татбиқи Стратегияи ҷилавгирӣ аз ифротгароии хушунатомез ва мубориза бо терроризми Туркманистон» - ро тасдиқ кард. Нақша бо мусоидати Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи пешгирикунанда барои Осиёи Марказӣ ва Дафтари зиддитеррористии СММ - Маркази

зиддитеррористии СММ (UNCCT) дар доираи Марҳилаи III лоиҳаи «Дар самти татбиқи ҳамаҷонибаи Стратегияи глобалии зиддитеррористии СММ дар Осиёи Марказӣ» қабул шуд [198].

Таҳлили КҶ Турманистон нишон дод, ки дар он таъсиси ташкилоти экстремистӣ (м.190), даъватҳои ошкоро ба содир намудани кирдорҳои экстремистӣ ё дигар кирдорҳое, ки мақсадашон зарар ба амнияти миллии Туркманистон мебошад (м.191) ва маблағгузории экстремизм (м.192) ҷиноят эътироф гардидаанд. Дар муқоиса бо КҶ Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Молдова, Арманистон, Озорбойҷон ва Беларус, Туркманистон, ба монанди КҶ ҶТ даъвати ошкоро ба содир намудани кирдорҳои экстремистӣ ё дигар кирдорҳое, ки мақсадашон зарар ба амнияти миллии Туркманистон мебошад, ҷиноят эътироф намудааст. Бояд гуфт, ки сафедкунии экстремизм дар КҶ Туркманистон пешбинӣ нагардидааст.

Диспозитсияи м.191 КҶ Туркманистон дорои чунин мазмун мебошад: «Даъвати ошкоро ба содир намудани кирдорҳои экстремистӣ ё дигар амалҳое, ки ба амнияти миллии Туркманистон зарар мерасонад ё паҳнкунии оммавии маводи ошкоро экстремистӣ, инчунин истеҳсол ё нигоҳдории онҳо бо мақсади паҳнкунии оммавӣ (қ.1), ҳамин кирдор, агар бо истифода аз воситаҳои ахбори омма, электронӣ ё иттилоотӣ - телекоммуникатсия ё интернет содир шуда бошад (қ.2) ва иҷозат барои интишор ё паҳн кардани маводи ифротгароёна ва дигар маводи ифротгароёна, ки ба амнияти миллии Туркманистон зарар мерасонад, дар матбуот, аз ҷумла тавассути дигар васоити ахбори омма, аз ҷумла интернет (қ.3)» [54].

Вобаста ба объекти хелӣ ва намудӣ ҷинояти даъватҳои ошкоро ба содир намудани кирдорҳои экстремистӣ ё дигар кирдорҳое, ки мақсадашон зарар ба амнияти миллии Туркманистон мебошад, бо КҶ ҶТ шабоҳат дорад. Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки дар муқоиса ба КҶ ҶТ дар

КҶ Турманистон баъзе ҷиноятҳое, ки бо экстремизм бевосита алоқаманданд, дар дигар бобҳо ҷойгир карда шудаанд, ба монанди м.297 (ҷалб, омодагӣ ба фаъолияти террористӣ-экстремистӣ ё таъмини онҳо бо силоҳ) ва м.298 (аз омодагӣ гузаштан ба фаъолияти террористӣ ё экстремистӣ), ки объекти намудии ин ҷиноятҳо амнияти ҷамъиятӣ мебошанд.

***9. Федератсияи Россия.*** Қонунгузории ФР дар самти муқовимат бо экстремизм нисбат ба дигар давлатҳои узви ИДМ пешқадам ба ҳисоб меравад. Дар КҶ ФР [53] чор таркиби мустақили ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, аз ҷумла м.280 (даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ, м.282.1 (ташкили иттиҳоди экстремистӣ), м.282.2 (ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ) ва м.282.3 (маблағгузории фаъолияти экстремистӣ) муқаррар гардида, дар он сафедкунии оммавии экстремизм ҳамчун ҷиноят вуҷуд надорад. Ҷавобгарӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ дар м.280 КҶ ФР пешбинӣ шудааст. Мафҳуми фаъолияти экстремистӣ дар м.1 Қонуни федералии ФР «Дар бораи муқовимат ба фаъолияти экстремистӣ» [55] пешбинӣ шудааст. Моддаи 280 КҶ ФР ҷавобгариро барои: а) даъватҳои оммавӣ барои содир намудани баъзе ҷиноятҳои мушаххас, аз ҷумла онҳое, ки дар м.136, қ.2 м.141, м.м.278, 279, 282 КҶ ФР пешбинӣ шудаанд; б) даъвати оммавӣ барои содир намудани ҳама гуна ҷиноятҳои дигар, ки бо ангезаҳои бадбинӣ ё хусумати сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ ё кинаю адоват нисбат ба ягон гурӯҳи иҷтимоӣ асос ёфтааст; в) даъвати оммавӣ ба кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ки мазмуни қонунии ҷиноятии онҳо мушаххас нест (монеъ шудан ба фаъолияти қонунии мақомоти давлатӣ ва комиссияҳои интихоботӣ, ғасб кардан ё тасарруфи ҳокимият); г) даъвати оммавӣ барои кирдорҳое, ки ҷиноят нестанд (намоиши рамзҳои

фашистӣ, маблағгузории фаъолияти экстремистӣ, эҷоди маводи экстремистӣ).

Тарафи объективии ҷиноят дар амалҳои фаъол - даъвати оммавӣ мебошад. Ҷиноят, новобаста аз оқибатҳои он, аз лаҳзаи даъват кардан дар ҳама гуна шакл анҷомшуда ҳисобида мешавад. Даъвати оммавӣ ҳамчун мурочиатҳои дар ҳама гуна шакл (даҳонӣ, хаттӣ, бо истифода аз воситаҳои техникӣ, шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла Интернет) ба ашхоси дигар бо мақсади водор намудани онҳо ба амалҳои экстремистӣ ифода меёбад. Аломати ҳатмии тарафи объективии ин ҷиноят чунин мебошад: даъватҳо бояд оммавӣ баён карда шаванд. Оммавият муҳити берунаеро тавсиф мекунад, ки дар он даъватҳо анҷом дода мешаванд ва ҳамчун ошкоро, дастрас ва қобилияти дарк кардани доираи номуайяни одамон фаҳмида мешаванд.

Чӣ тавре дар боло зикр намудем, дар КҶ ФР барои сафедкунии оммавии экстремизм ҷавобгарӣ пешбинӣ нагардидааст. Бояд гуфт, дар кӯтоҳтарин муддат дар КҶ ФР сафедкунии оммавӣ ва таблиғи экстремизм ҳамчун ҷиноят криминализатсия карда мешавад, зеро вакилони Думаи давлатӣ тарҳи қонунеро қабул карданд, ки дар он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «сафедкунии оммавӣ ва таблиғи экстремизм» пешбинӣ шудааст. Дар лоиҳаи қонун тағйирот ба м.280 Кодекси ҷиноятии амалкунанда (Даъвати оммавӣ ба ифротгароӣ) пешбинӣ шудааст [185].

Ҳамин тавр, зербоби мазкурро, ки ба таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм мутобиқи қонунгузории кишварҳои аъзои ИДМ бахшида шудааст, ҷамъбаст намуда, чунин хулосаҳои (пешниҳодҳои) судманд ва самарабахшро пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Дар ИДМ Консепсияи амнияти киберӣ барои мубориза бо ҷалб ва таблиғи ифротгароён дар Интернет таҳия ва ҷорӣ карда шавад. Низоми ягонаи «Киберсипари ИДМ» таъсис дода шавад. Дар маҷмуъ, ба назар мерасад, ки давлатҳои узви ИДМ барои коҳиш додани фаъолияти ифротгароии мазҳабӣ дар ин минтақа бояд тадбирҳои пешгирикунанда андешанд, ки барои ҷавонон ва дигар табақаҳои осебпазири аҳолӣ фароҳам овардани шароити мусоид ва самарабахши иҷтимоӣ - иқтисодӣ, дастгирии фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади муттаҳидсозӣ, ҳамоҳангсозӣ ва рушди ҷомеаҳое, ки масунияти қавӣ нисбати равандҳои харобиовар ва қобилияти муқовимат ба ақидаҳои радикалии онҳо доранд. Дар робита ба сатҳи байнидавлатӣ, зарур аст, ки эътимоди мутақобиларо дар кишварҳои ИДМ боз ҳам афзоиш дода, механизмҳои стратегияи муштараки дарозмуддати таҳияшудаи дастаҷамъӣ дар мубориза бо ифротгароии динӣ таҳия ва такмил дода шаванд.

2. Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм дар Кодекси ҷиноятии Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Молдова, Арманистон, Озарбойҷон ва Беларус ҳамчун таркиби мустақил мавҷуд нест. Ин ҳолат метавонад аз ҷониби экстремистони дигар давлатҳо, ки дар қонунгузории кишварашон даъвати оммавӣ барои фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии он ҷиноят эътироф гардидааст, ҳамчун роҳи гурез аз ҷавобгарии ҷиноятӣ истифода шавад. Набудани ин меъёр дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои мазкур хатарҳои эҳтимолии интиқоли фаъолиятҳои экстремистиро ба қаламрави онҳо афзоиш дода, имконияти ҷалби афрод ба гурӯҳҳои ифротиро тавассути тарғибот ва таблиғоти ошкоро зиёд мекунад. Аз ин рӯ, зарурати ҳамоҳангсозии қонунгузориҳои миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ва таҳкими чораҳои ҳуқуқӣ барои пешгирии ин амалҳо беш аз пеш муҳим мегардад.

Зеро дар асоси муқаррароти м.15 КҶ ҶТ (Амали қонуни ҷиноятӣ нисбати шахсоне, ки берун аз ҳудуди ҶТ ҷиноят содир намудаанд) шаҳрванди ҶТ, инчунин шахси бешаҳрванди доимо дар он истиқоматкунанда барои ҷинояти дар ҳудуди давлати хориҷӣ содиркардааш мутобиқи КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, агар кирдори содиркардаи у дар давлате, ки дар ҳудуди он ин кирдорро содир кардааст, ҷиноят эътироф карда шавад ва агар у барои ин ҷиноят дар давлати хориҷӣ маҳкум нашуда бошад. Агар кирдори содиркардаи у дар давлате, ки дар ҳудуди он ин кирдорро содир кардааст, ҷиноят эътироф карда нашавад, пас ин давлат метавонад, ки паноҳгоҳи экстремистон гардад. Бинобар ин, ҳолати мазкурро метавон танҳо бо роҳи ҳамкориҳои байниҳамдигарии давлатҳои узви ИДМ дар сатҳи ИДМ ҳал намуд.

3. Дар қонунгузории ҷиноятии Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Молдова, Арманистон, Озарбойҷон ва Беларус даъвати оммавӣ ба содир кардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии чунин амалҳо ҳамчун таркиби алоҳидаи ҷиноятӣ пешбинӣ нашудааст. Ин вазъият метавонад заминаеро фароҳам созад, ки экстремистон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар канор монанд. Ин холигии ҳуқуқӣ на танҳо имкони фаъолиятҳои экстремистиро дар кишварҳои номбурда зиёд менамояд, балки ба самаранокии талошҳои байналмилалӣ барои пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм таъсири манфӣ мерасонад.

4. Таҳлили КҶ Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Молдова, Арманистон, Озарбойҷон, Арманистон, Туркманистон, Федератсияи Россия ва Беларус нишон дод, ки дар он сафедкунии экстремизм ҳамчун ҷиноят ба ҳисоб намеравад. КҶ ҶТ дар ин масъала пешсаф мебошад.

5. Дар тафовут аз дигар қонунгузории давлатҳои узви ИДМ Озарбойҷон ба таври дақиқ нишон додааст, ки он бо як намуди экстремизм, яъне экстремизми динӣ мубориза мебарад. Аз мазмуни номи

Қонун чунин бармеояд, ки экстремизми сиёсӣ, миллӣ, экологӣ, давлатӣ, иқтисодӣ ва ғ. мавзуи танзими он намебошанд.

6. Масъалаи муқовимат ба паҳншавии ақидаҳои радикалӣ ва ҷалби шаҳрвандон ба амалҳои террористӣ - экстремистӣ, аз ҷумла тавассути шабакаҳои интернетӣ ҳамчунон мубрам боқӣ мемонад. Дар робита ба ин, мубодилаи саривақтии иттилоот оид ба шаклу усулҳои фаъолияти ғайриқонунӣ дар фазои интернет муҳим арзёбӣ гардида, таҷрибаи мусбати миллӣ оид ба безарар гардонидани таъсири иттилоотию таблиғотии востаҳои техникӣ ба ҷавонон, инчунин таҷрибаи кор бо ҳамгироии дубора ва иҷтимоишавии ҷамъиятии шахсоне, ки барои ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистӣ маҳкум шудаанд.

**7.** Вобаста ба фаъолияти қонунгузорӣ таҳти мафҳуми унификатсия бояд ҳолати қонунгузории давлатҳои гуногун дар як соҳаи муайян ва чораҳои дахлдори ислоҳи онҳо, ки дар он сохтор, таркиб ва муқаррароти инфиродии онҳо ба як шакл оварда шудаанд, фаҳмида шавад. Бо сабабҳои гуногун, ки решаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ - иқтисодӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ, фарҳангӣ ва ғ. доранд, комилан унификатсия намудани қонунгузории кишварҳои гуногун имконнопазир аст. Айни замон қонунгузории миллии давлатҳои ИДМ дар самти муқовимат бо экстремизм ба сатҳи кофӣ мукаммал нарасида, равишҳои гуногуни танзими ҳуқуқии ин фаъолиятро дар бар мегирад ва бо асноди бунёдии байналмилалӣ пурра мутобиқ карда нашудааст.

**8.** Камбудиҳои асосии қонунгузории зидди экстремизм дар кишварҳои ИДМ чунинанд: мавҷуд набудани низоми мукаммали ҳуқуқии мубориза бо экстремизм, зеро дар як қатор давлатҳои аъзои ИДМ, аз ҷумла дар Арманистон, ҳанӯз қонунҳои махсус қабул нашудаанд, ки ин ба самаранокии муқовимат ба экстремизм таъсири манфӣ мерасонад; ихтилоф дар мафҳумҳо ва истилоҳоти ҳуқуқӣ, ки боиси тафсири мухталиф ва душвориҳо дар татбиқи амалии қонунҳо

мегардад; набудани механизмҳои муассири ҳуқуқии татбиқи қонунгузорӣ оид ба муқовимат ба экстремизм, ки боиси камбудиҳо дар ҳамоҳангсозии амалҳои мақомоти давлатӣ ва ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ мегардад. Барои баланд бардоштани самаранокии муқовимат ба экстремизм зарур аст, ки кишварҳои ИДМ низоми ягонаи ҳуқуқии муқовиматро таҳия намуда, мафҳумҳои ҳуқуқиро мутобиқ созанд ва механизмҳои самараноки татбиқи қонунгузориро дар амал ҷорӣ намоянд.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ – ҶИНОЯТИИ УНСУРҲОИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТИ ДАЪВАТИ ОММАВӢ БАРОИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ (ИФРОТГАРОӢ) ВА САФЕДКУНИИ ОММАВИИ ЭКСТРЕМИЗМ

## 2.1. Таҳлили объекти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм

Экстремизм ҳамчун зуҳуроти манфии иҷтимоӣ метавонад барои инкишофи иҷтимоӣ - иқтисодӣ монеа гардида, ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд зарар расонад ё таҳдиди воқеиро ба вуҷуд орад.

Таҳлили ҳуқуқӣ - ҷиноятии дилхоҳ аз объекти он оғоз мегардад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ чор унсури таркиби ҷиноят мавҷуданд, ки дар маҷмуъ, кирдори дорои хусусияти ҷамъиятан хавфнокро ҳамчун ҷиноят тавсиф мекунанд. Ин унсурҳо иборатанд, аз объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии ҷиноят [111, с. 81]. Яке аз муҳимтарин унсурҳои таркиби ҷиноят объекти ҷиноят мебошад. Объект имкон медиҳад, ки хусусият ва дараҷаи хавфнокии кирдори содиршуда барои ҷамъият муайян гардад ва мазмуну моҳияти иҷтимоӣ - сиёсии он равшан шавад. Маҳз тавассути объекти ҷиноят, манфиатҳо ва арзишҳое, ки мавриди ҳимояи ҳуқуқӣ қарор доранд, муайян карда мешаванд. Ин унсур на танҳо мазмуни иҷтимоии ҷиноятро равшан мекунад, балки барои дуруст ва аниқ бандубаст кардани ҷинояти мушаххас низ нақши калидӣ мебозад.

Мафҳуми объекти ҷиноят дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад, аммо мазмуни он дар давоми зиёда аз як аср дар сафи пеши баҳсҳои илмӣ қарор гирифтааст. Муаммо дар он аст, ки ин категория бисёрҷанба буда, паҳлуҳои гуногун, аз қабили фалсафӣ, аксиологӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дорад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти ҷиноят ба таври анъанавӣ ҳамчун он чизе шарҳ дода мешавад, ки ба он субъекти ҷиноят таҷовуз кардааст ё

метавонад таҷовуз кунад ва дар натиҷа ба кадом муносибатҳои ҷамъиятӣ зарар расонида шудааст ё расонида метавонад. Бо вуҷуди ин, мазмуни объекти ҷиноят дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ яке аз масъалаҳои баҳсталаб боқӣ мемонад. Ин баҳснокӣ аз гуногунрангии табиати иҷтимоию ҳуқуқии ин мафҳум бармеояд, ки шарҳи ягонаи онро душвор мегардонад [123, с. 29].

Чӣ тавре зикр намудем, мафҳуми объекти ҷиноят аз нуқтаи назари равиши фалсафӣ, аксиологӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ баҳо дода мешавад. Равишҳои номбаршуда барои фаҳмидани объекти ҷиноят якдигарро пур мекунанд.

Равиши ҳуқуқии (расмӣ) дарки мафҳуми объекти ҷиноят зарурати омӯзиши истилоҳи «объекти ҷиноят» - ро дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба объекти ҷинояти воқеан содиршуда ва объекти ҷиноят дар таркиби ҷиноят тақозо менамояд. Дар тафовут аз худи ҷиноят, таркиби ҷиноят на падидаи воқеияти объективӣ, балки ҳодисаи қонунгузорӣ ва меъёрӣ мебошад. Он на дар ҳаёти воқеӣ, балки танҳо дар қонуни ҷиноятӣ арзи ҳастӣ дорад ва ба воситаи мафҳумҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои қонунӣ муайян карда мешавад. Фарқи байни объекти ҷинояти содиршуда ва объекти таркиби ҷиноят маҳз ба ҳамин принсип асос ёфтааст. Аммо дар робита ба таркиби ҷиноят, истилоҳи «объекти ҷиноят» маънои дуҷониба дорад. Аз як тараф, он яке аз чор унсури таркиби ҷиноят мебошад, ки ҳамроҳ бо тарафи объективӣ, тарафи субъективӣ ва субъект вуҷуд дорад. Аз тарафи дигар, он манфиатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ-ро ифода мекунад, ки ҷиноят ба онҳо таҷовуз мекунад. Дар чунин ҳолат, объекти ҷиноят метавонад ҳам ба сифати унсури таркиби ҷиноят ва ҳам ҳамчун маҳсули ҳамлаи ҷиноятӣ ба манфиатҳои ҳуқуқӣ баррасӣ гардад. Ин фарқият дар таҳлил ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамияти назаррас дошта, муайян мекунад, ки кадом амал ҳамчун ҷиноят арзёбӣ мешавад ва чӣ гуна ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба он татбиқ мегардад.

Асосгузорони мактаби анъанавии ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти ҷиноятро ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ ё меъёри ҳуқуқӣ дар воқеияти ҳастии худ, ки бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз мешавад, эътироф кардаанд (А. Фейербах, баъдтар К. Биндинг). Ин назарияро баъдтар Н.С. Тагантсев, В.М. Хвостов, В.Спасович ва дигарон ҷонибдорӣ намудаанд. Хусусияти ин равиш аз ҳуқуқҳои табии инсон бармеояд ва бинобар ин табиӣ, дахлнопазирӣ, аз шахс ҷудонашаванда ва аз ин рӯ, ба таври объективӣ дар меъёрҳо инъикос ёфтааст. Дар илми муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ин равиш нисбат ба ҷиноятҳои зидди шахс таҳия шудааст [76, с. 160].

Назарияи объекти ҷиноят ҳамчун неъмат (манфиат) - и ҳуқуқиро бори аввал Ф. Лист дар доираи таълимоти сотсиологии худ оид ба ҷиноят пешниҳод карда буд ва дар байни олимони пешазинқилобӣ ҷонибдории васеъро пайдо кард. Дар илми муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамин нуқтаи назарро А.В. Наумов пайравӣ дорад, ки объекти ҷиноятро неъмати (манфиатҳои) бо кирдори ҷиноятӣ таҷовузшуда, ки қонуни ҷиноятӣ онро ҳифзи намудааст, эътироф кардааст. Неъмати ҳуқуқӣ ҳамеша зери таъсири кирдори ҷиноятӣ қарор дорад ва аз ин рӯ, ин ба ин неъмат зарар расонида мешавад, ки онро, пеш аз ҳама тавассути фаҳмидани он ҳамчун арзиш муқаррар кардан мумкин аст. Ин нуқтаи назар дар байни олимони муосир ба мисли Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, Н.А. Қудратов, Е.В. Фесенко [112, с. 224], [113, с. 223], [82, с. 342], [141, с. 75] эътироф карда шудааст. Доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии аксари кишварҳои аврупой, аз қабили Олмон, Австрия, Дания, Швейтсария, Финляндия, объекти ҷиноятро манфиати ҳуқуқӣ ё манфиати ҳифзшуда медонанд.

Ҳамин тавр, объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки тавассути қонуни ҷиноятӣ аз таҷовузҳои ҷинояткорона ҳифз карда мешавад. Дар адабиёт одатан аз таснифоти дорои чор унсур (объекти умумӣ, объекти хелӣ, объекти намудӣ ва объекти бевосита) истифода

мебаранд, ки ин бештар қобили қабул мебошад. Зеро сохтори КҶ ҶТ соли 1998 бо тақсим намудани Қисми махсус на танҳо ба бобҳо, балки, инчунин ба фаслҳо ба таснифоти дорои чор унсури объекти ҷиноят мувофиқат менамояд [98, с. 126], [75, с. 164], [114, с. 58]. Ғайр аз ин, таснифоти чор унсураи объекти ҷиноят нисбатан мушаххастар моҳияти мафҳуми мазкурро дар қонунгузории ҷиноятии амалкунанда инъикос месозад.

Объекти умумии ҷиноят, тибқи анъана, ҳамаи он муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар мегирад, ки бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз мешаванд. Ин муносибатҳо ҳангоми содир намудани ҷиноят зери таъсир қарор гирифта, ба онҳо зарар расонида мешавад ё хатари расонидани чунин зарар ба миён меояд. Ба ин муносибатҳо, пеш аз ҳама, манфиатҳои шахсият, ҷамъият ва давлат шомиланд, ки тавассути қонуни ҷиноятӣ ҳимоя мегарданд. Дар асоси қ.1 м.2 КҶ ҶТ «ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, сохти конститутсионӣ ва амнияти ҶТ, сулҳ ва амнияти башарият» аз таҷовузи ҷиноятӣ ба объекти умумии ҷиноят шомил мешаванд [6].

Объекти хелии ҷиноятҳо он меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ - ро дар бар мегирад, ки дар доираи як фасл ҷой дода шудаанд ва ҷавобгариро барои таҷовуз ба муносибатҳои ҷамъиятии якхела ё ҳамшабеҳ танзим мекунанд. Тибқи андешаи В.И. Гладких ва В.С. Курчеев, объекти хелӣ як ҷузъи объекти умумӣ мебошад, ки гурӯҳи муайяни арзишҳои якхела ё ҳамшабеҳро дар бар мегирад. Ин арзишҳо аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ барои ҳифз аз таҷовузҳои ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд. Объекти хелӣ дар танзими низоми Қисми махсуси КҶ ҶТ нақши муҳим дорад, зеро он ба фаслҳо ва дар баъзе мавридҳо ҳатто ба бобҳо тақсим кардани моддаҳои қонунгузории ҷиноятиро шарҳ медиҳад. Ин тақсимот барои тартиб додани сохтори мантиқии Қисми махсус ва осон намудани фаҳмиши он

аз ҷониби ҳуқуқшиносон ва мақомоти татбиқи қонун аҳаммияти калидӣ дорад [66, с. 38].

Объекти хелӣ - ин объекти умумӣ барои як гурӯҳи ҷиноятҳоест, ки ба муносибатҳои якхелаи ҷамъиятӣ таҷовуз мекунанд ва агар объекти умумӣ мураккаб, таркибӣ бошад, пас ҳар як қисми он объекти ҷудогонаи хелиро ифода мекунад: муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дар соҳаи ҳифзи моликият, дар соҳаи муҳофизати муҳити зист, дар соҳаи муҳофизати сохти конститутсионӣ, сулҳу амнияти инсоният ва ғ. [96, с. 11-12].

Ҳамин тариқ, объекти хелӣ (гурӯҳӣ) бояд ҳамчун объекте эътироф шавад, ки доираи муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро фаро мегирад, ки аз ҷиҳати моҳияти иҷтимоию иқтисодии худ якхела ё ҳамшабеҳ мебошанд ва онҳо бояд бо маҷмуи ягонаи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии ба ҳам алоқаманд ҳифз карда шаванд. Аҳаммияти объекти хелии ҷиноят, пеш аз ҳама, дар он аст, ки он имкон медиҳад, ҳамаи ҷиноятҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои содир намудани онҳо муқаррар мекунанд, тасниф карда шаванд.

Ҳангоми тавсифи объекти ҷиноятҳои зидди асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, ба назар гирифтан зарур аст, ки ҷиноятӣ даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм дар м.307[1] дар дохили фасли XIII КҶ ҶТ дарҷ шудааст ва аз муқаррароти ин фасл чунин бармеояд, ки объекти хелии ин ҷиноятро ҳокимияти давлатӣ ташкил медиҳад.

А.А. Қурбонова ҳангоми муайян намудани объекти хелии таҳрибкорӣ, ки он ҳамзамон объектии хелии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм мебошад, чунин ибрози андеша намудааст: «Таъмини амнияти ҳокимияти давлатӣ мебошад, зеро тамоми ҷиноятҳое, ки дар фасли мазкур ҷой дода шудаанд, бар зидди асосҳои таъмини амнияти

ҳокимияти давлатӣ равона гардидаанд» [160, с. 53]. Дар ин ҷо муҳаққиқ А.А. Қурбонова объекти хелии ҷиноятро маҳдудтар нишон додааст, яъне дар маҷмуъ таъмини амнияти ҳокимияти давлатӣ на худи ҳокимияти давлатӣ. Дар баробари ин, муаллиф мафҳуми ҳокимияти давлатӣ ҳамчун объекти хелии ҷиноятро низ пешниҳод намудааст. Ба ақидаи А.А. Қурбонова, ҳокимияти давлатӣ ҳамчун объекти хелии тахрибкорӣ арзёбӣ мегардад. Ба ин категория ҳамчунин даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм шомил мешавад. Тибқи шарҳи мазкур, ҳокимияти давлатӣ воситаи асосии татбиқи амалии ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки тавассути фаъолияти муназзами мақомоти давлатӣ амалӣ карда мешавад. Ин механизм имкон медиҳад, ки халқ ҳокимияти ба худ тааллуқдоштаро бевосита ё тавассути вакилони худ татбиқ намояд. Ҳокимияти давлатӣ барои таъмини тартиботи устувор дар ҷомеа, татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ҳифзи онҳо аҳаммияти бунёдӣ дорад. Табиати ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ дар м.6 Конститутсияи ҶТ чунин муайян шудааст: «Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ё тавассути вакилони худ амалӣ менамояд». Мувофиқи м.9 Конститутсияи ҶТ ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад [160, с. 53].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳокимияти давлатӣ ҳамчун объекти умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевоситаи ҷиноят ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Ин ихтилофот, асосан, аз усули таҳлили категорияи «ҳокимияти давлатӣ» бармеояд. Аз як тараф, омузиш аз руи хулосабарории дедуктивӣ - таҳқиқи мафҳуми умумии ҳокимияти давлатӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми иҷтимоӣ ва аз тарафи дигар, хулосабарории индуктивӣ - таҳлили хусусиятҳои шохаҳои алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ ва қонунияти фаъолияти онҳо, ташаккул ёфтааст. Ин дидгоҳ нишон

медиҳад, ки ҳокимияти давлатӣ на танҳо як мафҳуми сиёсию ҳуқуқӣ, балки як низоми мураккаби муносибатҳои иҷтимоии ҳуқуқӣ мебошад, ки барои ҳифзи устувории ҷомеа ва амнияти давлатӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

А.В. Седих, бо назардошти номи фасли X КҶ ФР (ки бо қисми XIII КҶ ҶТ шабоҳат дорад), объекти хелии ин гурӯҳи ҷиноятҳоро ҳамчун низоми муносибатҳои ҷамъиятие, ки қонуният ва фаъолияти муътадили ҳокимияти давлатиро таъмин мекунанд, шарҳ медиҳад. Ба андешаи ӯ: «Ҳокимият қобилият ва имкониятест, ки тавассути он иродаи давлат амалӣ мешавад ва таъсири ҳалкунанда ба фаъолияти инсонҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ мерасонад. Низоми муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба ҳокимият асос ёфтааст, ҳамчунин фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ, татбиқи қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро фаро мегирад. Ин дидгоҳ нишон медиҳад, ки ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ бевосита ба тартиботи ҳуқуқӣ, суботи иҷтимоӣ ва қонуният дар ҷомеа таъсири манфӣ мерасонанд, ки ин зарурати ҳифзи ҳамаҷонибаи ин муносибатҳоро тавассути қонунгузории ҷиноятӣ таъкид мекунад. Вобаста ба мафҳуми маҳдуд, ҳокимият ҳамчун қобилият ва имконияти расонидани таъсири ҳалкунанда ба фаъолият ва рафтори одамон тавассути ҳама гуна воситаҳо - ирода, қудрат, ҳуқуқ, зуроварӣ фаҳмида мешавад. Дар ҷанбаи ҳуқуқии ҷиноятӣ мафҳуми «ҳокимияти давлатӣ» иборат аст, аз: 1) бартарияти сиёсӣ (эътибори ҳокимияти давлатӣ); 2) низоми мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин фаъолияте, ки онҳо амалӣ мекунанд» [170, с. 45].

Дар масири таърихи фалсафа дар таърифи ҳокимият самти «иродавӣ» инкишоф ёфтааст (Эпикур, Т. Гоббс, Д. Локк, Ж.-Ж. Руссо, Кант, Гегел). Агар Эпикур, фалсафаи христианӣ ва Гегел ирода ва озодиро аз ҷиҳати мазмун муайян карда бошанд, баъдан, Т. Гоббс, Д.

Локк, Ч. Руссо мафҳуми ҳокимиятро барои ифодаи маънои «манфиат» истифода бурдаанд. И. Кант иродаро асоси маънавии фаъолияти инсон ва муносибатҳои ӯро дар ҷамъият эътироф кард. Дар ҷомеашиносии муосири Ғарб таърифи «ихтиёрӣ» - и ҳокимият ба шарофати Макс Вебер паҳн шудааст. Дар адабиёти рус мафҳуми «иродаи қавӣ» низ ҷой дорад. Таҳаввули ҳуқуқии ҳокимиятро Т. Гоббс, Д. Локк, Б. Спиноза, Ж.Ж. Руссо таҳқиқу ҳимоя мекарданд, И. Кант ва Гегел бошанд, омили ҳокимияти сиёсиро бо омили маънавӣ мепайвастанд. Дар адабиёти илмии муосир мафҳуми ҳокимият аксар вақт ба воситаи татбиқи он ифода карда мешавад. Дар ин гуна мавридҳо муаллифон ба назар намегиранд, ки таърифи ҳокимият тавассути қудрат, зуроварӣ ва бовар кунондан метавонад ҳокимияти хосро тавсиф кунад, вале ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад ба ифодаи ҳокимият, ба яке аз маъниҳои он табдил ёбад [84, с. 172], [161, с. 41].

Албатта, масъалаҳое, ки ба моҳияти ҳокимият ва алалхусус, фарҳанг дахл доранд, дар муддати зиёд таҳқиқ карда шудаанд. Ҳокимияти давлатӣ ҳамчун як намуди ҳокимияти оммавӣ қувваи ҷамъиятие мебошад, ки қодир аст, иродаи давлатро дар доираи Конститутсия ва қонунҳо бо ёрии воситаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ амалӣ созад.

Сиёсатшиносон чунин мешуморанд, ки ҳокимияти давлатӣ ташкилоти давлатии идораи сиёсии ҷамъият мебошад, ки чи аз ҷиҳати ҳаҷм ва чи аз ҷиҳати воситаҳои таъсиррасонӣ аз ҳамаи дигар намудҳои хокимият дар байни субъектҳои иҷтимоӣ болотар аст. Он ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дахолат карда, бо ёрии дастгоҳи махсуси маҷбуркунӣ ё бовар кунондани он ба амал баровarда мешавад ва ҳуқуқи инҳисории (монополии) баровардани санадҳои ҳуқуқии умумии ҳатмиро дорад. Дар асл ҳокимияти давлатӣ ифодаи қонунии расмии иродаи давлат, мақомот ва шахсони мансабдори он буда, амалисозии ҳокимияти

халқро ифода мекунад [93, с. 132]. Моҳияти ҳокимияти давлатӣ дар давлатҳои алоҳида гуногун аст.

Ҳамин тавр, ҳокимияти давлатӣ ҳамчун объекти хелии ҷиноят ин низоми мақомот ва ниҳодҳоест, ки дорои ваколатҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ дар самти идоракунии давлат ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Ҳокимияти давлатӣ унсури бунёдии давлат буда, фаъолияти он ба таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, амният ва некӯаҳволии шаҳрвандон равона карда шудааст. Ҳокимияти давлатӣ бо нишонаҳои худ аз дигар ниҳодҳо фарқ мекунад, ба монанди қонуният: ҳокимияти давлатӣ дар доираи қонунҳое, ки аз ҷониби ҳокимияти қонунгузорӣ қабул карда мешаванд, амалӣ карда мешавад. Қонуният маънои онро дорад, ки амалҳои мақомоти давлатӣ бояд ба меъёрҳо ва принсипҳои муқаррарнамудаи қонунҳо мувофиқат кунанд; инҳисорият: ҳокимияти давлатӣ дар қаламрави муайян хусусияти инҳисориро дорад. Ин маънои онро дорад, ки мақомоти давлатӣ ниҳоде ягона мебошанд, ки барои қабули қарорҳои ҳатмӣ дар қаламрави муайян ҳуқуқ доранд; ҳудудӣ: амали ҳокимияти давлатӣ бо қаламрави муайяне, ки дар он давлат салоҳияти худро амалӣ мекунад, маҳдуд карда мешавад. Ҳокимияти давлатӣ дар ҳудуди давлат истифода мешавад; таъиноти ҷамъиятӣ доштан: ҳокимияти давлатӣ барои манфиати ҷамъиятӣ вуҷуд дорад. Мақсади он идоракунии давлат ба манфиати шаҳрвандон, таъмини адолат, амният ва рушди ҷомеа мебошад; идоракунии захираҳо: ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ дорад захираҳоро дар қаламрави худ, аз ҷумла захираҳои молиявӣ, табиӣ, инсонӣ ва дигар захираҳоро идора кунад; маҷбуркунӣ: ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ дорад чораҳои маҷбуриро барои таъмини риояи қонунҳо ва нигоҳ доштани тартибот истифода барад. Ин истифодаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти милиса ва артишро дар бар мегирад. Ҳокимияти давлатӣ вазифаи муҳимро дар ҷомеа ба амал бароварда, сохтор ва механизмҳои таъмини тартибот, адолат ва

рушдро фароҳам меорад. Ҳамкории байни ҳокимияти давлатӣ ва шаҳрвандон, инчунин риояи принсипҳои ҳуқуқӣ унсурҳои асосии фаъолияти устувори ҷомеа мебошанд. Новобаста аз он ки дар ҶТ масъалаи илмии экстремизм аз ҷониби Н.С. Абдуллоев [148, с. 175], В.А. Абдухамитов [149, с. 39], Н.А. Қудратов [158, с. 540], Б.Ш. Қурбонзода [159, с. 212], М.П. Ҳайдарзода [181, с. 221], А.Қ. Шарипов [182, с. 22] ва дигарон омӯхта шудааст, то ҳол мавқеи ягона дар муайян намудани объекти ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм вуҷуд надорад.

Объекти намудии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм бо ҳамдигар мувофиқат мекунанд ва онро асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат ташкил медиҳад, зеро чун анъана объекти намудӣ бо номи боби қисми махсуси КҶ ҶТ мувофиқ меояд ва ҷинояти таҳқиқшаванда дар боби 29 КҶ ҶТ, ки «Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ» ном дорад, муқаррар гардидааст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи муайян намудани объекти намудии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм гуногунфикрӣ низ ба мушоҳида мерасад. В.Г. Беспалко таъкид мекунад, ки дар қонуни ҷиноятӣ ба сифати объекти намудии ҷинояти таҳлилшаванда мустаҳкам намудани муносибатҳои ҷамъиятие, ки амнияти динӣ-маънавиро ҳифз мекунанд, зарур аст. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки андешаҳои мавҷуда дар бораи объектҳои ҷиноятҳои алоҳида, аз ҷумла, ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистидошта аз нав баррасӣ шуда, онҳо дар як боби мустақили қонуни ҷиноятӣ муттаҳид карда шаванд, ки ба ақидаи олим бояд «Ҷиноятҳои зидди амнияти динӣ (рӯҳӣ)» номгузорӣ шавад [121, с. 21]. Ақидаи зикршуда чандон қобили қабул нест, зеро муҳаққиқ В.Г.

Беспалко ақидаи худро танҳо дар асоси як намуди экстремизм, яъне экстремизми динӣ асоснок намудааст, ҳол он ки экстремизм намудҳои гуногун дорад, аз қабили экстремизми сиёсӣ, идеологӣ, иқтисодӣ ва ғ.ҳо.

И.И. Бикеев пешниҳод мекунад, ки ҷиноятҳои экстремистӣ (аз ҷумла, даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм – К.М.) ба доираи ҷиноятҳои зидди оромии (осоиштагии) ҷамъиятӣ дохил карда шаванд. Ба ақидаи ӯ, ҷиноятҳои таҳлилшуда нисбат ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат ба оромии ҷамъиятӣ бештар халал мерасонанд. Оромии ҷамъиятӣ ин ҳолати психологии ҷомеа мебошад, ки дар он аҳолӣ субот, андозагирӣ, тартибот ва рушди муқаррарии равандҳои ҷамъиятиро эҳсос мекунад, арзишҳои ҳифзшавандаи давлатро аз амалҳои ҷиноятӣ, ки метавонанд ба бисёр шахсон (объектҳо) зарар расонанд, муҳофизат мекунад [122, с. 4]. Аз нуқтаи назари И.И. Бикеев объекти намудии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм бояд оромии ҷамъиятӣ, ки яке аз қисмҳои таркибии амнияти ҷамъиятӣ мебошад, эътироф карда шавад. Дар ин ҷо И.И. Бикеев ба монанди В.Г. Беспалко ҷиноятҳои хусусияти экстремистидоштаро ба таври маҳдуд дарк намудааст, ҳол он ки экстремизм на танҳо ба амнияти ҷамъиятӣ, балки ба амнияти давлатӣ, экологӣ ва ғ. таҷовуз мекунад.

Аксар вақт дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин ақида ба назар мерасад, ки объекти намудии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм ва ҷиноятҳои экстремистӣ, дар маҷмуъ, бояд муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки амнияти ҷамъиятиро ҳифз мекунанд, ҳисобида шавад. Аз ҷумла, А.В. Ростокинский «қайд мекунад, ки мафкураи экстремистӣ ба дастгирии оммавии шахсоне, ки ҷиноятҳои зидди амнияти давлатӣ, сохти конститутсионӣ, сулҳ ва амнияти инсониятро ба нақша гирифтаанд ва

омода мекунанд, ба истисnои имконияти муқовимат ба ин шахсон, мерасонад. Аз ин рӯ, объекти намудии ҷиноятҳои экстремистӣ, аз нуқтаи назари ӯ, амнияти ҷамъиятӣ мебошад, ки ноустувории он ба фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, дар сохти конститутсионӣ, сулҳ ва амнияти инсоният ба таври ғайримустақим, яъне тавассути номуташаккилии ҳамкории ниҳодҳои ҳокимияти ҷамъиятӣ ва ҷомеа инъикос меебад [161, с. 41]».

Ба ақидаи А.Г. Хлебушкин, объекти ҷиноятҳо бо нишонаҳои экстремизм танҳо асосҳои сохти конститутсионӣ мебошад [142, с. 73-79], бо ин роҳ муҳаққиқ мазмуни воқеии онро маҳдуд мекунад ва амнияти давлатро ҳамчун объекти намудӣ ба инобат намегирад, ки аз нуқтаи назари мо баҳснок аст.

Ақидаҳои пешниҳодшуда дар бораи объекти намудии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм, инчунин ҷиноятҳои экстремистӣ дар маҷмуъ, ба назари мо, комилан моҳияти воқеии муносибатҳои ҷамъиятиро, ки дар раванди содиршавии чунин ҷиноятҳо халалдор мешаванд, инъикос намекунанд. Бешубҳа, ҷиноятҳои марбут ба амнияти ҷамъиятӣ ба вайрон кардани муносибатҳои устувори ҷамъиятӣ, ки барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва суботи иҷтимоӣ заруранд, равона гардидаанд. Бо вуҷуди ин, пайвасти ҷиноятҳои экстремистӣ бо ҷиноятҳои зидди асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат нишон намедиҳад, ки объекти намудии ин ҷиноятҳо танҳо ҳамчун амнияти ҷамъиятӣ муайян карда шавад. Дар асл, ин ҷиноятҳо метавонанд ба доираи васеи субъектҳо, аз ҷумла шахсони воқеӣ, ташкилотҳо, корхонаҳо ва худи давлат дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ зарари ҷиддӣ расонанд. Аз ин рӯ, бо ин назария розӣ шудан мушкил аст, зеро мафҳуми «амният» аз ҷиҳати мазмун хеле васеъ буда, имкони расонидани зарар на танҳо ба амнияти ҷамъиятӣ, балки ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат низ истисно карда намешавад. Бояд дар назар дошт, ки амнияти давлат,

амнияти шахсӣ ва амнияти ҷамъиятӣ ҳамчун унсурҳои ҷудонашавандаи амнияти миллӣ баррасӣ мешаванд. Албатта, сабаби аслии баҳсҳо миёни муҳаққиқон дар бораи объекти намудии ҷиноятҳои экстремистӣ ва ҷойгиршавии онҳо дар қисми Махсуси Кодекси ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, номукаммалии таърифи «экстремизм» мебошад. Таҳлили қонунгузории ҷиноятӣ ва таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки набудани тафсири дақиқи ҳуқуқии экстремизм ва таркиби ҷиноятҳои марбут ба он метавонад боиси тафсири гуногун ва татбиқи номутамаркази қонун гардад, ки дар навбати худ, татбиқи принсипи қонуният ва мутаносибии ҷавобгарии ҷиноятиро таҳти суол қарор медиҳад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки консепсияи ҳуқуқии экстремизм ва ҷиноятҳои экстремистӣ дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ бознигарӣ ва дақиқ карда шавад, то ки муайянсозии объекти намудии ин ҷиноятҳо бо назардошти таҳдидҳои воқеӣ ба сохти конститутсионӣ, амнияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ анҷом дода шавад.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, эътироф намудани объекти намудии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ дуруст мебошад. Бо мақсади асоснок намудани мавқеи мо таҳлили ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ ва ҳуқуқӣ - конститутсионии мафҳуми «амнияти ҷамъиятӣ», амнияти давлатӣ ва «асосҳои сохти конститутсионӣ» зарур аст.

Ба ақидаи В.П. Малков, мафҳуми амнияти ҷамъиятӣ ҳолати ҳимояи шахс, ҷомеа ва давлатро асосан аз таҳдидҳои гуногуни дохилии хусусияти умумӣ ифода мекунад [106, с. 470]. М.М. Мусаев мафҳуми амнияти ҷамъиятиро дар маънои маҳдуд, аз ҷумла асосҳои амнияти умумӣ, тартиботи ҷамъиятӣ (он низ дар маънои маҳдуд), бехатарии риояи қоидаҳои махсуси истеҳсоли корҳо ё фаъолият, бехатарии қоидаҳои муносибат бо ашеҳои умумихалқӣ баррасӣ мекунад [165, с. 10].

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» мафҳуми амнияти ҷамъиятӣ аз ҳифзи ҳуқуқӣ - сиёсӣ, маънавӣ - ахлоқӣ ва иҷтимоии ҳаёт, саломатӣ ва некуаҳволии шаҳрвандони ҶТ, инчунин арзишҳои ҷамъият аз хатар ва таҳдидҳои имконпазире, ки ба онҳо зарар расонида метавонанд, таркиб ёфтааст. Аз нуқтаи назари Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» экстремизм метавонад ба ҳамагуна намуди амният, ки бо Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» пешбинӣ шудааст, аз ҷумла амнияти иқтисодӣ, озуқаворӣ, ҷамъиятӣ, ҳарбӣ, экологӣ, иттилоотӣ, берунӣ ва дохилӣ таҷовуз кунад.

Дар адабиёти илмӣ - ҳуқуқӣ вобаста ба мафҳуми асосҳои сохтори конститутсионӣ афкори ягона мавҷуд нест. Ҳамин тавр, асосҳои сохти конститутсионӣ ҳамчун объекти намудии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм низоми принсипҳое мебошад, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии ҷомеа ва давлатро, дар маҷмуъ фаро мегиранд: иҷтимоӣ - иқтисодӣ, сиёсӣ - ҳуқуқӣ, фарҳангӣ - идеологӣ, байналмилалӣ ва ғ. Сохти конститутсионӣ низоми қоидаҳо ва принсипҳоест, ки ташкил ва фаъолияти давлатро муайян мекунанд. Он соҳаи конститутсиониро фаро мегирад, яъне соҳаи марбут ба сохтор ва фаъолияти мақомоти давлатӣ, муқаррар ва риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, инчунин муайян намудани тартиби танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Сохти конститутсионӣ асоси ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад, ки вазъи ҳуқуқии шаҳрвандон ва ҳукумат, баробарӣ дар назди қонун, низоми тақсимоти ҳокимият, принсипҳо ва расмиёти қабул ва тағйир додани қонунҳо ва ҳуқуқу озодиҳои кафолатдодашудаи шаҳрвандонро муайян мекунад. Ҳамин тариқ, сохти конститутсионӣ дар ташаккул ва таҳкими ниҳодҳои демократӣ ва давлати ҳуқуқбунёд нақши муҳим дошта, фаъолияти ҳамоҳанг ва рушди низоми давлатиро таъмин менамояд.

Дигар намуди объекти намудии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм амнияти давлатӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» мафҳуми амнияти давлатӣ пешбинӣ нашудааст. Аз ин рӯ, баррасии категорияи «амнияти давлатӣ» тавассути категорияи «амнияти миллӣ» аз ҷиҳати методологӣ равиши дуруст аст. Давлат ҳамчун объекти амнияти миллӣ аз ҷузъҳое, ба монанди сохти конститутсионӣ, соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирӣ, амнияти иқтисодӣ ва қобилияти мудофиавӣ иборат аст, ки дар навбати худ, объекти бевоситаи м.м.305 - 313 КҶ ҶТ мебошанд.

Ба ақидаи С.С. Ятимов: «Амнияти давлат мафҳуми низомманд мебошад. Он аз пайванди оддии давлат оғоз ва дар олитарин муассисаҳои давлатӣ ба тарзи принсипиалӣ таҷассум меёбад. Муҳтавои ин масъала дар Қонуни асосии ҳар кишвар сабт гаштааст. Тибқи он дар давлат нафар, муассиса, корхонае вуҷуд надорад, ки амали он берун аз манфиатҳои таъмини амнияти давлат мавриди назар гирифта шавад. Субъектҳои дорои ҳуқуқ, ҳамзамон, вазифаҳои муайян дар самти таъмини амнияти давлатро доранд. Давлат дар натиҷаи таҳлили дараҷаи самаранокии шаклҳои гуногуни ҳокимият, аз ҷумла бисёрҳокимиятӣ, муҳимтар аз он, дар асоси раванди қонуниятҳои инкишофи ҷомеа ба вуҷуд омадааст. Он воситаи асосии муташаккилии роҳбарии ҷомеа мебошад. Тавассути он дастгоҳи идорӣ иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташударо таъмин мекунад. Ба тарзи дигар, давлат қувваи марказонидашудаи ҷомеа маҳсуб мегардад. Дар асоси маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҷомеа ва худи давлат зарур медонад, арзи ҳастӣ менамояд [147, с. 11]».

Ба ақидаи С. Гордиенко: «Амнияти давлатӣ ҳамчун яке аз шаклҳои амнияти миллӣ баррасӣ мегардад. Ӯ таъкид мекунад, ки амнияти

давлатӣ иқтидор ва қобилияти давлатро барои таъмини фаъолияти устувори ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин ҳолати ҳифзи онҳо аз таҳдидҳои эҳтимолӣ ва воқеӣ дар бар мегирад. Дар ин замина, амнияти давлатӣ чунин маънидод мешавад: ҳолати ҳифзи сохти конститутсионӣ, ки пойдории принсипҳои асосии низоми сиёсии давлатро таъмин мекунад; соҳибихтиёрии давлат, ки мустақилияти он дар қабули қарорҳо ва татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷиро таъмин менамояд; тамомияти арзӣ, ки ягонагии қаламравии давлат ва ҳифзи он аз ҳар гуна таҳдидҳои ҷудоихоҳиро кафолат медиҳад. Ин таърифҳо нишон медиҳанд, ки амнияти давлатӣ на танҳо ба ҳифзи манфиатҳои давлатию ҷамъиятӣ равона шудааст, балки барои рушди устувори ҷомеа ва нигоҳ доштани суботи он заминаи асосӣ фароҳам меорад» [128, с. 295-302]; [95, с. 2 3]. Дар айни замон, чунин тарзи баён натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи як қатор таърифҳое буд, ки муҳаққиқони гуногун дар ин соҳа дар давраҳои гуногуни мавҷудияти ҳуқуқи ҷиноятӣ пешниҳод кардаанд.

Ҳамин тавр, амнияти давлатӣ, ҳамчун объекти намудии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм, низоми муносибатҳои якхелаи ҷамъиятиро дар бар мегирад, ки ҳифзи онҳо барои таъмини тағйирнопазирии сохти конститутсионӣ, аз ҷумла истиқлолияти давлатии ҶТ, ки мустақилияти он дар татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷиро таъмин менамояд; шакли идораи ҷумҳуриявӣ, ки принсипҳои асосии идораи давлатро ба танзим медарорад; тамомияти арзӣ, ки ягонагии қаламрав ва ҷудонашаванда будани ҳудуди Тоҷикистонро кафолат медиҳад; дахлнопазирии устувори ниҳодҳои давлатдорӣ, ки татбиқи самараноки вазифаҳои давлатӣ ва идоракунии ҷомеаро таъмин менамоянд. Ин муносибатҳо асоси амнияти давлатӣ ва суботи сиёсию ҷамъиятии кишварро ташкил дода, самаранокии низоми давлатӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ аз таҳдидҳои экстремистӣ ва дигар зуҳуроти ғайриқонунӣ дар доираи онҳо амалӣ

мегардад. Мафҳуми мазкур ҳарчанд бо мафҳумҳои анъанавии амнияти давлатӣ аз ҷиҳати мазмун номувофиқ бошад ҳам, лекин бо назардошти содиршавии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм ва оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокии он ба мақсад мувофиқ аст.

Амнияти давлатӣ ин ҳолатест, ки дар он давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ ҳифз карда мешавад, суботи ниҳодҳои дохилӣ таъмин карда мешавад, қонунҳо ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон риоя карда мешаванд, инчунин тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёрӣ нигоҳ дошта мешаванд. Амнияти давлатӣ чораҳо ва сиёсатҳоро дар бар мегирад, ки ба пешгирӣ ва муқовимат ба таҳдидҳое равона карда шудаанд, ки метавонанд фаъолияти муътадили давлатро халалдор кунанд. Барои боз ҳам равшан намудани мафҳуми амнияти давлатӣ, ки даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад ба он таҷовуз кунад, муайян намудани нишонаҳои он аҳаммияти махсус дорад. Аз мафҳуми болозикр чунин нишонаҳои амнияти давлатиро ҷудо намудан мумкин аст: 1) тамомияти ҳудудӣ, амнияти давлатӣ ҳимояи марзҳо ва пешгирии кӯшиши таҷовузи ҳудудиро дар бар мегирад. Давлат бояд тамомияти арзии худро таъмин кунад ва ҳамлаҳоро пешгирӣ кунад; 2) суботи сиёсӣ, амнияти давлатӣ нигоҳ доштани суботро дар низоми сиёсӣ талаб мекунад. Ин пешгирӣ ва ҳалли низоъҳои сиёсӣ, канорагирӣ аз ихтилофоти дохилӣ ва таъмини қонунӣ будани ҳукуматро дар бар мегирад; 3) суботи иқтисодӣ, иқтисоди устувор ҷанбаи муҳими амнияти давлатӣ мебошад. Ин пешгирии бӯҳронҳои иқтисодӣ, мубориза бо коррупсия ва таъмини адолати иҷтимоиро дар бар мегирад; 4) таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлатӣ нигоҳ доштани тартиботи қонунро талаб мекунад. Ин мубориза бо ҷинояткорӣ, таъмини адолат дар низоми судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандонро дар бар мегирад; 5) ҳифз аз таҳдидҳои беруна: давлат

бояд барои муҳофизат аз таҳдидҳои беруна, аз ҷумла ҳамлаҳои низомӣ, терроризм, ҷиноятҳои экстремистӣ, тахрибкорӣ, ҷосусӣ, ҳамлаҳои киберӣ ва дигар шаклҳои таҷовуз аз ҷониби дигар давлатҳо ё ташкилотҳои террористӣ омода бошад; 6) таъмини амнияти миллӣ: давлат бояд низомҳо ва сохторҳоеро таъсис диҳад, ки ба таъмини амнияти миллӣ, аз ҷумла артиш, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти иктишофӣ ва дигар муассисаҳо нигаронида шуда бошанд; 7) идоракунии бӯҳронӣ: амнияти давлатӣ, инчунин мавҷудияти механизмҳоро барои идоракунии самараноки ҳолатҳои бӯҳронӣ, ба монанди офатҳои табиӣ, ҳамлаҳои террористиву экстремистӣ ё пандемия дар бар мегирад; 8) суботи иҷтимоӣ: таъмини суботи иҷтимоӣ, аз ҷумла қонеъ кардани ниёзҳои асосии шаҳрвандон ва пешгирии норозигии иҷтимоӣ, ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти давлатӣ мебошад. Амнияти давлатӣ равиши ҳамаҷониба ва кӯшишҳои муштараки тамоми ниҳодҳои давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро барои таъмини рушди устувор ва бехатарии давлат бояд талаб кунад.

Дигар намуди объекти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм объекти бевоситаи ин ҷиноят мебошад.

Мафҳуми «объекти бевоситаи ҷиноят» дар криминалистика ва ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми калидӣ мебошад. Ин мафҳум объектеро тавсиф мекунад, ки амали ҷинояткор ба он нигаронида шудааст ва дар натиҷаи содир шудани ҷиноят бевосита таъсир мерасонад. Ин мафҳум барои муайян кардани амалҳои мушаххасе, ки ба қонуни ҷиноятӣ дохил мешаванд ва муқаррар кардани робитаи мустақим байни амалҳои ғайриқонунӣ ва объекти онҳо зарур аст.

Объекти бевоситаи ин ҷиноят дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳол ба таври ягона ва умумӣ муайян нашудааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқон вобаста ба моҳияти ҳуқуқии экстремизм ва таъсири он ба сохтори

давлатдорӣ тафсирҳои гуногун пешниҳод кардаанд. Дар ин замина, ҳамчун объекти ҳуқуқии ин ҷиноят мафҳумҳои гуногун пешниҳод гардидаанд, аз ҷумла:

- Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти роҳ надодан (манъ кардани) ба фаъолияти экстремистӣ [68, с. 59];

- амнияти ҷамъиятӣ ва суботи иҷтимоӣ [58, с. 163];

- муносибатҳои ҷамъиятие, ки тартиботи конститутсионӣ ва суботи ҳокимияти қонунгузориро танзим мекунанд [166, с. 116];

- муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмини асосҳои сохти конститутсионӣ [152, с. 73-74];

- сохти конститутсионӣ, низоми сиёсии давлат, тамомияти арзӣ ва амнияти миллӣ [163, с. 93];

- муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти фаъолияти муътадили мақомоти конститутсионии ҳокимият ва намояндагони қонунии он [71, с. 66];

- муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи сохти конститутсионӣ ва амнияти дохилӣ [81, с. 651].

Таҳлили ин дидгоҳҳо нишон медиҳад, ки объекти бевоситаи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ метавонад аз ду ҷиҳат баррасӣ шавад: 1. Аз нигоҳи конститутсионӣ, ки ба таҳдид ба сохти сиёсӣ, суботи давлатӣ ва фаъолияти ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ дахл дорад; 2. Аз нигоҳи амнияти ҷамъиятӣ, ки ба таъсири фаъолияти экстремистӣ ба тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти дохилӣ ва суботи иҷтимоӣ марбут аст.

Аз ин рӯ, дар таърифи дақиқи объекти ҳуқуқии экстремизм, зарур аст, ки ҳам ҷанбаҳои сиёсию конститутсионӣ, ҳам ҷанбаҳои иҷтимоию амниятӣ ба назар гирифта шаванд. Танҳо бо ин роҳ, метавон доираи пурраи оқибатҳои ҳуқуқии ин ҷиноятро муайян намуда, барои такмили меъёрҳои қонунгузорӣ ва ҳимояи самараноки тартиботи ҳуқуқӣ замина фароҳам овард.

Дар баробари муносибатҳои зикршуда, ки ҳамчун объекти бевоситаи даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм эътироф шудаанд, А.В. Наумов бар он ақида аст, ки ин ҷиноят ба манъи конститутсионии барангехтани кинаву адовати нажодӣ, миллӣ ва динӣ, ки ҳамчун зуҳуроти экстремизм мебошанд, таҷовуз мекунад [90, с. 335]. Ин мавқеъ, дар маҷмуъ, дуруст аст, аммо, ба монанди ақидаҳои дигари қаблӣ, хусусияти объекти м.307[1] КҶ ҶТ - ро пурра карда наметавонанд.

Тибқи назариёти ҳуқуқшиносон, масъалаи муайян кардани объекти бевоситаи ҷиноят дар мавриди даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм андешаҳои гуногунро ба вуҷуд овардааст. Ба ақидаи Б.В. Яселенко, объекти бевоситаи ин ҷиноят амнияти дохилии давлат мебошад, ки ҳифзи суботу тартиботи ҷамъиятӣ ва устувории амнияти миллиро дар бар мегирад [105, с. 440]. А.Е. Беляева, дар навбати худ, объекти бевоситаи ин ҷиноятро асосҳои конститутсионии низоми сиёсии ҷомеа эътироф мекунад [107, с. 454]. Ин манфиатҳо ба тағйирнопазирии сохти конститутсионӣ ва идоракунии сиёсӣ равона шудаанд. Олимони ватанӣ, аз ҷумла Ҷ.З. Маҷидзода ва Н. Назаров чунин мешуморанд, ки объекти бевоситаи ин ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда мебошанд, ки дар рафти содир намудани ҷиноят ба асосҳои сохти конститутсионӣ зарар мерасонанд ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба миён меоранд [89, с. 94-95].

Ҳамин тариқ, ҳамаи ин дидгоҳҳо ба аҳаммияти ҳифзи асосҳои конститутсионӣ, амнияти дохилии давлат ва тартиботи ҷамъиятӣ ҳамчун унсурҳои муҳимми амнияти миллӣ ишора мекунанд. Ин таҳлил нишон медиҳад, ки объекти бевоситаи ин ҷиноят ба таври васеъ ба низоми сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва амнияти ҷамъиятӣ марбут буда, он бояд тавассути қонунгузории ҷиноятӣ ҳимоя шавад.

Тибқи назари И.М. Тяжкова, объекти бевоситаи ҷинояти таҳлилшаванда ҳамчун «муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ҳимояи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз амалҳои дорои хусусияти экстремистӣ таъмин мекунанд», муайян мегардад. Ин дидгоҳ бо дарназардошти хусусияти бисёрҷанбаи фаъолияти экстремистӣ асоснок буда, ба меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи Шанхай «Дар бораи мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм», мутобиқ аст [140, с. 83]. Барои таснифи ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ дар КҶ ҶТ ва КҶ ФР низ ҳамин паҳлӯҳо муҳим мебошанд. Мувофиқи боби 29 КҶ ҶТ ва КҶ ФР, ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ онҳое мебошанд, ки: 1. Ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат таҷовуз мекунанд; 2. Дар дигар моддаҳои мушаххас, аз ҷумла м.м. 157, 158, 160, 185, 188, 189, 237, 237[1], 242, ва 243 КҶ ҶТ, ҳамчун ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ зикр шудаанд. Фарқи назаррас байни КҶ ҶТ ва КҶ ФР дар он аст, ки КҶ ҶТ рӯйхати мушаххаси ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро пешбинӣ менамояд. Ин равиш ба қонунгузории Тоҷикистон имкон медиҳад, ки нисбат ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ муносибати мушаххас ва равшан дошта бошад, дар ҳоле, ки дар КҶ ФР чунин рӯйхат мушаххас нест. Аз ин рӯ, ақидаи И.М. Тяжкова дар бораи ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат алоқаманданд, ба таври назариявӣ ва амалӣ бо қонунгузории ҷорӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқ аст. Ҳамзамон, таҷрибаи таҳияи рӯйхати мушаххас дар КҶ ҶТ як қадами пешрафта барои танзими самарабахши мубориза бо ҷиноятҳои экстремистӣ мебошад.

Муҳаққиқи ватанӣ Н.А. Қудратов дар таҳлили объекти бевоситаи даъвати оммавӣ ба фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм назари худро ба таври васеъ баён намуда, онро бар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба

экстремизм» ташреҳ кардааст. Ба назари ӯ, объекти бевоситаи ин ҷиноят маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки барои таъмини амнияти давлатӣ ва ҳифзи асосҳои сохти конститутсионии давлат заруранд [158, с. 287-288]. Ин хулосабарории муҳаққиқ дорои асоси илмӣ ва ҳуқуқӣ буда, дуруст арзёбӣ мегардад, зеро сохти конститутсионӣ, амнияти миллӣ ва стабилизатсияи сиёсӣ дар ҳар давлат таҳти ҳимояи махсус қарор доранд ва ҳар гуна даъват ба экстремизм, ки боиси халалдор гардидани ин арзишҳо мегардад, ҷинояти зидди давлатӣ ҳисобида мешавад. Мутобиқи назари Н.А. Қудратов, объекти бевоситаи моддаи 307[1] Кодекси ҷиноятии ҶТ чунин муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар мегирад: 1. Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмини амнияти давлатӣ – яъне ҳар гуна даъвати оммавӣ ба экстремизм ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсӣ ва амнияти давлатӣ арзёбӣ мегардад; 2. Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ – ин маънои онро дорад, ки экстремизм ба меъёрҳои конститутсионӣ ва тартиботи сиёсӣ таҳдид мекунад; 3. Ҷиноятҳо бар зидди сохти конститутсионӣ ва тамомияти ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон – чунин даъватҳо метавонанд боиси барангехтани ихтилофоти дохилӣ, ҷудоихоҳӣ ва заиф шудани ягонагии ҳудудии давлат шаванд; 4. Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон – яъне экстремизм метавонад ба амнияти дохилӣ ва суботи иҷтимоӣ таҳдид намуда, боиси беназмӣ ва нооромиҳо гардад; 5. Муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ваколатҳои ҳокимият – экстремизм метавонад ҳокимияти конститутсиониро заиф ва мавқеи давлатро дар идоракунии сиёсӣ халалдор созад; 6. Шаъну шарафи миллӣ – экстремизм метавонад ба эҳсоси ваҳдати миллӣ ва арзишҳои ҷомеа таъсири манфӣ расонад, ки ин боиси ихтилофоти дохилӣ мегардад; 7. Озодии виҷдон ва дин – даъвати оммавӣ ба экстремизм метавонад барои барангехтани адовати динӣ, маҳдуд намудани ҳуқуқҳои динӣ ва истифодаи дин барои ҳадафҳои сиёсӣ равона гардад.

Тафсири пешниҳодкардаи Н.А. Қудратов дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошад, зеро он тамоми паҳлуҳои муносибатҳои ҷамъиятии зери таъсири экстремизм қароргирандаро фаро мегирад. Таъкиди ӯ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат нишон медиҳад, ки экстремизм на танҳо таҳдиди иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, балки як унсури хатарноки зиддидавлатӣ мебошад, ки метавонад тамомияти миллӣ, суботи сиёсию ҳуқуқӣ ва тартиботи конститутсионӣ-ро халалдор созад. Аз ин рӯ, даъвати оммавӣ ба фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм бояд бо усулҳои ҳуқуқӣ ва механизми ҳуқуқии мустаҳкам пешгирӣ карда шавад, то ки муносибатҳои ҷамъиятӣ ва амнияти давлатӣ аз таҳдидҳои экстремистӣ ҳифз карда шаванд.

М.П. Ҳайдарзода бар он назар аст, ки алоқаи ногусастае байни асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлативу ҷамъиятӣ мавҷуд аст. Бо вуҷуди ин, ӯ таъкид мекунад, ки моддаи 307[1] КҶ ҶТ дар Боби 29 («Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат») ҷойгир шудааст, на дар Боби 21 («Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ»). Ба назари ӯ, ҷойгиршавии ин модда дар сохтори Қисми махсуси КҶ ҶТ ва КҶ ФР бо назардошти объектҳои гуногуни хелӣ ва намудӣ сурат гирифтааст. Ин маънои онро дорад, ки амнияти ҷамъиятӣ, ҳарчанд бо фаъолияти экстремистӣ алоқаманд бошад, танҳо шартан метавонад ба ҳайси объекти моддаи 307[1] КҶ ҶТ баррасӣ шавад [181, с. 114]. Тавре аз ин таҳлил бармеояд, муҳаққиқ бо назардошти ҷойгиршавии моддаи 307[1] КҶ ҶТ дар боби 29 бар он таъкид мекунад, ки объекти асосии ин ҷиноят на амнияти ҷамъиятӣ, балки сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат мебошад. Ин маънои онро дорад, ки даъвати оммавӣ ба фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм беш аз он ки тартиботи ҷамъиятиро халалдор созад, ба сохтори конститутсионӣ ва

суботи сиёсӣ таҳдид менамояд. Бо вуҷуди ин, таъсири экстремизм ба амнияти ҷамъиятӣ низ нодида гирифта намешавад, зеро ҳама гуна даъват ба экстремизм метавонад боиси нооромӣ, ихтилофҳои иҷтимоӣ ва низоъҳои дохилӣ гардад. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки ҳангоми таҳияи такмили қонунгузорӣ, ҳам ҷанбаҳои конститутсионӣ ва ҳам ҷанбаҳои амнияти ҷамъиятӣ дар таҳлили ҷиноятҳои экстремистӣ ба назар гирифта шаванд. Дар маҷмӯъ, таҳлили М.П. Ҳайдарзода таваҷҷуҳи қонунгузориро ба ҳифзи сохти давлатӣ ва конститутсионӣ равона мекунад, ки яке аз ҷузъҳои муҳими таъмини амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Ба ақидаи мо, барои муайян намудани объекти бевоситаи м.307[1] КҶ ҶТ, яъне даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм ба асос гирифтани мафҳуми фаъолияти экстремистӣ ба мақсад мувофиқ аст. Зеро ҳангоми даъвати оммавӣ ҷинояткор аз дигарон даъват ба амал меоварад, ки даст ба ҷиноятҳои экстремистӣ зананд. Ҳамин тавр, объекти бевоситаи даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки баҳри устувор нигоҳ доштани амнияти миллӣ ва қобилияти мудофиавии давлат, фаъолияти муътадили ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи сохтори конститутсионӣ равона шудаанд.

Ҳамин тавр, таҳлили ҳуқуқи ҷиноятии объекти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизмро ҷамъбаст намуда, чунин хулосаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокро пешниҳод намудан ба мақсад мувофиқ аст:

1. *Ҳокимияти давлатӣ* ҳамчун объекти хелии ҷиноят ин низоми мақомот ва ниҳодҳоест, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия ва қонунҳои ҶТ таъсис ёфта, ба воситаи онҳо халқ ҳокимияти давлатии ба у тааллуқдоштаро ба амал мебарорад. Даъвати оммавӣ барои амалӣ

намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм на ба ҳамаи рукнҳои ҳокимияти давлатӣ таҷовуз мекунад, балки ба сохтори конститутсионӣ, соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии ҶТ, амнияти ҶТ, ваколатҳои ҳокимият, шаъну эътибори миллӣ, ҳуқуқ, озодӣ, манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд вобаста ба мансубияташ ба гурӯҳи иҷтимоӣ, нажод, миллат, қавм, маҳал, дин (мазҳаб) ва забон ё муносибати ӯ ба дин, фаъолияти қонунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунӣ, комиссияҳои интихоботӣ, ташкилот, иттиҳодияҳои дигар ва шахсони мансабдори онҳо таҷовуз мекунад. Ҳокимияти давлатӣ бо нишонаҳои худ аз дигар ниҳодҳо фарқ мекунад, ба монанди қонуният, инҳисорият, ҳудудӣ, таъиноти ҷамъиятӣ, идоракунии захираҳо ва маҷбуркунӣ. Ин истифодаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла полис ва артишро дар бар мегирад. Ҳокимияти давлатӣ вазифаи муҳимро дар ҷомеа ба амал бароварда, сохтор ва механизмҳои таъмини тартибот, адолат ва рушдро фароҳам меорад. Ҳамкории байни ҳокимияти давлатӣ ва шаҳрвандон, инчунин риояи принсипҳои ҳуқуқӣ унсурҳои асосии фаъолияти устувори ҷомеа мебошанд.

2. Асосҳои сохти конститутсионӣ ҳамчун объекти намудии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм низоми принсипҳое мебошад, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии ҷомеа ва давлатро дар маҷмуъ фаро мегиранд: иҷтимоӣ - иқтисодӣ, сиёсӣ - ҳуқуқӣ, фарҳангӣ - идеологӣ, байналмилалӣ ва ғ. Сохти конститутсионӣ низоми қоидаҳо ва принсипҳоест, ки ташкил ва фаъолияти давлатро муайян мекунанд. Он соҳаи конститутсиониро фаро мегирад, яъне соҳаи марбут ба сохтор ва фаъолияти мақомоти давлатӣ, муқаррар ва риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, инчунин муайян намудани тартиби танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Сохти конститутсионӣ асоси ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад, ки вазъи ҳуқуқии шаҳрвандон ва ҳукумат, баробарӣ дар назди қонун, низоми тақсимоти

ҳокимият, принсипҳо ва расмиёти қабул ва тағйир додани қонунҳо ва ҳуқуқу озодиҳои кафолатдодашудаи шаҳрвандонро муайян мекунад. Ҳамин тариқ, сохти конститутсионӣ дар ташаккул ва таҳкими ниҳодҳои демократӣ ва давлати ҳуқуқбунёд нақши муҳим дошта, фаъолияти ҳамоҳанг ва рушди низоми давлатиро таъмин менамояд.

3. Таҳти мафҳуми амнияти давлатӣ ҳамчун объекти намудии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм муносибатҳои якхелаи ҷамъиятие дониста мешаванд, ки бо тағйирнопазирии сохти конститутсионии ҶТ, аз ҷумла истиқлолияти давлатӣ, шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ ва ҷудонашаванда будани ҳудуди он ва фаъолияти устувори ниҳодҳои давлатдорӣ, таҳким ва самаранокии фаъолияти онҳо алоқаманд ҳастанд. Мафҳуми мазкур ҳарчанд бо мафҳумҳои анъанавии амнияти давлатӣ мазмунан номувофиқ бошад ҳам, лекин бо назардошти содиршавии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм ва оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокии он ба мақсад мувофиқ аст. Аз мафҳуми болозикр чунин нишонаҳои амнияти давлатиро ҷудо намудан мумкин аст: 1) тамомияти ҳудудӣ; 2) суботи сиёсӣ; 3) суботи иқтисодӣ; 4) таъмини тартиботи ҳуқуқӣ; 5) ҳифз аз таҳдидҳои беруна; 6) таъмини амнияти миллӣ; 7) идоракунии бухронӣ; 8) суботи иҷтимоӣ. Амнияти давлатӣ равиши ҳамаҷониба ва кӯшишҳои муштараки тамоми ниҳодҳои давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро барои таъмини рушди устувор ва бехатари давлат бояд талаб кунад.

4. Амнияти давлатӣ, ҳамчун объекти намудии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм, низоми муносибатҳои якхелаи ҷамъиятиро дар бар мегирад, ки ҳифзи онҳо барои таъмини тағйирнопазирии сохти конститутсионӣ равона гардидаанд, аз ҷумла: истиқлолияти давлатии ҶТ, шакли идораи

ҷумҳуриявӣ, тамомияти арзӣ. Ин муносибатҳо асоси амнияти давлатӣ ва суботи сиёсию ҷамъиятии кишварро ташкил дода, самаранокии низоми давлатӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ аз таҳдидҳои экстремистӣ ва дигар зуҳуроти ғайриқонунӣ дар доираи онҳо амалӣ мегардад. Мафҳуми мазкур ҳарчанд бо мафҳумҳои анъанавии амнияти давлатӣ аз ҷиҳати мазмун номувофиқ бошад ҳам, лекин бо назардошти содиршавии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм ва оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокии он ба мақсад мувофиқ аст.

5. Объекти бевоситаи даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ таъсири қасдан ва равонашуда ба шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои муайяни шахсон бо мақсади таҳрик ё ҳавасмандгардонии содир намудани амалҳои ҷиноятӣ ё зуроварӣ мебошад. Барои муайян намудани объекти бевоситаи ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м.307[1] КҶ ҶТ) мафҳуми фаъолияти экстремистӣ бояд ба назар гирифта шавад, зеро ҳангоми даъвати оммавӣ ҷинояткор аз дигарон даъват ба амал меоварад, ки даст ба ҷиноятҳои экстремистӣ зананд. Ҳамин тавр, объекти бевоситаи даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки баҳри устувор нигоҳ доштани амнияти миллӣ ва қобилияти мудофиавии давлат, фаъолияти мӯътадили ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи сохтори конститутсионӣ равона шудаанд.

## 2.2. Таҳлили тарафи объективии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм

Тарафи объективии ҷиноят ҳамчун амали рафтори инсон як қатор аломатҳо дорад, ки онҳоро ба ду категория тақсим кардан мумкин аст: ҳатмӣ ва интихобӣ. Дар таркибҳои расмӣ кирдор аломати ҳатмӣ мебошад, дар таркибҳои моддӣ – кирдор, оқибати ҷиноят ва робитаи сababӣ байни кирдор ва оқибат [150, с. 113].

Тарафи объективии ин ҷиноят дар даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ ва (ё) сафедкунии оммавии экстремизм ифода мегардад. Ҳамин тавр, ҷанбаи объективии м.307[1] КҶ ҶТ дар ду ҳаракати фаъол ифода мегардад, яъне:

***1) Даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ.*** Барои муайян намудани моҳияти кирдор дар шакли даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ, пеш аз ҳама мафҳуми фаъолияти экстремистӣ аз нигоҳи қонунгузорӣ ва илмӣ бояд шарҳ дода шавад.

Муҳаққиқи ватанӣ М.П. Ҳайдарзода дар таҳқиқоти худ нуқтаи муҳимро қайд намудааст, ки мафҳуми «фаъолияти экстремистӣ» (амали экстремистӣ), ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» (аз 8 декабри соли 2003, таҳти № 69) муайян шуда буд, баъзе ҷиноятҳоро, ки хусусияти экстремистӣ доранд, фаро намегирифт. Дар ин Қонун чунин ҷиноятҳо, ки дар м.м.157 (Монеъ шудан ба фаъолияти иттиҳодияи динӣ), 158 (Монеъ шудан ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ), 160 (Вайрон кардани тартиби ташкил ва гузаронидани маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, роҳпаймоӣ ва пикетгузорӣ), 242 (Несту нобуд кардани ёдгориҳои таърих ва фарҳанг) ва 243 (Таҳқири ҷасади фавтидагон ва гӯри онҳо) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КҶ ҶТ) зикр шудаанд, комилан инъикос наёфтаанд. Дар ҳамин ҳол, м.307[2] КҶ ҶТ ин ҷиноятҳоро ба ҳайси

кирдорҳои хусусияти экстремистидошта ворид кардааст. Қонуни нави ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» баъзе аз ин ихтилофҳоро бартараф намуда, дар м.3 мазмуни м.м.157 ва 158 КҶ ҶТ - ро ҳамчун падидаҳои экстремистӣ баҳо додааст. Ғайр аз ин, м.м.150, 309, 328 ва 329 КҶ ҶТ - ро низ ҳамчун ҷузъи фаъолияти экстремистӣ шомил намудааст. Вале, тавре М.П. Ҳайдарзода қайд мекунад, на ҳамаи ин моддаҳо, масалан, м.309, хусусияти экстремистӣ доранд. Дар баробари ин, қонун м.м.160, 237, 237[1], 242, 243 КҶ ҶТ - ро, ки аксаран хусусияти экстремистӣ доранд, ҳамчун кирдорҳои экстремистӣ эътироф накардааст [181, с. 97-98]. Дар натиҷа, ихтилофоти мавҷуда дар таносуби мазмуни қонун ва Кодекси ҷиноятӣ боқӣ монда, такмили минбаъдаи қонунгузориро талаб мекунад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» дар м.1, ки мафҳумҳои асосӣ ном гирифтааст «фаъолияти экстремистиро ҳамчун фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ, воситаҳои ахбори омма ё ташкилотҳои дигар, аз ҷумла созмонҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил, тайёр кардан ва иҷрои амалҳое, ки ба содир кардани фаъолияти экстремистӣ, ноустувор сохтани амнияти миллӣ ва қобилияти мудофиавии давлат, инчунин даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохтори конститутсионӣ ва ҳаракатҳое, ки ба барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) равона шудаанд», маънидод менамояд [14].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, сиёсатшиносӣ ва дигар илмҳо мафҳуми фаъолияти экстремистӣ ба таври гуногун дода шудааст.

С.В. Борисов таҳти мафҳуми “фаъолияти экстремистӣ» намудҳои фаъолияти зиддиҳуқуқиеро эътироф менамояд, ки асосҳои сохти конститутсиониро инкор намуда, дар содир гардидани кирдорҳои

ҷиноятӣ, аз қабили бо роҳи зуроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ, ғасби ҳокимият, барангехтани кина ва ё адоват дар ҷамъият аз рӯйи аломатҳои нажодӣ, миллатгароӣ ё муносибат ба дин зуҳур меёбанд” [153, с. 16].

Фаъолияти экстремистӣ падидаест, ки ба ҷомеа таҳдиди воқеӣ дорад. Он шаклҳо ва зуҳуроти гуногунро дар бар мегирад, ки доираи васеи ғояҳо ва мафкураҳоро дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин, новобаста аз гуногунии ташкил ва ангезаҳои экстремистҳо, фаъолияти онҳо ҳамеша бо оқибатҳои манфӣ алоқаманд аст. Яке аз ҷанбаҳои асосии фаъолияти экстремистӣ таблиғот мебошад. Тавассути платформаҳои гуногуни ВАО, ба монанди шабакаҳои иҷтимоӣ, форумҳои интернетӣ ва видеохостингҳо, экстремистон мафкураи худро фаъолона паҳн мекунанд, ки ба дарк ва тафаккури ҷомеа таъсир мерасонанд. Бо роҳи таҳрир ва маълумоти нодуруст, онҳо кӯшиш мекунанд, ки эътиқоди худро ва муносибати худро ба оммаи васеъ, таъсиррасонӣ ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ таҳмил кунанд. Дар баробари таблиғот, фаъолияти экстремистӣ инчунин ҷузъи фаъоли ҷисмонӣ ва зӯровариро дар бар мегирад. Амалҳои террористӣ, ҳамлаҳо ва дигар шаклҳои зуроварӣ воситаи қобили қабул барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва ғоявии чунин гурӯҳҳо мегарданд. Ин на танҳо ба одамони бегуноҳ мушкилот ва зарар мерасонад, балки муҳити тарсу ҳарос ва шиддати бехатариро низ ба вуҷуд меорад.

Фаъолияти экстремистӣ метавонад хусусияти байналмилалӣ дошта бошад, ки бо ҳамкорӣ ва дастгирии байни гурӯҳҳо ва ташкилотҳои гуногуни экстремистӣ дастгирӣ карда шавад. Чунин шохаи фаъолият метавонад бо низоъҳои сиёсии байналмилалӣ, ихтилофоти динӣ ё зиддиятҳои идеологӣ алоқаманд бошад. Ин мушкилоти экстремизмро мустаҳкам ва афзоиш менамояд, ба садҳо ва ҳазорҳо одамон таъсир мерасонад ва ба ҷомеа зарари ҷиддӣ мерасонад. Барои мубориза бо

фаъолияти экстремистӣ на танҳо қабули қонунҳои сахт ва чораҳои амниятӣ, балки татбиқи стратегияи низомманд ва ҳамаҷониба зарур аст. Маърифат ва маориф, ки дар синни хурдсолӣ муносибати таҳаммулпазирро нисбати ғояҳо ва фарҳангҳои гуногун ташаккул медиҳанд, муҳим аст. Ҳамкории сатҳи байналмилалӣ, мубодилаи иттилоот ва таҷриба дар мубориза бо экстремизм низ муҳим аст.

Фаъолияти экстремистӣ мушкилоти ҷиддии ҷомеаи муосир мебошад. Он тақозо мекунад, ки кӯшишҳои ҳамаи субъектҳо (давлат, ҷомеа ва шаҳрвандон) барои боздоштан ва пешгирии чунин зуҳурот муттаҳид карда шаванд. Танҳо тавассути амалҳои муштарак ва ҳамкории пурзӯр, мо метавонем, ин таҳдидро тавассути таъмини амният ва некӯаҳволии наслҳои оянда ҳал кунем.

Даъвати оммавӣ ин даъватест, ки ошкоро, яъне оммавӣ анҷом дода мешавад ва ба диққати омма ва иштироки одамон равона карда шудааст. Ин метавонад даъват ба амал, тағйир додани мавқеъ ё вазъияти муайян, ҳамкорӣ, қабули ухдадориҳо аз ҷониби тарафҳо, дастгирии ғоя ё ҳадафи муайян ва ғ. бошад. Даъватҳои оммавӣ аксар вақт дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ барои сафарбаркунӣ ва фаъолсозии ҷомеа истифода мешаванд. Чунин даъватҳои оммавӣ аксар вақт хусусияти мусбат доранд. Лекин, дар м.307[1] КҶ ҶТ намуди манфии даъвати оммавӣ, яъне даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ ҳамчун ҷиноят муқаррар гардидааст. Масалан, с*удшаванда Ҳ.А.А. дар ҳолати зерин ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм содир намудааст. Чунончӣ: охирин солҳои 2012 - 2016 ҳангоми дар шаҳри Сахалини Федератсияи Россия қарор доштанаш бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.У.И., М.А.Ҷ. ва дигарон дар як ҳафта тахминан як маротиба бо ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳисоби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия ҷамъомадҳои*

*динӣ ташкил кардаанд.*

*Дар рафти ҷамъомадҳои динии мазкур Ҳ.А.А. ва дигар ҳаммаслаконаш дар назди ҷамъомадагон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон В.Б.С., О.З.С., С.С.Т., В.А.У. ва дигарон, ақидаҳои иттиҳоди экстремистии «Салафия» ва ташкилоти террористӣ – экстремистии ба ном «Давлати исломӣ» - ро, ки мақсади онҳо ба тарзи маҷбурӣ тағйир додани сохти конститутсионии давлатҳои шакли идоравиашон демократӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, фаъолияташон ба ангезонидани мунокишаҳои динӣ, ки ба зӯроварӣ ва даъват алоқаманд аст, равона шудааст, дуруст ҳисобида, иштирокчиёнро барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ даъват намудаанд. Ҳ.А.А. бо ҳамроҳии ҳаммаслаконаш баҳри таъсир расонидан ба шуур ва иродаи иштирокчиёни ҷамъомадҳо бо мақсади майл намудани онҳо ба амалигардонии фаъолияти экстремистӣ, дар назди онҳо оид ба фарз гардидани «ҷиҳод», ки аз Ҷумҳурии Сурия ва Ироқ, инчунин намудҳои «ҷиҳод», ки аз «ҷиҳоди забонӣ», «ҷиҳоди молӣ» ва «ҷиҳоди ҷонӣ» иборат аст, маълумот дода, дар шуур ва иродаи иштирокчиён бартарӣ доштанашонро аз нигоҳи муносибат ба дин нисбат ба дигар қишрҳои ҷомеа ва иҷро намуда амалҳои зӯроварӣ «ҷиҳод» нисбат ба қишрҳои ҷомеаи мусулмониро ҷо карда, онҳоро барои иҷро намудани амалҳои экстремистӣ даъват кардааст. Мувофиқи хулосаи мутахассисони филиали Суғдии МҶЭСК назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд таҳти №23/832/21 аз 17 майи соли 2021 дар суханҳои Ҳ.А.А. даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ҷой дорад. Дар рафти мурофиаи судӣ аз ҷониби судшаванда Ҳ.А.А. тибқи талаботи м.310 КМҶ ҶТ дархост дар бораи гузаронидани мурофиа бо тартиби соддакардашудаи судӣ пешниҳод гардид. Дар дархости худ судшаванда дарҷ кардааст, ки ӯ худашро дар содир намудани ҷиноят пурра гунаҳгор мешуморад ва худиқрории ӯ маҷбурӣ нест. Аз ин рӯ, аз суд хоҳиш намуд, ки парванда бо тартиби соддакардашуда гузаронида шавад* [205].

Якчанд равишҳоро барои муайян кардани истилоҳи «даъват», ки дар таркиби м.307[1] КҶ ҶТ категорияи марказӣ мебошад, баррасӣ менамоем. Мувофиқи нуқтаи назари И.Я. Козаченко даъватҳо бояд «...муроҷиати ошкоро ё исрор ба издиҳом дар ҳамоиш, дар маҷлис бо муроҷиатҳои иғвоангез, ки нафрат ба сохти конститутсионии мавҷударо ба вуҷуд меоранд, ва оммаро ба исён даъват мекунанд, исёни бетартибиҳои оммавӣ, ки ба нофармонии ошкоро ба талаботи қонунии мақомот оварда мерасонанд», фаҳмида шаванд [77, с. 538]. С.В. Борисов даъватро ҳамчун «муроҷиати субъект ба доираи васеи шахсон бо ёрии воситаҳои гуногуни коммуникатсия, ки дорои маълумотест, ки ин одамонро ба амалҳои фаъоли хусусияти экстремистӣ водор мекунад», тафсир мекунад [61, с. 135]. Таърифи даъватҳои оммавӣ, ки аз ҷониби А.В. Бриллиантов дода шудааст, ба назари мо, нисбатан муваффақ аст, он чунин падидаро пурратар тавсиф мекунад. Муҳаққиқ даъватро ҳамчун «шакли таъсири психологӣ ба шуур ва иродаи одамон бо мақсади ҳавасманд кардани онҳо барои содир намудани амалҳои муайян (алалхусус, фаъолияти экстремистӣ – К.М.)» тавсиф медиҳад [62, с. 955].

Мақсаднокӣ - нишонаи хоси даъватҳо мебошад, маҳз мақсад имкон медиҳад, ки онҳоро аз дигар амалҳо фарқ кунад. Мақсад дар даъватҳои оммавӣ муттаҳид кардани доираи номаҳдуди шахсон, таъсир расонидан ба иродаи онҳо барои амалӣ намудани амалҳои хусусияти экстремистӣ дошта мебошад. Моҳияти даъватҳои оммавӣ бояд барои шахси қабулкунанда (даъватшаванда) дар қисмати натиҷаи ниҳоии чунин амалҳо равшану возеҳ бошад, яъне шахс бояд дарк кунад, ки шахси дигар (даъваткунанда) уро ба амалҳои экстремистӣ дошта водор мекунад, усулҳо ва воситаҳои расидан ба чунин ҳадафҳо хусусияти зиддиҷамъиятӣ, зуроварӣ доранд ва бо кодекси ҷиноятӣ манъ карда шудаанд. Масалан, *О.Ш.А. бо истифода аз шабакаи интернет ва аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, аз ҷумла бо шаҳрванди*

*Ҷумҳурии Қиргизистон А.Т. бо тахаллуси “Ҷаъфар”, А. шаҳрванди Ҷумҳурии Узбекистон, ки айни ҳол шахсияташ муқаррар карда нашудааст, ҳамсинфон ва ҳамдеҳагонаш сокинони ноҳияи Б.Ғафуров, ҷамоати деҳоти Исфисор, Р.Д.Т., Т.М.А., А.А.А., Ҷ.А.А., Н.И.Т., Р.О.М., З.А.А., Л.У.М., Б.А.Ш., М.М.М., Э.Ш.А., Т.Н.Н. ва сокинони ноҳияи Б.Ғафуров Д., З., М., Н., М., Н., М., Д., А., Ҷ., ки айни ҳол шахсияташон пурра муқаррар карда нашудааст ва дигарон даст ба ҷалб кардан барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидоша ё мусоидати дигар барои содир намудани онҳо, такроран ва аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ маблаггузории ҷиноятҳои хусусияти террористидошта, даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва ё сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ, даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм, зада, онҳоро дар ҳолатҳои зерин содир намудааст.*

*Чунончӣ судшаванда О.Ш.А. солҳои 2014-2021 дар муҳоҷирати меҳнатӣ дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия қарор ва дар он ҷой зиндагӣ намуда, дар зери таъсири бевоситаи шаҳрванди Ҷумҳурии Қиргизистон А.Т. бо тахаллуси “Ҷаъфар”, А. ном шаҳрванди Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки айни ҳол шахсияташ муқаррар карда нашудааст, ҳамсинфаш А.А.А., дар масҷиди ҷомеъи “Новокузнетск”, воқеъ дар хиёбони Мири шаҳри Москваи Федератсияи Россия, аз аввали соли 2015 то моҳи июни соли 2021 дар чойхонаи шахсии ташкилкунандаи гуруҳ Р.Д.Т. “Айқл”, воқеъ дар Федератсияи Россия, шаҳри Москва, маҳаллаи Южная Тушино, кӯчаи Свобода 48, бо ҳамдеҳаҳояш сокинони ноҳияи Б.Ғафуров, ҷамоати деҳоти Исфисор, Т.М.А., Р.Д.Т. ва дигарон, дар чойхонаи ноҳияи Красногорски шаҳри Москва, ки тарафдори ақидаҳои тундрави радикалии дини ислом буданд монда, ӯ низ тарафдори ғояҳои (идеология) ташкилоти байналмилалии террористии “Давлати исломӣ” (дар оянда ТБТ “Давлати исломӣ”), ҳизби экстремистию террористии равияи “Салафия” шомил*

*гаштааст, ки ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2006, 08 январи соли 2009, 03 майи соли 2012, 14 апрели соли 2014 ва 08 декабри 2014, инчунин бо ҳалномаҳои Суди Олии Федератсияи Россия аз 29 декабри соли 2014, баҳри таъмини ҳимояи асосҳои сохти конститутсионӣ, амнияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, пешгирӣ кардани фаъолияти террористию экстремистӣ, ҳолатҳои барангехтани кинаю адоват ва низои динию мазҳабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳоди террористию экстремистӣ (ифротгароӣ) эътироф, сомонаҳои интернетии ин равияҳо чун воситаи ахбори омма баста ва фаъолияти он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия манъ карда шудааст.*

*Дар асоси ҳалномаҳои мазкур ташкилоти байналмилалии «Давлати исломии Ироқ ва Леванта», ҳамчун боз маълум бо номи «Давлати исломии Ироқ ва Суриё», «Давлати исломии Ироқ ва Шама», аз тобистони соли 2014 «Давлати исломӣ» номида шудааст. Ташкилоти мазкур соли 2006 дар натиҷаи якҷоя шудани гурӯҳҳои тундрави радикалии исломӣ, ки он аз ташкилоти байналмилалии "Ал-Қоида" ҷараён гирифта ҷудо шудааст, ташкил гардидааст. Мақсади наздиктарини ин ташкилот ва равияҳои динӣ дар ҳудуди Суриё, Ироқ ва Лубнон ташкил кардани давлати исломии суннӣ, ки дар он бо қонунҳои шариат зиндагонӣ намуда, ҳамчунон бурдани ҷанги муқаддас бо номи ҷиҳод бо нафарони бехудо (кофирҳо) дар тамоми ҷаҳон мебошад. Ташкилоти мазкур ба амнияту бехатарии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид менамояд, зеро ба сифати вазифаҳои худ содиркунии ҳаракатҳои ба тарсу ваҳм андохтани аҳолӣ, сохтани хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнокро эълон дошта, мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия,*

*тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарорро пеша кардааст.*

*Судшаванда О.Ш.А. ҳангоми фаъолият баръало огоҳ шудааст, ки мавҷудияти мухолифатҳои сиёсӣ, динӣ, ҳиссиётҳои мансабхоҳӣ ва носозгориҳои мазҳабии гуруҳи одамон дар арсаи байналхалқӣ ба он оварда расонидааст, ки равияи динии "Салафия", ки маънояш "Пеш гузашта, пеш зиндагӣ кардан" мебошад, дар асри 18 идеяҳои онҳоро ваҳҳобиҳо ва дар асри 20 бошад ҳаракати "Ихвон-ул-муслимин" чун асос барои идеологияи худ қабул кардаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гояҳои равияи динии "Салафия" соли 1998 пайдо шудааст, ки зидди ақидаҳо ва парастиши дигар мазҳабу равияҳои динӣ дар Тоҷикистон буда, таълимоти онҳо ба он равона карда шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои дунявиро ҳамчун давлати "Такфир" ва куфр ҳисобида, бо роҳи яроқнок аз байн бурдани онҳоро инкор намекунанд. Равияи динии "Салафия" ба ҷузъ ақидаҳои "Ҳамбал" дигар дину мазҳаб, равия фарҳангу тамаддунро қабул ва эътироф накарда, ҳамаи динҳои гайримусулмонро душманони худ пиндошта, онҳоро "Такфир" ва "Куфр" ҳисобида, нест карданашонро мақсаду вазифаи худ медонистааст. Салафиҳо ҷиҳодро рукни асосии ислом дониста, барои аз байн бурдани давлати Тоҷикистон ва барқарор кардани хилофати араб мардум- доираи васеи одамонро бо мақсади барангехтани онҳо дар ба амал баровардани  фаъолияти террористию экстремистӣ даъват карда, ба ифротгароӣ ва гумроҳӣ мебаранд. Маркази равияи динии "Салафия" дар Арабистони Саудӣ буда, ин равия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни арабгароиро мақсади ниҳоии худ дониста, метавонад барои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон муноқишаҳои динию мазҳабӣ ва тезу тунд шудани муносибатҳои диндоронро ба вуҷуд орад. Фаъолияти равияи динии "Салафия" хусусияти ифротӣ дошта, мардумро ба ноорромӣ, дигаркунии сохти конститутсионии давлат, гасби ҳокимият ва ангезидани бадбинии мазҳабӣ, даъват, яъне  ба шуур ва иродаи доираи васеи одамон бо мақсади*

*майл намудани онҳо ба амалигардонии фаъолияти террористию экстремистӣ таъсир мерасонанд. Мақсад ва мароми равияи динии "Салафия" дар ҷумҳурӣ асосан бо даъват ва ҷамъ намудани аҳолӣ доираи васеи одамон бо мақсади барангехтани онҳо, ба амал баровардани фаъолияти террористию экстремистӣ ба сафҳои худ буда, дар рафти чунин даъватҳо, ки хусусияти ифротӣ ва тоқатнопазирӣ нисбат ба дигар мазҳабу равияҳо, аз ҷумла ба мазҳаби анъанавии мусулмонони Тоҷикистон-мазҳаби Имоми Аъзам доранд. Намояндагони равияи "Салафия" мунтазам ба барангехтани кинаю адоват ва низои динӣ даст мезананд*[1].

Аз ин ру, равишҳои гуногунро барои муайян кардани ин падида ҷамъбаст намуда, қайд кардан зарур аст, ки даъватҳои оммавӣ барои анҷом додани фаъолияти экстремистӣ бояд шакли таъсири психологиро ба шуур ва иродаи доираи номаҳдуди шахсонеро, ки дар шароити оммавӣ анҷом дода мешаванд, бо мақсади ҳавасманд ва водор кардани ин шахсон барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ фаро гиранд.

Аксар вақт дар амалия саволе ба миён меояд, ки кадом шаклҳои даъват бо м.307[1] КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Аз руи шакл намудҳои зерини даъват ҷудо карда мешаванд: шифоҳӣ (суханронӣ дар ҳамоиш, хаттӣ (нашри рӯзномаҳо, часпонидани плакатҳо), бо истифода аз воситаҳои электронӣ тавассути шабакаи Интернет. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин, даъватҳои мустақим ва пинҳонӣ ҷудо карда мешаванд. Даъвати мустақим шакли кушодаи таъсири шифоҳӣ ба рафтори инсон аст. Чунин даъват, чун қоида, бояд феълро дар шакли амр дошта бошад, ба монанди биравед, занед, вайрон кунед ва ғ. Дар шакли пинҳонӣ ҳатман даъват вуҷуд надорад, чунин шакл аз сохтори вожаҳо ифода меебад, ки ба таври мустақим ба ягон амал водор намекунад, аммо ба таври ғайримустақим хоҳиши шахси дигарро барои содир кардани амали ғайриқонунӣ ташаккул медиҳад.

---

[1] Суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд. Парвандаи №1-170/2022

Намудҳои даъвати оммавӣ метавонанд гуногун бошанд, аз қабили:

1. **Муроҷиат ё суханрониҳои оммавӣ** метавонад суханронии роҳбари сиёсӣ (раиси ҳизб), фаъол ё созмондиҳанда бошад, ки ба мардум муроҷиат мекунад ва ба амал ё тағйироти муайян даъват мекунад. Бояд қайд намуд, ки чунин намуди муроҷиат яке аз шаклҳои маъмули даъвати оммавӣ ба экстремизм мебошад. *Сатторов Д.Н.- ро тахминан охирҳои моҳи июни соли 2008 дар ҳудуди маҳаллаи 82 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, шахси шахсияташ номаълуми айни ҳол фавтида, бо ному насаби барои шомил шудан ба ташкилоти экстремистии ғайриқонунӣ амалкунандаи фаъолияташ манъкардашудаи «Ҳизб-ут-Таҳрир» даъват намудааст. Сипас, Раҷабов А. ба судшаванда Сатторов Д.Н. дар масҷиди маҳаллаи 82-и шаҳри Душанбе, таълимоти динӣ аз рӯи адабиётҳои ғайриқонунии ба «Ҳизб-ут-Таҳрир» тааллуқдошта, аз қабили «Низоми Ислом», «Нафсияи Ислом» ва г.ҳо додааст. Судшаванда Сатторов Д.Н. ҳамин адабиётҳоро ҳамчун манбаи таълимоти динӣ қабул карда, тавассути ин адабиётҳо ақидаи ифротии худро қавӣ гардонида, дар он ҷо бо роҳи қасам (байъат) ёд кардан ба ин ташкилоти экстремистӣ аъзо гардидааст. Судшаванда Сатторов Д.Н. аз ҳамон шахс ва дигарон муддати дароз ҳамчун аъзо сабақи ғайриқонунии динӣ гирифта, ғояҳои онро байни ҳамдигар ва дигар шаҳрвандони ҷумҳурӣ ташвиқу тарғиб намуда, дар фаъолияти иттиҳоди экстремистӣ, ки мақсади ниҳоияш барҳам додани давлатҳои сохти идоракуниашон демократӣ, аз ҷумла ҶТ ва дар заминаи он бунёди давлати исломии «Хилофат» мебошад, пинҳонӣ фаъолият ва иштирок намудааст.*

*Аз ҷумла, судшаванда Сатторов Д.Н. ҳангоми адои ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳои дуздӣ, аз 24 апрел то 14 сентябри соли 2016 дар муасиссаи ислоҳии ЯС 3/6 СРИҶҶ ВА Ҷумхурии Тоҷикистон, воқеъ дар ноҳияи Ёвон, дидаю дониста, ки ташкилоти «Ҳизб-ут-Таҳрир» ташкилоти экстремистӣ - террористӣ ба ҳисоб рафта, фаъолияташ дар ҳудуди ҶТ манъ карда шудааст, содиркунии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ*

*намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм, инчунин иштирок дар иттиҳоди экстремистии «Ҳизб-ут-Таҳрир»-ро давом дода, дар назди худ мақсад гузоштааст, ки баҳри зиёд намудани сафи он дар байни маҳкумшудагон ақидаҳои ифротгароёнаи худро пинҳонӣ ташвиқот намуда, дигар маҳкумшадагонро ба ин ташкилот бо роҳи даъват кардан шомил намояд.*

*Судшаванда Сатторов Д.Н. ҳамчунон ҳангоми дар муассисаи тафтишотии ЯТ 9/4-и шаҳри Кӯлоб ҳамчун шахси барои куштори одам аз ҳиссиёти авбошӣ ба ҳабс гирифташуда, аз 24 майи то 16 августи соли 2017 нигоҳдошта шуданаш ва ҳангоми адои ҷазо дар муасиссаи ислоҳии ЯС 9/7 СРИҶҶ ВА ҶТ, воқеъ дар шаҳри Бохтар, содиркунии ҷиноятҳои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм, инчунин иштирок дар иттиҳоди экстремистиро аз 16 августи соли 2017 то 16 августи соли 2020 давом дода, дидаю дониста, ғайриқонунӣ, дар фаъолияти ҳизби сиёсӣ, итиҳодияҳои ҷамъиятию динии «Ҳизб-ут-Таҳрир», ки нисбати он аз ҷониби суд қарори эътибори қонунӣ пайдокарда дар бораи барҳам додан ва манъи фаъолияташ бинобар сабаби ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст, бо роҳи содир намудани ҳаракатҳои қасдонае, ки барои баамалбарории ҳадафҳои ҳамин ташкилоти экстремистӣ равона карда шудаанд, аз ҷумла гузаронидани сӯҳбатҳо бо мақсади ташвиқу тарғиботи фаъолияти ҳамин ташкилоти барҳамдодашуда ва манъкардашуда, ҷалбкунии иштирокчиёни нав - маҳкумшудагон Иброҳимов Ёрибек Абдусаломович, Каримов Умедҷон Султонович, Мирзоев Фаррух Раҳмонович Руҷаев Субҳиддин Сафоидинхоҷаевич ва дигарон, гузаштан ба ҳолати пинҳонӣ ва ғ. иштирок намуда, ба фаъолияти он ба тарзи дигар мусоидат карда, даст ба даъвати шифоҳии оммавӣ таъсир расонидан ба шуур ва иродаи доираи васеи одамон - маҳкумшудагони номбаршуда ва дигарон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ-муассисаҳои тафтишотию ислоҳӣ, бо*

*мақсади майл намудан ва барангехтани онҳо барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм - тарғибу ташвиқи оммавӣ дар бораи эътироф намудани дурустии мафкура ва таҷрибаи экстремизм, таклифи тақлид ва дастгирии он машғул шудааст. Инчунин, номбурда баҳри ба амал баровардани ин нияти худ, ҳангоми аз 02 сентябр то 02 октябри соли 2020 дар тавқифгоҳи тафтишотии ЯС9/1 СРИҶҶ ВА ҶТ дар шаҳри Душанбе нигоҳ дошта шуданаш ва аз 03 октябри соли 2020 дар шуъбаи мутобиқгардони муассисаи ислоҳии 3/3 СРИҶҶ ВА ҶТ дар вилояти Суғд, воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 14, интиқол дода шуданаш, дидаю дониста, ғайриқонунӣ, дар фаъолияти ҳизби сиёсӣ, иттиҳодияи ҷамъиятию динии «Ҳизб-ут-Таҳрир», ки нисбати он аз ҷониби суд қарори эътибори қонунӣ пайдо карда, дар бораи барҳам додан ва манъи фаъолияташ бинобар сабаби ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст, бо роҳи содир намудани ҳаракатҳои қасдонае, ки барои баамалбарории ҳадафҳои ҳамин ташкилоти экстремистӣ равона карда шудаанд, аз ҷумла гузаронидани суҳбатҳо бо мақсади ташвиқу тарғиботи фаъолияти ҳамин ташкилоти барҳамдодашуда ва манъкардашуда, ҷалбкунии иштирокчиёни нав-маҳкумшудагон Аҳмадов Рустам Икромович, Олимов Меҳроб Ҳасанович, Шафиев Ҳамдҷон Маҳмадраҳимович, Саидов Сайфулло Ҷумъаевич, Алибеков Алиҷон Пӯлодбекович, Қурбонов Ҷӯрабой Ҷумъақулович, Умед Дин Муҳаммад ва дигарон, гузаштан ба ҳолати пинҳонӣ ва ғ. иштирок намуда, ба фаъолияти он ба тарзи дигар мусоидат карда, даст ба даъвати шифоҳии оммавӣ - таъсир расонидан ба шуур ва иродаи доираи васеи одамон - маҳкумшудагони номбаршуда ва дигарон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ -муассисаҳои тафтишотию ислоҳӣ, бо мақсади майл намудан ва барангехтани онҳо барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм-тарғибу ташвиқи оммавӣ дар бораи эътироф намудани дурустии мафкура ва*

*таҷрибаи экстремизм, таклифи тақлид ва дастгирии он машғул шуда, ба онҳо оиди ақидаҳои ифротгароёнаи худ ва мақсаду мароми ташкилоти «Ҳизб-ут-Таҳрир», ки он асосан ба зиёд намудани сафи аъзоён дар муассисаи ислоҳӣ, ташкил намудани «Давлати ягонаи Хилофат» дар ҳудуди ҶТ, ошӯб бардоштан бар зидди кормандони муассиса ва ғ.ҳо иборат мебошад, суханронӣ ва амри маъруф карда, таълимотҳои динӣ дода, даъват кардааст, ки бо роҳи қасам ёд кардан (байъат) ба ташкилоти экстремистии мазкур шомил шуда, минбаъд дар фаъолияти он иштирок намоянд* [204].

2. Ҳамоишҳои оммавӣ чорабиниҳои оммавӣ мебошанд, ки дар онҳо иштирокчиён дар фазои кушод ҷамъ меоянд, то ки талабот ё эътирози худро нисбати мушкилоти муайян баён кунанд.

3. Дархостҳо мактубҳо ё ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки дар онҳо як гурӯҳи одамон имзоҳоро аз одамони дигар, ки талабот ё даъвати муайянро дастгирӣ мекунанд, ҷамъ мекунанд.

4. Маъракаҳои иҷтимоӣ даъватҳо ё талаботе мебошанд, ки тавассути платформаҳои гуногуни ВАО - и иҷтимоӣ, ба монанди Facebook, Twitter ва Instagram, бо ёрии хештегҳо (hashtags), муроҷиат ба шахсиятҳои мушаххас ё интишори мундариҷа барои ҷалби таваҷҷуҳ ба мушкилоти муайян паҳн карда мешаванд. Созмонҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ ба Интернет ру оварданд, чунки Интернет барои ҳама дастрас буда, ҳар нафари хоҳишманд дар ҳар ҷо ва дар ҳама ҳолатҳо метавонад аз он истифода намояд, омӯзад, омӯзонад, нависад, тиҷорат намояд, ба таблиғоту ташвиқот машғул гардад ва ба таври онлайниву ғайрионлайнӣ, видеоиву аудиоӣ ва навишториву аксӣ анҷом диҳад. Ба истилоҳ, Интернет дунёи бузургест, ки иртиботи ногусастанӣ бо ҷаҳони мо дорад. Олами интернетро метавон, дар навбати худ, ба се қисмати асосӣ ҷудо намуд: сомонаву блокҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳо. Аз қисматҳои мазкур барои расидан ба ҳадафҳо

террористону экстремистон бештар аз шабакаҳои иҷтимоӣ (Одноклассники, Facebook, В контакте, Twitter ва ғ.) ва мессенҷерҳо (WhatsApp, Viber, Telegram, Facebook Messenger, Skype, ICQ, Google Hangouts ва ғ.) истифода менамоянд [187]. *Масалан, судшаванда К.З.Ҳ. дар ҳолати зерин даст ба ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии экстремизм содир намудааст. Чунончӣ: охирин соли 2020 ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба шаҳри Екатеринбурги Федератсияи Россия сафар намуда, ҳангоми дар он ҷо қарор доштан худро дар шабакаи интернетӣ «Ютуб» бо номи «Lookk350» сабти ном намуда, тавассути сомонаи интернетии мазкур ба барномаҳои «Минбари муҳоҷир», «Ислом ТВ», «Паём ТВ», «Садои мардум», «Оянда ТВ» ва «Адолат ТҶ» аъзо гардида, бо истифода аз сомонаи интернетии «Ютуб» пайваста ба тамошои наворҳои видеоии барномаҳои болозикр машғул гардид. Ровии барномаҳои «Минбари Муҳоҷир», «Ислом ТВ», «Паём ТВ», «Садои мардум» дар шабакаи иҷтимоии «Ютуб» М.С. аъзои ТТЭ «Ҳизби наҳзати исломӣ» буда, номбурда пайваста тавассути барномаҳои мазкур наворҳои хусусияти иғвоангезонаро бар зидди Ҷумҳурии Тоҷикистон омода намуда, мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ даъват намудааст. К.И.Ҳ. моҳи апрели соли 2022 аз Федератсияи Россия ба ҶТ баргашта омада, шуруъ аз моҳи апрели соли 2022 то инҷониб, номбурда дар коопертиви матлуботи гаражҳои «Довудия»-и шаҳри Хуҷанд ба сифати фурӯшандаи қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт кору фаъолият намуда истодааст. Охирон аз моҳи апрели соли 2022 то инҷониб, бо истифода аз аккаунти худ бо номи «Lookk350» дар шабакаи интернетии «Ютуб» наворҳои видеоии аъзои ТЭТ «Ҳизби наҳзати исломӣ» - ро дар мавзуъҳои зерин «Садои мардум 24.06.2023», «Минбари муҳоҷир №194», «Хабарнигори рӯзномаи Зарбдори Зафаробод ҳақиқатро гуфт?...», «Муроҷиат ба мақомдорони террорист», аз 13.07.2023, «Хабарҳои муҳими рӯз аз 02.06.2023 дар канали*

*ПАЁМ ТВ», «Чоплусҳо мард боше марҳамат ина нависе», «Суҳбати як муҳоҷир дар барномаи Минбари муҳоҷир», «Минбари муҳоҷир №195», «Адолат тҷ в прямом эфире» аз санаи 09.07.2023, «Садои мардум 08.07.2023», «Среди ночи вывезли человека в Турцию», «Дворец дар Раҳмон История одногострашного диктатора», «Зоир Юсуф Раҳмонро якнима мекунад ва ё генпрокурор домодро», «Ҷавоби дандоншикани полковник Ҷ.Ш. ба И.Б.», «Мурофиати Ҷ.Ш. ба тарафдорони Иззат Амон», «Минбари муҳоҷир №194 05.07.2023», «Номаҳо аз ноҳияҳо ба isloh.net №31», «Муовини Ҳасанро кӣ дуздиду бе зарар» ва ғ.ро, ки аз ҷониби аъзоёни ташкилотҳои экстремистӣ - террористӣ болозикр омода гардида, онҳоро дуруст шуморид.*

*Ҳамин тариқ, К.И.Ҳ. дидаву дониста, ки маводҳои мутолиа кардааш дар шабакаи интернетии «Ютуб» хусусияти ифротӣ доранд, дар назди рафиқонаш Н.Н.Н., М.Н.А., Ҳ.Ҷ.Ш., Ш.К.К., М.М.М., С.Б.М., И.Ю.Ю. ва дигарон видеонаворҳои М.С.-ро, ки пурра хусусияти ифротӣ дошта, бар зидди сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҶТ равона шудааст, бо овози баланд намоиш дода, фикру ақидаи М.С.- ро дуруст ҳисобида, ба шахсони болозикршуда тавсия додааст, ки чунин наворҳоро тамошо намоянд ва ровиёни ин наворҳо сухани ҳақро мегӯянд. Телефони мобилии тамғаи «Самсунг А12», ки ба К.И.Ҳ. тааллуқ дорад, мавриди азназаргузаронӣ қарор додашуда, аз хотираи шабакаи интернетии «Ютуб» - и ӯ бо номи «Lookk350» маводҳои хусусияти ифротӣ дошта, ёфта гирифта ба ташхис пешниҳод карда шуд. Мувофиқи хулосаи экспертони филиали суғдии Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи ҶТ таҳти №20/1152/23 аз 15 августи соли 2023 муҳтавои наворҳои мутоила намудаи К.И.Ҳ. дар видеохостинги «Ютуб» ба ташкилоти экстремистӣ – террористӣ «ПМТ», «ҲНИ» ва ташкилоти экстремистии «Гуруҳи 24» мансуб буда, мазмуну мундариҷаи онҳо хусусияти фаъолияти экстремистиро дар бар мегиранд* [206].

Маъруф Шонасурдинов мудири бахши таҳсилоти динии Кумитаи дини назди Ҳукумати ҶТ бар он ақида аст, ки таблиғи (аз ҷумла, даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм – К.М.) ғояву ақидаҳои террористиву ифротгаро дар шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ бо ду роҳ амалӣ мегардад:

а) Интишори мустақими мавод, яъне бо ин роҳ истифодабарандаи саҳифа маводро ба таври мустақим дар саҳифаи худ ҷой дода, онро аз тариқи саҳифаи худ интишор медиҳад. Маводи мавриди таблиғ метавонад аксҳо, аудиовидео - файлҳо, файлҳои электронӣ ва қайдҳо бошанд. Вақте истифодабарандаи саҳифа маводро дар қисмати видеоҳо, аксҳо (албом) ва қайдҳо (заметки) ҷой дода, нашр менамояд, маводи мазкур ба тамоми «дӯст»-они интернетии ӯ равона мегардад. Дар бештарин ҳолатҳо террористону экстремистон нахуст беошкор кардани хеш (манзур симои зоҳирӣ ва ҳадафашон) бо дигар ном ва симо зоҳир гашта, «дӯст»-они зиёд гирд меоранд, баъдан ба интишори ғояву ақидаҳои хеш ва ё таблиғи қатъии хеш мепардозанд. Чунки, агар «дӯст» - е набошад, мавод ба кӣ таблиғ мешавад?! *Масалан, М.С. тахминан моҳи октябри соли 2020 ба телефони мобилиаш тамғаи «Samsung Galaxi M32» тавассути сомонаҳои иҷтимоии умумиҷаҳонии «Одноклассники», «Инстаграмм», «Телеграмм», «Вотсап» ва «Имо» ба худаш саҳифаҳои интернетӣ ба расмият дароварда, номбурда дидаву дониста, ки бо ҳалномаи СО ҶТ аз 8 декабри соли 2014 равияи динии «Салафия» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ) эътироф гардида, фаъолият, сомонаҳои интернетӣ ва адабиётҳояш дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст, дар шабакаҳои интернетии умумиҷаҳонӣ ба фаъолияти ифротии ин иттиҳоди экстремистӣ (ифротӣ), бо истифода аз саҳифаи интернетии расмиаш то инҷониб мусоидат намудааст. Ӯ аз моҳи октябри соли 2020 то инҷониб, бо истифода аз шабакаҳои интернетии «Одноклассники», «Инстаграмм»,*

*«Телеграмм», «Вотсап» ва «Имо» тавассути саҳифаҳои интернетии худ бо барномаҳои хусусияти ифротидоштаи иттиҳоди экстремистии «Салафия» тамос карда, аз рӯи баромадҳои маҷозии ғайриқонунии динии бо номҳои мустаъори «Закир Найк», «Муҳаммад Хоблос», «Умма Муҳаммад», «Нур Абу Давуд», «Шейх Халид-алҳ-Фулейдж» ва дигарон таълим гирифта, бо аъзоёни фаъоли ин иттиҳоди ғайриқонунӣ, робитаи наздик пайдо намуда, бо даъвати онҳо, ки мақсаду маромашон бо роҳи зуроварӣ барҳам додани давлатҳои сохти идоракуниашон демократӣ, алалхусус, ҶТ ва дар ин замина бунёд намудани давлати исломии «Хилофат» мебошад, ақидаҳои ифротиашонро омӯхта, ҳамчун аъзо дар ин иттиҳоди ҷиноятии экстремистӣ шомил шудааст. Номбурда бо мақсади дар фаъолияти ғайриқонунии иттиҳоди экстремистии «Салафия» расман мусоидат намудан, дар мунозираҳои интернетии шакли ифротидошта фаъолона ширкат варзида, ақидаҳои ғайриқонунии аъзоёни ин иттиҳодро дар пойгоҳи иттилоотии мухолифини Ҳукумати ҶТ, ки аз ҷониби роҳбарони ташкилотҳои террористиву экстремистӣ аз қабили иттиҳоди экстремистии «Салафия» барномарезӣ карда мешаванд, ҷонибдорӣ намуда, тавассути саҳифаи интернетиаш дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр ва паҳн намуда, ҳамзамон ақидаҳои ғайриқонунии ифротии хешро тариқи интернет иброз намудааст* [189].

б) Интишори ғайримустақими маводҳо, яъне навъи мазкури таблиғ, дар навбати худ, ба ду қисмат ҷудо мегардад: бо роҳи аз номи интишоркунандаи мавод нашр кардани мавод ва «LIKE» («КЛАСС») гузоштани маводи интишоргашта [187].

5. Роҳпаймоӣ ё бастани роҳҳо як шакли эътироз ё даъват аст, ки дар он иштирокчиён дар кӯчаҳо ё роҳҳо ҷамъ меоянд, то таваҷҷӯҳро ҷалб кунанд ва мардумро ба талабот ё мушкилоти худ ҷалб кунанд.

6. Даъвоҳо ё парвандаҳои гражданӣ расмиёти қонуние мебошанд, ки метавонанд барои даъват ба адолат ё тағйирот дар қонун истифода шаванд. Ҳарчанд созмону гурӯҳҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои террористию

экстремистие, ки ҳадафҳою ғаразҳои палидашонро зери ниқоби ислом пӯшиш медиҳанд, то андозае фаъолияти хешро дар миқёси ҷумҳурӣ ба роҳ монданӣ шуда бошанд ҳам, хушбахтона, талошу заҳматҳои шабонарӯзии мақомоти қудратии кишвар (ВКД ҶТ ва КДАМ ҶТ) буд, ки созмону гурӯҳ ва ҳизбу ҳаракатҳои мазкур дар ҳудуди ҶТ ошкор карда шуда, аз ҷониби СО ҶТ фаъолияти онҳо манъ карда шуданд;

**7. Пешбурди манфиатҳо** як шакли даъватест, ки дар он як гурӯҳи одамон ё ташкилот барои бовар кунондан ё таъсир расонидан ба қонунгузорон ё мақомоти давлатӣ барои қабули лоиҳаи қонун ё сиёсати муайян ба манфиати гурӯҳе кор мекунанд.

Бояд гуфт, ки ин танҳо баъзе аз намудҳои маъмули даъвати оммавӣ мебошанд, ки метавонанд барои ҷалби таваҷҷуҳ ва таъсир расонидан ба муаммо ё рӯйдодҳои муайян истифода шаванд.

Нишонаи асосие, ки даъватро ба фаъолияти экстремистӣ ҳамчун амали ҷиноятӣ муайян мекунад, хусусияти оммавии он мебошад, яъне даъват бояд ба доираи васеи шахсон муроҷиат карда шавад. Аксари олимон нуқтаи назареро дастгирӣ мекунанд, ки даъватҳои оммавӣ бояд нишонаи оммавии муроҷиаткунандаро дошта бошанд. Аммо баъзе муаллифон бо ин мавқеъ розӣ нестанд. Масалан, профессор С.М. Кочои ба он диққат медиҳад, ки ҳангоми бандубасти ин амал ба аломатҳои сифатӣ диққат додан лозим аст, на ба шумораи шахсоне, ки даъват ба онҳо равона карда мешавад. Ба ақидаи ӯ, аломати зарурӣ маҳз даъвати шаҳрвандон хоҳад буд, на истифодаи шаклҳои дигари муошират, ба монанди табодули афкор, сӯҳбат ё баҳс [79, с. 44]. Инчунин, баъзе олимон ҳадди ақали шумораи шахсони заруриро барои оммавӣ муайян мекунанд. Ҳамин тавр, ба ақидаи С.В. Борисов барои мавҷудияти оммавӣ ду нафар кофӣ аст. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки қонунгузорӣ бояд ҳадди ақали шахсонро пешбинӣ кунад, дар чунин маврид чунин гурӯҳ оммавӣ эътироф карда мешавад [61, с. 152]. Мо чунин меҳисобем,

ки дар қонун нишон додани миқдори гирандагони иттилоот ба таври ғайримустақим мавҷудияти меъёри ҳатмии микдориро ҳангоми муқаррар кардани аломатҳои ошкоро будани даъватҳо ба фаъолияти экстремистӣ исбот мекунад.

Азбаски ҷанбаи оммавӣ баҳододашаванда аст, пас дар ҳар як ҳолат бояд ҳамаи ҳолатҳои воқеии амали ба ҷомеа хатарнокро ба назар гирифт. Зарурати муқаррар кардани меъёри миқдорӣ бо истифодаи истилоҳи даъват, ки муроҷиат ба доираи номуайяни шахсонро дар назар дорад, асоснок мебошад. Маҳаки миқдорӣ дар доираи таркиби м.307[1] КҶ ҶТ бояд ҳамчун аломати ҳатмӣ баромад кунад. Ин муқаррарот бояд дар Қарори дахлдори Пленуми СО ҶТ муқаррар карда шавад, ки шумораи ҳадди ақали шахсоне, ки ба онҳо даъват равона карда шудааст, бояд на камтар аз ду нафар бошад. Бояд қайд кард, ки ин категорияи ҷиноятҳо ва дар маҷмуъ, мафкураи экстремистӣ ба асосҳои сохти конститутсионӣ халал мерасонад, ба амнияти давлат таҳдид мекунад, аммо дар вазъияти мушаххас байни экстремизм ва ба таври қатъӣ баён кардани ақидаи худ сарҳад гузоштан душвор низ буда метавонад. Ин зарурати рушди минбаъдаи механизми ҳуқуқии ҷиноятиро ба миён меорад, ки аз як тараф, ба муқовимат ба экстремизм, аз тарафи дигар, ба бандубасти бесаҳви ҷиноятҳои экстремистӣ равона карда шудааст.

Оқибатҳои манфии даъвати оммавӣ метавонанд гуногун бошанд ва ҷанбаҳои зеринро дар бар гиранд:

1. Паҳншавии нафрат ва зӯроварӣ - агар даъвати оммавӣ манфӣ бошад ва ба зӯроварӣ, табъиз ё нафрат даъват кунад, он метавонад боиси афзоиши низоъ ва зӯроварӣ дар ҷомеа гардад.

2. Оқибатҳои психологӣ - даъватҳои оммавӣ метавонанд ба ҳолати равонии одамон таъсири манфӣ расонанд, хусусан агар онҳо ба таҳқир, паст задани шаъну шараф ё иръоб (шантаж) нигаронида шуда бошанд.

3. Паҳн кардани маълумоти бардурӯғ - даъватҳои оммавӣ

метавонанд ба маълумоти бардурӯғ ё дониши нокифоя дар бораи вазъ асос ёбанд. Паҳншавии чунин даъватҳо метавонад боиси маълумоти бардурӯғ ва тасаввуроти ғалат дар бораи ҷомеа гардад.

4. Вайрон кардани қонун - вобаста аз мундариҷаи даъват, он метавонад ғайриқонунӣ бошад ва хилофи қоидаҳо ва қонунҳои ҷомеа бошад. Ин метавонад ба оқибатҳои ҳуқуқӣ барои муаллиф ва дигарон, ки дар паҳн кардани даъват иштирок мекунанд, оварда расонад.

5. Паҳн кардани арзишҳои номатлуб - даъвати оммавӣ метавонад арзишҳои номатлубро паҳн кунад, ки метавонад боиси таназзули ахлоқ ва рафтор дар ҷомеа гардад.

6. Номувофиқӣ ва тафриқаандозӣ дар ҷомеа - даъватҳои манфии ҷамъиятӣ метавонанд боиси тафриқаандозӣ ва номувофиқатӣ дар ҷомеа шаванд. Онҳо метавонанд ба гурӯҳҳо тақсим шаванд ва муҳити душманона эҷод кунанд, ки ин метавонад ба муноқишаҳои иҷтимоӣ оварда расонанд.

Инқилоби октябри соли 1917, режими фашистӣ дар Олмон дар солҳои 1930, амалҳои террористии Давлати Исломӣ дар вақтҳои охир ҳамаи ин мисолҳо пур аз хашм ва зуроварӣ мебошанд, ки оқибатҳои бевоситаи даъватҳои экстремистӣ мебошанд. Дар партави ин далелҳо, даъват ба экстремизм, ки ҳаёт, оила ва ҷомеаро хароб мекунад, аз ҷиҳати ахлоқӣ ғайри қобили қабул шудааст. Чунин даъватҳо, ки ба мафкураҳои экстремистӣ завқ зоҳир мекунанд, ба ҷаҳон ва сармоя таҳдид мекунанд. Зуроварӣ ва хун сифатҳои ҷудонашавандаи экстремизм мебошанд, ки метавонанд боиси марг ва азоби шумораи зиёди шахсони бегуноҳ шаванд. Ҷамъият бояд дар ҷустуҷӯи роҳи осоишта ва созандаи ҳалли низоъҳо муттаҳид шуда, ба ин васила ба ҳамоҳангӣ ва сулҳ мусоидат кунад.

Миқёси муаммои экстремизм чораҳои фаврӣ ва пурқувватро барои пешгирӣ ва бартарафсозии ин ҳаракати гумроҳшуда талаб мекунад.

Давлат, ташкилотҳои шаҳрвандӣ, пешвоёни дин ва ҳар яки мо бояд ба таблиғот ва даъватҳои экстремистӣ фаъолона муқобилият нишон диҳем. Инро тавассути ташаккули барномаҳои таълимӣ, ки хатари экстремизмро нишон медиҳанд, инчунин эҷоди механизмҳои фаъол ва пешгирикунанда, ки ба решакан кардани решаҳои он нигаронида шудаанд, ба даст овардан мумкин аст. Дар баробари даъват ба зуроварӣ ва вайронкорӣ, қувваи мо бояд ба паҳн кардани идеалҳои таҳаммулпазирӣ ва муколамаи фарҳангӣ равона карда шавад. Ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як шахс, новобаста аз эътиқод, нажод ё эътиқоди сиёсии онҳо, бояд ҳадафи асосии ҷомеаи мо гардад. Танҳо тавассути ҳамкории созанда ва ҳамдигарфаҳмӣ, мо метавонем, таҳдидҳои экстремизмро бартараф кунем.

Ҳамин тавр, таҳти мафҳуми даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ чунин ҳаракате фаҳмида мешавад, ки он ба шуур ва иродаи (психология) одамон таъсири фаъолона (мақсаднок) расонида, дар тафаккури онҳо содир намудани ҳаракатҳоеро ба вуҷуд меоварад, ки ҳамчун фаъолияти экстремистӣ бандубаст мегарданд, ба монанди бо роҳи зуроварӣ сарнагун кардан ва ё тағйир додани сохтори конститутсионӣ, вайрон ва халалдор кардани соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии ҶТ, амалҳое, ки ба ноустувор сохтани амнияти ҶТ равона шудаанд; амалҳое, ки ба ғасб ё аз худ кардани ваколатҳои ҳокимият равона шудаанд ва дигар ҳаракатҳое, ки бо фаъолияти экстремистӣ алоқаманданд. Шакли даъват (шифоҳӣ (суханронӣ дар ҳамоиш), хаттӣ (нашри рӯзномаҳо, часпонидани овезаҳо), бо истифода аз воситаҳои электронӣ)) барои бандубасти ҷиноят аҳаммият надорад, ба истиснои қ.2 м.$307^1$ КҶ ҶТ, ки содир намудани ин ҷиноятро бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ё шабакаи интернет талаб мекунад.

**2) Намуди дигари тарафи объективии м.$307^1$ КҶ ҶТ - ро даъвати**

**оммавӣ барои сафедкунии оммавии экстремизм ташкил медиҳад.** Сафедкунии экстремизм ин раванд ё амали изҳори дастгирии ғояҳо, ҳадафҳо, таҷриба ё усулҳои гурӯҳҳо ё ташкилотҳои экстремистӣ мебошад. Экстремизм метавонад дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла сиёсӣ, динӣ ё иҷтимоӣ зоҳир шавад. Сафедкунии экстремизм метавонад намудҳои гуногуни дастгирӣ, аз қабили изҳороти оммавӣ, навиштани матнҳо, паҳн кардани мавод, иштирок дар чорабиниҳо ва ғ.ро дар бар гирад.

Таҳдидҳои экстремизм ва терроризм дар марҳилаи кунунӣ, пеш аз ҳама, ба тарғиби ғояҳои экстремистӣ ва террористӣ тавассути шабакаи интернет, ҷалби ҷавонон ба сафи ташкилотҳои байналмилалии экстремистию террористӣ ва кӯшишҳои ин ташкилотҳо барои тарҳрезӣ ва амалӣ намудани амалҳои террористӣ дар ҳудуди Тоҷикистон асос ёфтаанд. Ин равандҳо бо истифодаи фаъоли платформаҳои рақамӣ барои паҳн кардани идеологияҳои ифротӣ, ваъдаҳои фиребандаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои ҷалби ҷавонон, инчунин тарҳрезии амалҳое, ки ба халалдор сохтани амнияти миллӣ ва суботи ҷомеа нигаронида шудаанд, тавсиф меёбанд [16].

Сафедкунии экстремизм аксар вақт ҳамчун муаммои амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ баррасӣ карда мешавад, зеро он метавонад ба паҳншавии мафкураҳое, ки ба зуроварӣ, терроризм ва дигар шаклҳои фаъолияти экстремистӣ оварда мерасонанд, мусоидат кунад. Аксари кишварҳои ҷаҳон барои муқовимат ба сафедкунии экстремизм ва мубориза бо зуҳуроти он дар доираи қонунгузорӣ ва дигар воситаҳои сиёсию иҷтимоӣ чораҳо меандешанд. Ин падида аксар вақт дар ҷомеа ва давлатҳо нигаронкунанда аст, зеро дастгирӣ ё асоснок кардани ғояҳои экстремистӣ метавонад такондиҳандаи амалҳои зуроварӣ ва таҳдидҳои амниятӣ бошад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми сафедкунии оммавии

экстремизм якранг нест. Н.А. Қудратов мафҳуми сафедкунии оммавии экстремизмро чун тарғибу ташвиқи оммавӣ дар бораи эътироф намудани дурустии мафкура ва таҷрибаи экстремизм, таклифи тақлид ва дастгирии он эътироф кардааст [85, с. 55].

Баъзе равишҳо ба муқовимат вобаста ба сафедкунии экстремизм чунинанд: 1) тадбирҳои қонунгузорӣ: аксар кишварҳо қонунҳоеро қабул кардаанд, ки ба манъи сафедкунии ғояҳои экстремистӣ ва таъқиби онҳое, ки онҳоро дастгирӣ мекунанд, нигаронида шудаанд. Ин метавонад ҷазои ҷиноятиро барои сафедкунии оммавии терроризм ё даъват ба зуроварӣ дар бар гирад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» боби алоҳида дар бораи сафедкунии оммавии экстремизм муқаррар карда шавад; 2) ҷоннок намудани корҳои таълимӣ ва баланд бардоштани салоҳияти иттилоотӣ: пешгирии экстремизм, инчунин, тавассути барномаҳои таълимӣ ва чорабиниҳои иттилоотӣ амалӣ карда мешавад. Мақсад - тағйир додани ҷаҳонбинии ҷомеа ва пешгирии ҷалби узвҳои он ба фаъолияти экстремистӣ мебошад; 3) кор бо ҷомеа: ҷанбаи муҳимми мубориза бо сафедкунии экстремизм иштироки фаъоли ҷомеа мебошад. Барномаҳо ва ташаббусҳои гуногун ба ҷалби шаҳрвандон ба муколама, фаҳмидани нигарониҳои онҳо ва пешниҳоди андешаҳои алтернативӣ нигаронида шудаанд; 4) мониторинги шабакаҳои интернетӣ: бо назардошти нақши афзояндаи интернет дар паҳн кардани ғояҳои экстремистӣ, мониторинги фазои онлайн муҳим аст. Ҳукуматҳо ва созмонҳо барои муайян ва пешгирии таблиғоти экстремистӣ дар шабака бояд барномаҳои махсус қабул кунанд; 5) ҳамкории байналмилалӣ: экстремизм аксар вақт як падидаи фаромарзӣ аст. Аз ин рӯ, ҳамкории байни кишварҳо дар мубодилаи иттилоот, таҷриба ва ҳамоҳангсозии амалҳо дар мубориза бо ин падида нақши калидӣ дорад; 6) мубориза бо сафедкунии экстремизм муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки чораҳои ҳуқуқӣ, таълимӣ,

иҷтимоӣ ва технологиро дар бар мегирад. Ҳадафи он ҳифзи амнияти ҷомеа ва нигоҳ доштани арзишҳое мебошад, ки ба сулҳ ва субот мусоидат мекунанд; 7) ҳамгироии иҷтимоӣ: дастгирии ҳамгироии иҷтимоӣ ва ҷалби ҷавонон ба ҷомеа ҷузъҳои муҳимми муқовимат бо экстремизм мебошанд. Ин метавонад эҷоди барномаҳо ва имкониятҳо барои таҳсилот, шуғл, варзиш ва мубодилаи фарҳангиро дар бар гирад, ки ба паст кардани ҳошия ва ҷудошавӣ нигаронида шудаанд; 8) ҳамкорӣ бо пешвоёни дин: ҷамъиятҳои динӣ метавонанд дар пешгирии сафедкунии экстремизм нақши муҳим дошта бошанд. Ҳамкорӣ бо пешвоёни дин ва муассисаҳои таълимӣ метавонад ба паҳншавии таҳаммулпазирӣ ва фаҳмиш байни динҳои гуногун мусоидат кунад; 9) дастгирии рӯҳӣ (психологӣ): нафароне, ки ба ғояҳои экстремистӣ майл доранд, метавонанд мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ ва психологиро аз сар гузаронанд. Таъмини дастгирии равонӣ ва барномаҳои барқарорсозӣ барои онҳое, ки аллакай ба эътиқоди экстремистӣ дода шудаанд, метавонад як унсури муҳим дар пешгирии экстремизм бошад; 10) озодии сухан ва мубориза бо табъиз: аз як тараф, риояи принсипи озодии сухан муҳим аст, аммо бояд бо табъиз ва паҳн кардани нафрат мубориза бурд. Таъсиси ҷомеаи озодтар, ки дар он гуногунии ақидаҳо эҳтиром карда мешавад, метавонад ниёз ба ифодаҳои экстремистиро коҳиш диҳад; 11) омӯзиши тафаккури интиқодӣ: ворид кардани омӯзиши тафаккури интиқодӣ ба барномаҳои таълимӣ ба таълимгирандагон кӯмак мекунад, ки малакаҳои таҳлили иттилоотро инкишоф диҳанд ва ба нуқтаи назари гуногун бошуурона муносибат кунанд, ки ин метавонад эҳтимолияти дастгирии ғояҳои экстремистиро коҳиш диҳад. Вобаста ба андешаҳои боло якчанд мисолҳоро меорем.

*А.Х.Ш. соли 2017 дар шабакаи иҷтимоии «Фейсбук» саҳифаи худро бо номи «Х.А.» таъсис дода, бо дӯстони интернетиаш мукотиба менамудааст. Аз охирҳои соли 2021 сар карда А.Х.Ш. ба тамошои*

*наворҳои видеоии роҳбарон ва аъзоёни ташкилоти террористӣ – экстремистии «Ҳизби наҳзати исломӣ» машғул шудааст. Номбурда тавассути шабакаи иҷтимоии «Фейсбук», асосан барномаи «Ислоҳ»-ро, ки ровии он, аъзои фаъоли ташкилоти террористӣ - экстремистии «Ҳизби наҳзати исломӣ» мебошад, тамошо карда, онҳоро дуруст шуморида, тавассути шабакаи интернет паҳн намудааст. А.Х.Ш. дар рафти тамошои баромадҳои М.С. содиқ буданашро ба ташкилоти зикршуда нишон дода, паёмак ирсол менамояд, ки «маро дар гурӯҳ ҳамроҳ кунед». Ғайр аз ин, А.Х.Ш. баромадҳои ифротгароёнаи М.С. - ро дар барномаи «Ислоҳ» тавассути шабакаи иҷтимоии «Фейсбук» тамошо ва паҳн карда, дар барномаи «Қадам ба қадам ба сӯи бедорӣ ва интихоб» шарҳҳои худро баён кардааст, ки «мара Қуш кунетон», «Қ. даҳонатба нигоҳкун акаи М. рост мегад», «Ростай», «Ростай ака», «Рапуш», «Бра давшав», «Ростай мана 11 сол боз дар муҳоҷирати меҳнатӣ». Зимни азназаргузаронӣ аз саҳифаи А.Х.Ш. шабакаи «Фейсбук» номи «Х.А.» маводҳои паҳннамудаи номбурда, ки мазмунашон ҷонибдорӣ ва сафедкунии ташкилотҳои экстремистиро ифода менамоянд, дарёфт ва гирифта шуд. Мувофиқи хулосаи мутахассисони филиали суғдии МҶЭСК назди ВА ҶТ таҳти 23/193/2023 аз 03 марти соли 2023 дар маводҳои аз саҳифаи А.Х.Ш. дар маводҳои аз шабакаи иҷтимоии «Фейсбук» номи «Х.А.» гирифташуда, ки ба ташхис пешниҳод шудааст, ҷонибдории ташкилоти террористӣ-экстремистии «Ҳизби наҳзати ислом» таҷассум меёбад ва ба ташкилоти террористӣ-экстремистии «Ҳизби наҳзати ислом» мансуб аст ва мазмуну мундариҷаи он хусусиятҳои фаъолияти экстремистӣ-террористиро дар бар мегиранд* [207].

Мубориза бо сафедкунии экстремизм саъю кӯшишро дар бисёр сатҳҳои ҷомеа, аз чораҳои қонунгузорӣ то таҳкими робитаҳои иҷтимоӣ ва эҳтироми гуногунрангӣ талаб мекунад. Ин кори душвор аст ва равиши муваффақ аксар вақт стратегияҳои гуногунро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, сафедкунии оммавии экстремизм ҳамчун кирдори шахсе арзёбӣ мегардад, ки мафкураи экстремистиро ҷонибдорӣ намуда, онро ба таври ошкоро таблиғ ва тасдиқ мекунад. Ин амал асосан ба ҳимоят ва асосноксозии ақидаҳо ва амалҳои экстремистӣ равона шудааст, ки ҳадафи онҳо ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) тавассути зӯроварӣ ва дигар усулҳои ғайриқонунӣ мебошад. Тибқи таҳлили ҳуқуқӣ, сафедкунии оммавии экстремизм метавонад бо истифода аз василаҳои гуногун, аз ҷумла изҳороти оммавӣ, воситаҳои ахбори омма, платформаҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ сурат гирад. Ин амал метавонад на танҳо барои таҳкими ақидаҳои экстремистӣ дар ҷомеа, балки барои таҳрик ва ташвиқи фаъолияти ифротгароёна истифода шавад, ки дар ниҳоят ба ноормии сиёсӣ ва халалдоршавии тартиботи ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Аз нигоҳи ҳуқуқӣ, сафедкунии экстремизм бояд ҳамчун ҷузъи ҷиноятҳои зидди сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат баррасӣ гардад, зеро он шароит ва заминаи равониро барои рушди экстремизм ва терроризм фароҳам месозад. Аз ин рӯ, назорати қонунгузорӣ ва механизми пешгирии ин зуҳурот бояд таҳким ёбад, то ки бунёди ҷомеаи устувор ва низоми ҳуқуқии мустаҳкам таъмин карда шавад.

Дар қ.2 м.307[1] КҶ ҶТ ҳолатҳои бандубастшавандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм муқаррар гардидааст, ки агар он бо истифода аз воситаҳои ахбори омма (ВАО) ё шабакаи интернет содир шуда бошад.

***Кирдори аввали қ.2 м.307[1] КҶ ҶТ - ин даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм тавассути ВАО мебошад***. Мафҳуми ВАО дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ВАО» аз 19 марти соли 2013 дода шудааст ва он чунин мебошад: «Ин матбуоти даврӣ, ҳамчунин агентиҳои иттилоотӣ,

барномаҳои телевизиону радио, кинохроникаҳо, сабтҳо ва барномаҳои аудио ва аудиовизуалӣ мебошанд, ки дар як сол на камтар аз як маротиба тавассути эфир ё кабел паҳн мешаванд» [10].

Ҳангоми даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм бо истифода аз ВАО талаботҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» бояд ба назар гирифта шавад. Ба як ҳолат бояд диққат дода шавад, ки дар асоси муқаррароти ин Қонун «ҳангоми мавҷуд будани иттилооти боэътимод дар бораи амалҳои зиддиҳуқуқии хусусиятҳои экстремистидошта, ки тайёр шуда истодаанд ё содир шудаанд, вале асоси кофӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ кашидан мавҷуд нест, ба роҳбарони гурӯҳҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияи ҷамъиятӣ ё динӣ, воситаи ахбори омма ё ташкилоти дигар, инчунин шахси воқеии дахлдор огоҳии расмӣ дар бораи роҳ надодан ба фаъолияти мазкур, амр дар бораи фавран бартараф намудани ҳуқуқвайронкунӣ ё пешниҳод дар бораи бартараф сохтани сабабу шароитҳои мусоидаткунандаи вайронкунии қонунгузории ҶТ дода мешавад. Пешниҳод аз ҷониби Прокурори генералии ҶТ ё прокурори дахлдори ба ӯ тобеъ оварда мешавад. Огоҳии расмӣ аз ҷониби Вазорати адлия, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати ҶТ дода мешавад. Дар ҳолатҳое, ки қонунгузории ҶТ пешбинӣ намудааст, чунин пешниҳод ё огоҳии расмиро метавонанд субъектҳои дигари муқовимат ба экстремизм бароранд. Дар ҳолате, ки аз болои ҳуҷҷатҳои мавриди эътиноии расмии дар қ.1 м.20 Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» номбаршуда бо тартиби бо қонунгузории ҶТ муқарраргардида шикоят оварда нашудааст ё бо қарори суд ин санадҳо ғайриқонунӣ эътироф нагардидаанд, вале аз ҷониби гурӯҳҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ ё ташкилотҳои дигар, ки ба онҳо ин санадҳо дода шудаанд ва дар муҳлатҳои муқарраргардида бе иҷро

мондаанд, масъалаи нисбати онҳо татбиқ намудани ҷавобгарии дар қонунгузории ҶТ пешбинигардида, аз ҷониби мақомоти дахлдор баррасӣ карда мешавад» [14].

Вазорати фарҳанги ҶТ ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ ба воситаи ахбори омма бо мақсади роҳ надодани ташвиқу тарғиб ва дастгирии экстремизм ба риояи қонунгузории ҶТ даъват менамоянд, фазои таҳаммулгарой ва ҳамдигарфаҳмиро дар байни шаҳрвандон, новобаста аз мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) фароҳам меоранд, инчунин дар доираи ваколатҳои худ дар самти мазкур чораҳои дигар меандешанд.

Яке аз чораҳои муқовимат ба фаъолияти ташкилоте, ки экстремистӣ эътироф шудааст, мувофиқи м.24 Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» манъ намудани чопи ҳама гуна мавод аз номи ташкилоти экстремистӣ дар воситаи ахбори омма мебошад. Яъне, дар ВАО аз номи ташкилоти экстремистӣ чоп намудани ҳамагуна мавод қатъиян манъ аст.

А.М. Кирянова бар ин назар аст, ки созмонҳои муосири экстремистӣ, бо пайравӣ аз тамоюлҳои асосии ҷаҳонишавӣ, ба таъмини иттилоотии фаъолияти худ умеду гарави калон мегузоранд. Ин ба андешаи муаллиф имкон медиҳад, ки тағйирёбии фаъолияти экстремистии анъанавиро ба суперэкстремизм - экстремизми даврони иттилоотӣ (пас аз ядроӣ) баррасӣ кунад. Муаллиф ба байналмилалӣ шудани созмонҳои экстремистӣ дар шароити ҷаҳонишавии ҷаҳони муосир ишора мекунад. Ҳамчун тазод, муаллиф вазифаи ҳамгироии экстремизмро тавсиф мекунад, ки аксар вақт ба ҳамбастагии ҷамъиятӣ дар баробари таҳдиди террористиву экстремистӣ оварда мерасонад ва қобилияти онҳоро барои мутобиқ шудан ба шароити ҷаҳонишавӣ ва инқилоби иттилоотӣ қайд мекунад. Муҳаққиқ ташкилотҳои нави экстремистиро тавсиф мекунад, ки аз рӯи принсипи сохтори шабакавӣ сохта шудаанд, ки дар шароити муосири иттилоотӣ ва иртиботӣ

иқтидори бештар доранд. Ба ақидаи А.М. Кирянова, журналистика, экстремизм ва терроризм якҷоя талаботи ҷомеаи муосирро ба тамошо қонеъ мекунанд, ки дар натиҷа як навъ сегонагӣ ба вуҷуд меояд: аз як тараф, экстремизм, ки ВАО - ро барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва дигар ҳадафҳои худ истифода мебарад, аз тарафи дигар, журналистика, ки барои он амалҳои экстремистӣ садамоти равшани иттилоотӣ мебошанд ва аз тарафи сеюм, ҷомеае, ки ба журналистон ва экстремистон, ба чунин тасвирҳои ҳаяҷоновар талабот дорад. Муҳаққиқ чунин мешуморад, ки дар ин марҳила ВАО бояд бори мубориза ро бо бадкориҳои экстремистӣ - террористӣ дар соҳаи иттилоот мустақилона ба дӯш гирад ва асоси ин мубориза бояд худдорӣ ва танзими ахлоқии ВАО мавҷуд бошад. Дар ин низом ба рӯзноманигор нақши маърифатпарвар дар фаҳмондани ҳадафҳои воқеии экстремистон ба ҷомеа дода мешавад [126, с. 28-30].

Ба андешаи мо, қонуни ҷиноятӣ дар қ.2 м.307[1] танҳо як намуди даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм, яъне тавассути ВАО - ро пешбинӣ намуда, дигар намуди интишорро мадди назар кардааст. Бояд гуфт, ки даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм на танҳо тавассути ВАО, инчунин он метавонад тавассути китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва дигар шакли нашрҳо ба амал бароварда шавад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки пас аз истилоҳи «ВАО» дар қ.2 м.307[1] КҶ ҶТ истилоҳи «ва дигар намуди нашрҳо» илова карда шавад.

Бояд қайд кард, ки нақши ВАО дар содир намудани ҷиноятҳои экстремистӣ, алалхусус, м.307[1] КҶ ҶТ метавонад гуногун ва аз аксар омилҳо, аз ҷумла меъёрҳои ахлоқии журналистика, вазъи сиёсӣ, танзими ВАО ва дар маҷмуъ, амали ҷомеа вобаста бошад. Ҷустуҷӯи тавозун,

воқеият ва масъулият дар фаъолияти иттилоотӣ метавонад ба коҳиш додани таъсири манфии ВАО ба паҳншавии экстремизм мусоидат кунад. Таъсири ВАО ба паҳншавии экстремизм, бахусус, даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм, метавонад мураккаб ва гуногунҷабҳа бошад. ВАО, аз ҷумла расонаҳои анъанавӣ (телевизион, радио, рӯзномаҳо) ва расонаҳои шакли нав (интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ) метавонанд ҳам дар маҳдуд кардани паҳншавии иттилооти экстремистӣ ва ҳам дар ташвиқи он нақш дошта бошанд. Дар ВАО имконияти чанд роҳе, ки ин метавонад бо пахшавии экстремизм алоқаманд бошад, ҷой дорад, аз ҷумла:

1. Нашри маводи экстремистӣ. ВАО метавонад тасодуфан ё қасдан (дидаву дониста) маводи дорои ғояҳои экстремистиро паҳн кунад, ки дар он нишонаҳои м.307[1] КҶ ҶТ ҷой дошта бошанд. Ин метавонад тавассути интишори мусоҳибаҳо бо ифротгароён, иқтибос овардани изҳороти онҳо ё ҳатто ба таври мусбат нишон додани онҳо (бахусус, сафедкунии онҳо) рух диҳад.

2. Ҳангомасозӣ (сенсатсионизм) ва ҷалби таваҷҷӯҳ. ВАО метавонад ба сенсатсионизм ва ҷалби таваҷҷуҳи оммаи мардум саъй кунанд, ки баъзан боиси афзоиши маъруфияти паёмҳои (даъватҳои) экстремистӣ мегардад. Ин метавонад аз хоҳиши ҷалби бештари тамошобинон, шунавандагон ё хонандагон рӯй диҳад.

3. Шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои онлайн. Гурӯҳҳои экстремистӣ барои паҳн кардани ғояҳои худ аз шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет фаъолона истифода мебаранд. Рӯйхати сомона ва саҳифаҳои иҷтимоие, ки бо ҳалномаҳои СО ҶТ ҳамчун расонаи таблиғкунандаи ғояҳои экстремистӣ-террористӣ фаъолияташон манъ карда шудааст. Масалан, *бо ҳалномаи СО ҶТ аз 3 майи соли 2012 Ҷамоати (Ҷамъияти) «Ансоруллоҳ» ташкилоти террористӣ, экстремистӣ ва ғайриқонунӣ дар*

*ҶТ фаъолияткунанда эътироф гардида, фаъолияташ манъ карда, вебсомонаи интернетии www. irshod.kom, www.irshod.net ва дигар вебсомонаҳои Ҷамоати (Ҷамъияти) «Ансоруллоҳ» баста шудааст. Ба ҳудуди Тоҷикистон ворид, паҳн, истеҳсол, чопу нашр намудани адабиёту варақаҳо, аудио ва видеосабтҳои Ҷамоати (Ҷамъияти) «Ансоруллоҳ» манъ карда шудааст. Бо ҳалномаҳои СО ҶТ аз 19 апрели соли 2001 фаъолияти «Ҳизб-ут-Таҳрир» ғайриқонунӣ амалкунанда ва аз 11 марти соли 2008 «Ҳизб-ут-Таҳрир» ташкилоти экстремистӣ эътироф гардида, вебсомонаи интернетии «Ҳизб-уТ-таҳрир» зери унвони www.hisbut-tahrir.org. дар ҳудуди ҶТ манъ карда шудааст.* Шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд ҳубобҳои полоишкунанда эҷод кунанд, ки дар онҳо одамон танҳо маълумотеро мебинанд, ки эътиқоди мавҷудаи онҳоро дастгирӣ мекунанд ва метавонанд ба ифротгароӣ (радикализатсия) мусоидат кунанд. Истифода аз шабакаҳои интернетӣ яке аз роҳҳои паҳн кардани хабарҳо ва алоқаҳои бемаҳдуд байни инсон аст [184]. Масалан, *маҳкумшуда соли 2013 бо м.245 (азонихудкунӣ ё исрофкорӣ) қисми 3 - и КҶ ҶТ аз ҷониби суди шаҳри Турсунзода ба муҳлати 5 сол аз озодӣ маҳрум шудааст. Тавре тафтишот муайян кард, А.Х. соли 2013 ҳангоми дар муассисаи ислоҳӣ адои ҷазо намуданаш аз Саид ном маҳбус тарзи хондани ҳуруфоти арабиро аз худ намуда, баъди ба озодӣ баромадан моҳи октябри соли 2016 ба Федератсияи Россия рафтааст. Дар он ҷо аз сомонаи иҷтимоии «Ютуб» истифода бурда, сабту наворҳои марбут ба ташкилоти террористӣ - экстремистии «Давлати исломӣ»-ро тамошо ва ақидаи онҳоро қабул намудааст. Соли 2017 ҳангоми дар ҶТ қарор доштанаш худро дар барномаи интернетии радиои «Зелло», шабакаи «Роҳнамо» ба сӯи «Давлати исломӣ» бо номи мустаори «Muslim» сабт карда, бо аъзои фаъоли ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» сӯҳбат ва ғояҳои ташкилоти мазкурро ҷонибдорӣ намудааст. Сипас, ӯ бо мақсади ба тарғибу ташвиқот ва даъвати шаҳрвандони ҶТ барои «ҷиҳод»*

*дар сафи ташкилоти террористии «Давлати исломӣ», 12 сентябри соли 2018 худро дар сомонаи иҷтимоии «Однокласники» бо номи мустаори «Imam Mahdi Khalifatul islam» ба қайд гирифта, ба даъвати шаҳрвандон ва паҳн кардани аксу наворҳои марбут ба ин ташкилот машғул гаштааст. Ба ғайр аз ин, А.Х. барои зиёд намудани нуфузи ташкилоти мазкур дар ҶТ бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ аксу наворҳои марбут ба ин ташкилоти террористиро тариқи баҳогузорӣ (лайк) ва дар равзанаи хабарҳояш гузошта, ба рафиқонаш, ки дар сомонааш 7 нафар буданд, паҳн кардааст. Зимни тафтиши саҳифаи интернетии бо номи "Imam Mahdi Khalifatul islam» - и А.Х. муколамаи ӯ бо аъзои ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» ҷиҳати бо кадом роҳу усул ба ин ташкилот пайвастан дарёфт шуд. Номбурда бо мақсади ба ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» рафтан ба ҷустуҷӯи аъзои он машғул гашта, барои амалӣ намудани мақсадҳои ҷиноятии худ тайёрӣ дидааст. Аз ҷумла, ӯ дар саҳифаи «Однокласники»-и худ парчами «Давлати исломӣ»-ро ҷойгир намуда, суроғаи зисташро шаҳри Раққаи Ҷумҳурии Арабии Сурия нишон додааст. Ҳолати мазкур сабаб гаштааст, ки ӯ бо чанд аъзои фаъоли ин ташкилот алоқа пайдо карда, аз онҳо роҳҳои иштирок дар задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ иштирок намуданро пурсон шудааст. Ғайр аз ин, муайян шуд, ки ӯ бо мақсади ҷалби дигарон акс ва матнҳои дорои хусусияти экстремистӣ-террористӣ дошта, тарзи омода кардани маводи тарканда, даъват ба «ҷиҳод» бо забони ӯзбекӣ, ширк, бидъат ва ғ.ҳоро байни истифодабарандагон паҳн кардааст. 14 октябри соли 2018 А.Х. аз ҷониби кормандони Раёсати КДАМ дар шаҳри Душанбе дастгир шуд. Мувофиқи хулосаи Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати ҶТ, дар маводи ба ташхиси давлатии диншиносӣ пешниҳод гардида, аксҳои тарғибкунандаи ҷиҳод сабт гардиданд, ки дар онҳо нишонаҳои пайравӣ аз ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» дида мешавад. Ҳамчунин, дар*

*мазмуну муҳтавои маводи мазкур даъватҳои ошкоро барои ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ мавҷуд аст* [186].

4. Инъикоси ғаразноки рӯйдодҳо. ВАО метавонад рӯйдодҳоро дар партави ғаразнок муаррифӣ кунанд, ки метавонад ба ташаккули дарки таҳрифшудаи воқеият оварда расонад. Ин, дар навбати худ, метавонад ба таҳкими ақидаҳои экстремистӣ мусоидат кунад ва ҳамчунин шахсонро ба содир намудани фаъолияти экстремистӣ даъват кунад.

5. Стратегияҳои коркарди иттилоот - ВАО метавонад стратегияҳои муайяни коркарди иттилоотро истифода барад, ба монанди сода кардани масъалаҳои мураккаб ё ба вуҷуд овардани душманони возеҳ, ки метавонанд ба ташаккули эътиқоди экстремистӣ мусоидат кунанд.

6. Идоракунии худхости (манипулятсияи) далелу фактҳо ва маълумоти бардурӯғ - ВАО метавонад бо мушкилоти марбут ба идоракунии худхости далелҳо ва маълумоти бардурӯғ рӯ ба рӯ шавад. Паҳн кардани маълумоти носанҷида ё бардурӯғ метавонад барои эътиқод ва низоъҳои экстремистӣ замина фароҳам орад.

7. Тарғибот - гурӯҳҳои экстремистӣ таблиғотро барои ҷалби ҷонибдорони нав фаъолона истифода мебаранд. ВАО метавонад интиқолдиҳандаи ин таблиғот гардад, алалхусус, дар шароите, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайяни сиёсӣ ё идеологӣ зарур аст. Масъалаи дигаре, ки дар заминагузории экстремизм ва терроризм вуҷуд дорад, ин мафкураи динӣ ҳаст, ки дар баробари мафкураи давлатӣ дар форматсияҳои гуногуни ҷамъиятӣ шакл гирифтааст [196].

8. Радикализатсияи онлайнӣ - Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ платформаро барои радикализатсияи онлайн таъмин мекунанд. ВАО тавассути интишори мундариҷаи экстремистӣ дар фазои онлайн метавонад ба ташаккул ва нигоҳ доштани ақидаҳои радикалӣ мусоидат кунад.

9. Хусусияти низоъҳои минтақавӣ - дар минтақаҳое, ки ноустувории сиёсӣ, низоъҳои этникӣ ё динӣ мавҷуданд, ВАО метавонад ба шиддат гирифтани вазъ тавассути дастгирии гурӯҳҳо ё ҷонибҳои муайян таъсир расонад, ки метавонад ба паҳншавии ғояҳои экстремистӣ мусоидат кунад.

Барои кам кардани таъсири ВАО ба паҳншавии экстремизм чораи муҳимми баланд бардоштани салоҳияти иттилотии ҷомеа, риояи меъёрҳои ахлоқии журналистика, танзими фазои онлайн, инчунин рушди муколама ва фаҳмиш байни ҷомеаҳои гуногун мебошанд. Инчунин муҳим аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ба маълумоти бардурӯғ фаъолона муқобилият нишон диҳад ва барои пешгирии равандҳои ифротгароӣ дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа кор барад.

Умуман, муносибати мутавозин ва масъулиятнок аз ҷониби ВАО, ҷомеа, қонунгузорон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор метавонад ба коҳиш додани таъсири манфии ВАО ба паҳншавии экстремизм ва ба ташаккули ҷомеаи огоҳ ва таҳаммулпазир мусоидат кунад. Барои он ки ВАО ба содир намудани ҷиноятҳои экстремистӣ, аз ҷумла даъвати оммавӣ барои фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм даст назананд, назорати риояи Қонуни ҶТ «Дар бораи ВАО» аз 19 марти соли 2013 таҳти № 961, Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6 августи соли 2001, №40, Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» аз 10 майи соли 2002, №55, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 2 декабри соли 2002, №71, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» аз 18 июни соли 2008, №411 зарур мебошад.

***Ҳаракати дигар ин даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм тавассути Интернет мебошад.*** Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон дуруст таъкид намуда буданд, ки: «Яке аз омилҳои торафт густариш пайдо кардани зуҳуроти терроризм ва ифротгароӣ васеъ истифода гардидани технологияҳои муосири иттилоотӣ мебошад. Имрӯзҳо шабакаи интернет, мутаассифона, аз ҷониби гурӯҳҳои террористиву ифротгаро бо мақсади таблиғи ғояҳои экстремистӣ, ба сафи худ ҷалб намудани аъзои нав, омода ва роҳбарӣ кардани онҳо ба аъмоли харобкорона ба таври густурда истифода мешавад» [5].

Интернет маҷмуаи шабакаҳои иттилоотӣ-иртиботӣ мебошад, ки компютерҳоро новобаста аз маҳалли ҷойгиршавиашон бо истифода аз протоколи интернет (IP) ва протоколи таҳвили иттилоот (TCP) ба ҳам мепайвандад. Айни замон, Интернет ҳамчун воситаи пурқувват барои паҳн намудани иттилооти дорои хусусияти экстремистӣ истифода мешавад. Чунин фаъолият, аз ҷумла даъватҳои оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм, тавассути сомонаҳо (сайтҳо) ба роҳ монда шудааст. Сайт (торнамо, саҳифа дар интернет) маҷмуи иттилоот ва нармафзор (барномаҳо) мебошад, ки бо тарзи муайян ташкил ёфта, тавассути абарматн (гипертекст) алоқаманд аст ва бо истифода аз суроғаи мушаххаси интернетӣ дастрас карда мешавад. Ҳамзамон, мавҷудияти чунин сайтҳо хатари паҳн шудани ғояҳои ифротгароиро зиёд намуда, назорати қатъии ҳуқуқӣ ва амалӣ намудани чораҳои муфассалро талаб мекунад [85, с.59].

Дар қарни гузашта муҳаққиқи рус Виктор Афанасев (18 ноябри 1922 – 10 апрели 1994) чунин гуфта буд: «Матбуот, радио ва телевизион силоҳи муҳимми таъсиррасонӣ ба мафкураи одамон аст, ки онро наметавон бо чизи дигар муқоиса кард». М. Маҳмудов бар он ақида аст, ки дар асри навин бошад, интернет ба силоҳи ҳақиқии таъсиррасонӣ ба тафаккур табдил ёфтааст, ки зарарашро баробари силоҳи ҳастаӣ медонанд. Тибқи маълумоти дастрас, ҳоло беш аз 5 миллиард аҳолии ҷаҳон, яъне 65 дарсад сокинони сайёра корбарони интернет мебошанд.

Аз ин бармеояд, ки фазои маҷозӣ ба як ҷузъи муҳимми зиндагии одамон табдил ёфтааст. Бар пояи гузориши April Global Statshot report, истифодабарандагони фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ дар ҷаҳон – 4,65 миллиард ё 58,7 дарсади шумораи умумии аҳолии Сайёраро дар бар мегиранд. Бинобар ин, бештар мушоҳида мешавад, ки ташкилотҳои террористию экстремистӣ ва гурӯҳҳои манфиатҷӯй ҳадафҳои худро тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ амалӣ мекунанд [190]. Тибқи Маълумоти Хадамоти алоқа, ҳоло дар Тоҷикистон 8,3 миллион муштарии алоқаи мобилӣ фаъолият доранд, ки тақрибан 5,6 миллион нафари онҳо фаъол ҳисобида мешаванд. Шумораи умумии истифодабарандагони интернет (мобилӣ ва ноқилӣ) 4,5 миллион нафарро ташкил медиҳад [191]. Омори мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки имконияти содиршавии ҷиноят тавассути шабакаи Интернет рӯ ба афзоиш дорад. Ҳолати мазкур, мавқеи КҶ ҶТ ҳамчун аломати бандубастшавандаи ҷинояти баррасишавандаро боз ҳам асоснок менамояд.

Бо вуҷуди ин, бояд ба назар гирифт, ки асосноккунии экстремизм тавассути шабакаи интернет, бо дарназардошти сатҳи баланди хатари ҷамъиятӣ, аз татбиқи он тавассути васоити ахбори омма (ВАО) камтар нест. Дар ин замина, истифодаи интернет ҳамчун аломати мустақили ҷинояти таҳлилшаванда муайян шудааст, зеро он бо хусусиятҳои хоси худ аз ВАО фарқ намуда, хатари ҷиддитаре барои ҷомеа эҷод мекунад. Тавре ки Додгоҳи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон қайд кардааст, интернет ҳамчун воситаи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ бо хусусиятҳои худ аз ВАО анъанавӣ фарқ мекунад. Ин фарқият, пеш аз ҳама, ба дастрасии осон, паҳншавии зуд, имкони пинҳон нигоҳ доштани манбаъҳо ва таъсири васеъ ба афкори умум марбут аст. Бо дарназардошти ин омилҳо, таблиғ ва асосноккунии экстремизм дар фазои интернет метавонад таъсири бештари идеологӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дошта бошад, ки ба раванди радикализатсия ва ҷалби афрод ба гурӯҳҳои ифротгаро

мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, ҳамгироии меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ барои танзими истифодаи интернет дар паҳн намудани маводи дорои хусусияти экстремистӣ, зарурати такмили стратегияҳои миллии муқовимат ба ифротгароӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати байналмилалии мубориза бо таҳдидҳои киберэкстремизмро ба миён меорад.

Интернет дорои қобилияти баланди ҳифз ва интиқоли иттилоот мебошад, ки онро ҳамчун як платформаи мукаммал барои паҳн кардани ғояҳо истифода кардан мумкин аст. Шабакаи электронӣ, ки миллиардҳо корбаронро дар саросари ҷаҳон фаро мегирад, аз ҷиҳати танзим ва назорат ҳамон имкониятҳои ВАО-ро надорад ва эҳтимолан дар оянда низ чунин хоҳад монд. Ҳамзамон, хатари расонидани зарар ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тавассути иттилоот ва иртиботи интернетӣ, бахусус, ҳуқуқ ба эҳтироми ҳаёти шахсӣ, аз хатари вобаста ба ВАО бештар аст. Маҳз ин хусусиятҳо Интернетро ба як воситаи пурқувват барои паҳн кардани ғояҳои экстремистӣ табдил медиҳанд, ки назорати ҳуқуқӣ ва танзими самараноки онро тақозо мекунад [120, с. 106]. *Масалан, Н.И.Т. ҳангоми фаъолият баръало огоҳ шудааст, ки мавҷудияти мухолифатҳои сиёсӣ, динӣ, ҳиссиётҳои мансабхоҳӣ ва носозгориҳои мазҳабии гурӯҳи одамон дар арсаи байналхалқӣ ба он оварда расондааст, ки ташкилоти экстремистии «Салафия», ки маъноящ «Пеш гузашта, пеш зиндагӣ кардан» мебошад, дар асри XYIII идеяҳои онҳоро ваҳҳобиҳо ва дар асри XX бошад ҳаракати «Ихвон-ул-муслимин» чун асос барои идеологияи худ қабул кардаанд. Дар ҶТ ғояҳои равияи динии «Салафия» соли 1998 пайдо шудааст, зидди ақидаҳо ва парастиши дигар мазҳабу равияҳои динӣ дар Тоҷикистон буда, таълимоти онҳо ба он равона карда шудааст, ки ҶТ ва дигар давлатҳои дунявиро ҳамчун давлати «Такфир» ва куфр ҳисобида, бо роҳи силоҳ аз байн бурдани онҳоро инкор намекунанд. Равияи динии «Салафия» ба ҷузъ ақидаҳои «Ҳамбал» дигар дину мазҳаб, равия фарҳангу тамаддунро қабул ва эътироф накарда, ҳамаи динҳои ғайримусулмонро*

*душманони худ пиндошта, онҳоро «Такфир» ва «Куфр» ҳисобида, нест карданашонро мақсаду вазифаи худ медонистааст. Салафиҳо ҷиҳодро рукни асосии ислом дониста, барои аз байн бурдани давлати Тоҷикистон ва барқарор кардани хилофати араб мардум - доираи васеи одамонро бо мақсади барангехтани онҳо дар ба амал баровардани фаъолияти террористию экстремистӣ даъват карда, ба ифротгароӣ ва гумроҳӣ мебаранд. Маркази равияи динии «Салафия» дар Арабистони Саудӣ буда, ин равия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни арабгароиро мақсади ниҳоии худ дониста, метавонад барои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон мунокишаҳои динию мазҳабӣ ва тезу тунд шудани муносибатҳои диндоронро ба вуҷуд орад. Фаъолияти равияи динии «Салафия» хусусияти ифротӣ дошта, мардумро ба нооромӣ, дигаркунии сохти конститутсионии давлат, ғасби ҳокимият ва ангезидани бадбинии мазҳабӣ, даъват, яъне ба шуур ва иродаи доираи васеи одамон бо мақсади майл намудани онҳо ба амалигардонии фаъолияти террористию экстремистӣ таъсир мерасонанд. Мақсад ва мароми равияи динии «Салафия» дар ҷумҳурӣ асосан бо даъват ва ҷамъ намудани аҳолӣ доираи васеи одамон бо мақсади барангехтани онҳо, ба амал баровардани фаъолияти террористию экстремистӣ ба сафҳои худ буда, дар рафти чунин даъватҳо, ки хусусияти ифротӣ ва тоқатнопазирӣ нисбат ба дигар мазҳабу равияҳо, аз ҷумла ба мазҳаби анъанавии мусулмонони Тоҷикистон-мазҳаби Имоми Аъзам доранд. Намояндагони равияи «Салафия» мунтазам ба барангехтани кинаю адоват ва низои динӣ даст мезананд, муаммои зерин мисол шуда метавонад.*

*Н.И.Т. дар содир кардани ҷинояти ҷалб кардан барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ё мусоидати дигар барои содир намудани онҳо, аз ҷониби Р.Д.Т., Б.А.Ш., Ҷ.А.А., А.А.А., З.А.А., Л.У.М., М.М.М. ва дигарон бо маслиҳати пешакӣ, бо роҳи моил кардан, боварӣ кунонидан, илтимос кардан, таклиф пешниҳод намудан, ҳамчунин, ба*

*воситаи ҷойгир кардани маводи иттилоотӣ ва паҳнкунанда ба воситаи шабакаҳои иттилоотӣ - телекоммуникатсионӣ ё ба воситаи ҷустуҷӯи шахс ва ҷалб намудани ӯ барои содир намудани яке аз кирдорҳои ёдрасшуда равона карда шудаанд, иштирок карда, бо мақсади паҳн ва зиёд намудани сафи тарафдорони ТБТ «Давлати исломӣ», иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ) равияи динии «Салафия» ва дигар равияҳои тундрав, ҳар ҳафта як маротиба хондани намозҳоро аввал дар қаҳвахонаи «Зайтун», воқеъ дар шаҳри Москва, наздикии истгоҳи метрои «Третяковская», дар толори варзиши «Алекс Фитнес»-и шаҳри Москва, дар чойхонаи шахсии ташкилкунандаи гуруҳ Р.Д.Т., «Айқл», воқеъ дар Федератсияи Россия, шаҳри Москва, маҳаллаи Южная Тушино, кӯчаи Свобода 48, дар масҷидҳои «Отрядный» ва ноҳияи Красногорскии шаҳри Москваи Федератсияи Россия ташкил кардаанд. Р.Д.Т. ҳамчун ташкилкунандаи гурӯҳ, ошпаз ва пешхизмати чойхонаи «Айқл» Э.Ш.А. ва Н.И.Т. даъват карда, барои махфӣ нигоҳ доштани фаъолияти террористию экстремистиашон ва ҷалб намудани дигар нафарон ҷамъ шуданашонро ҳамчун ҷамъомади «Оши палав» нишон дода, бо тариқи гузаронидани «Амри маъруф» аз як гурӯҳ шаҳрвандон, аз ҷумлаи дар боло номбаршудагон бо маслиҳати пешакӣ даъват ба амал ва номбурдагонро ба ТБТ «Давлати исломӣ» ва ташкилоти экстремистии «Салафия» шомил намуда, ба шуур ва иродаи доираи васеи одамон бо мақсади майл намудани онҳо ба амалигардонии фаъолияти дар иттиҳодияи террористию экстремистии динии зикршуда, таъсир расонида, фаъолтар намудаанд. Э.Ш.А. ва Н.И.Т. ба таклифи Р.Д.Т. ихтиёрона розӣ шуда, аъзоҳои ин ташкилотҳои террористию экстремистӣ гаштаанд* [208].

Дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ Интернет дар паҳн кардани мафкура ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва ҳамкории иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад.

Экстремизм дар асри интернет шаклҳои мураккабтарро мегирад, ки зарурати рушди доимии усулҳои муқовиматро таъкид мекунад. Ҷамъият бояд на танҳо ба мушкилоти ҷорӣ вокуниш нишон диҳад, балки тамоюлҳои навро фаъолона пешбинӣ ва қатъ кунад, то фазои бехатар ва масъулиятноки онлайнро таъмин кунад.

***Масъалаи криминализатсияи кирдорҳои нав дар таркиби м.307[1] КҶ ҶТ.***

1) Хатари бузургтарини таблиғи мафкураи экстремизм дар он аст, ки асосан ҷавонон, яъне насли наврас, ки ҷаҳонбинии онҳо ҳанӯз ба таври комил ташаккул наёфтааст, ҳадафи асосии ин даъватҳо қарор мегиранд. Ин гурӯҳи аҳолӣ аз сабаби заъфи таҷрибаи ҳаётӣ, сатҳи пасти шуурнокӣ дар бораи таҳдидҳои иҷтимоӣ ва қобилияти маҳдуди таҳлили иттилоот ба осонӣ ба таъсири ғояҳои ифротгароёна майл пайдо мекунанд. Дар ин раванд, гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ҳадаф доранд, ки бо истифода аз методҳои гуногуни идеологӣ ва равонӣ, саломатии ахлоқии ҷавононро вайрон карда, ҳисси ватандӯстии онҳоро «мағзшӯӣ» намоянд. Онҳо бо истифода аз васоити муосири таблиғ, аз ҷумла интернет, ҷаҳонбинии ҷавононро ба самти ифротгароӣ равона месозанд ва онҳоро ба сафи худ ҷалб мекунанд. Мушкилоти мавҷуда бо сатҳи нокифояи таҳсилоти зиддиэкстремистии ҷавонон боз ҳам шадидтар мешавад. Системаи омӯзишӣ на ҳамеша тавони пешгирӣ ва огоҳсозии насли наврасро аз хатари экстремизм дорад ва зарурати такмили мунтазам ва таҳкими ин ҷанбаҳои тарбияро ба миён меорад. Барои муқовимати муассир ба ин таҳдид, баланд бардоштани саводи ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва иттилоотии ҷавонон, инчунин ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии зиддиэкстремистӣ зарур мебошад. Бо назардошти хусусияти ташаккулёбии ҷавонон, рушди заифи зеҳнӣ ва ҷисмонии ноболиғон, пешниҳод карда мешавад, ки хатари иҷтимоии сафедкунии оммавии экстремизм боз ҳам шадидтар карда шавад. Аз ин рӯ, пешниҳод

карда мешавад, ки дар қ.3 м.307[1] КҶ ҶТ аломати бандубастшаванда барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм, ки нисбати ноболиғон равона карда шудааст ё аз тарафи аъзоёни ташкилоти террористиву экстремистӣ содир гардидааст, муқаррар карда шавад.

Дар м.307[1] КҶ ҶТ масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши шахсоне, ки фаъолияти экстремистиро содир намудаанд, дида намешавад. «Таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши шахсоне, ки фаъолияти экстремистиро содир намудаанд» маънои дастгирӣ ё ифодаи муносибати мусбат ба фаъолияти гурӯҳ ё шахсеро дорад, ки ба амалҳои экстремистӣ ё террористӣ ҷалб шудаанд. Ин метавонад дар шаклҳои гуногун, аз қабили изҳори ҳавасмандӣ, тасдиқи оммавӣ, паҳн кардани таблиғот, эҷоди маводҳои таблиғотии зуроварӣ ва дигар амалҳои шабеҳ зоҳир шавад. Бисёр кишварҳо қонунҳоеро қабул карданд, ки ба пешгирӣ ва муқовимати чунин зуҳурот нигаронида шудаанд, зеро онҳо метавонанд ба амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ таҳдид кунанд ва зуровариро ба вуҷуд оранд. Ин қонунҳо аксар вақт ба манъи дастгирӣ ва таблиғи созмонҳои экстремистӣ ва террористӣ нигаронида шудаанд. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар м.307[1] КҶ ҶТ таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши шахсоне, ки фаъолияти экстремистиро содир намудаанд, ҷиноят эътироф (криминализатсия) карда шавад.

Дар қ.3 м.307[1] КҶ ҶТ барои содир намудани кирдорҳои пешбининамудаи қ.қ.1 ва 2 м.307[1] КҶ ҶТ, ки такроран ва дар ҳолати ретсидиви хавфнок ва ё махсусан хавфнок содир шуда бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Шартҳои ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок эътироф намудани шахси ҷиноятсодирнамуда дар қ.қ.2 ва 3 м.21 КҶ ҶТ нишон дода шудаанд. Бо мақсади дуруст ва якхела татбиқ намудани қонунгузории марбут ба ретсидиви ҷиноят, дар асоси м.27 Қонуни конститутсионии ҶТ

«Дар бораи судҳои ҶТ» Пленуми СО ҶТ Қарори №7 аз 12 декабри соли 2002-ро «Дар бораи таҷрибаи аз тарафи судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оиди ретсидиви ҷиноят» (бо тағйиротҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 23 июни соли 2010 №19 ва 25 майи соли 2017, №17 ворид карда шудаанд) [202] қабул намуд.

Ретсидиви ҷиноят дар ҳолатҳои зерин хавфнок дониста мешавад: а) дар ҳолати содир намудани ҷинояти вазнин, агар ин шахс қаблан на камтар аз ду маротиба барои қасдан содир намудани ҷиноятҳои дараҷаи миёна бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад; б) дар ҳолати содир намудани ҷинояти вазнин, агар ин шахс қаблан барои содир намудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад; дар ҳолати содир намудани ҷинояти махсусан вазнин, агар ин шахс қаблан барои содир намудани ҷинояти вазнин ба маҳрум сохтан аз озоди маҳкум шуда бошад. Ретсидиви ҷиноят дар ҳолатҳои зерин махсусан хавфнок дониста мешавад: а) дар ҳолати содир намудани ҷинояти вазнин, агар ин шахс қаблан ду маротиба барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад; б) дар ҳолати содир намудани ҷинояти махсусан вазнин, агар ин шахс қаблан ду маротиба барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин маҳкум карда шудааст ё ин ки қаблан барои содир намудани ҷинояти махсусан вазнин маҳкум шуда бошад [6].

Ҳамин тариқ, ретсидиви хавфнок ё ретсидиви махсусан хавфнок ҷой дорад танҳо дар ҳолате, ки агар шахс бори дуюм ё сеюм ҷинояти навро бо назардошти талаботҳои дар боло зикргардида содир карда бошад.

Дар ҷараёни муқаррар намудани аломатҳои ретсидиви ҷиноят чор намуди доғи судӣ ба инобат гирифта намешаванд: 1) доғи судӣ барои ҷиноятe, ки то синни ҳаждаҳсолагӣ содир шудааст; 2) доғи судӣ барои ҷиноятe, ки нисбати он дар асоси м.71 КҶ ҶТ шартан татбиқ накардани ҷазо татбиқ гардидааст: агар шартан татбиқ накардани ҷазо бекор карда

нашуда бошад ва шахс барои адо намудани ҷазо ба ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ фиристода нашудааст; 3) доғи судӣ барои ҷиноятe, ки нисбати он дар асоси м.78 КҶ ҶТ мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм татбиқ гардидааст, агар мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм бекор карда нашуда бошад ва шахс барои адо намудани ҷазо ба ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ фиристода нашудааст; 4) доғи судие, ки тибқи м.84 ККҶ ҶТ барҳам хурда ё бардошта шудааст. Инчунин, бояд қайд кард, ки бо сабаби он ки мафҳуми ретсидиви ҷиноят дар КҶ ҶТ аз 1-уми сентябри соли 1998 ҷорӣ карда шудааст ва он дар КҶ пешина ҷой надошт ва аз ин рӯ, он вазъияти маҳкумшударо вазнин кардааст, бинобар ин, қоидаҳои дар м.21 КҶ ҶТ дарҷ гардида, нисбати маҳкумшудагоне, ки ҷиноятҳоро то санаи номбаршуда содир кардаанд, паҳн намегардад [101, с. 32-33].

Ҷинояти мазкур аз лаҳзаи ба таври шифоҳӣ ба оммаи мардум эълон намудани даъватҳо ё ин ки аз лаҳзаи ба таври хаттӣ паҳн кардани онҳо (дар ҳама ҷо часпондан, дар ҷойҳои серодам партофтан), хотимаёфта ҳисобида мешавад. Аз сабаби он ки таркиби ин ҷиноят расмӣ мебошад, бинобар ҳамин, талаб карда намешавад, ки ягон кас даъватҳоро қабул намояд.

Ҳамин тавр, таҳлили ҳуқуқи ҷиноятии тарафи объективии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизмро ҷамъбаст намуда, чунин хулосаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокро пешниҳод намудан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Таҳти мафҳуми даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ чунин ҳаракате фаҳмида мешавад, ки он ба шуур ва иродаи (психология) одамон таъсири фаъолона (мақсаднок) расонидан бо тафаккури онҳо содир намудани ҳаракатҳоеро ба вуҷуд меоварад, ки ҳамчун фаъолияти экстремистӣ бандубаст мегарданд, ба монанди тавассути зӯрӣ сарнагун кардан ва ё тағйир додани сохтори конститутсионӣ, вайрон ва халалдор кардани соҳибихтиёрӣ,

истиқлолият ва тамомияти арзии ҶТ, амалҳое, ки ба ноустувор сохтани амнияти ҶТ равона шудаанд; амалҳое, ки ба ғасб ё аз худ кардани ваколатҳои ҳокимият равона шудаанд ва дигар ҳаркатҳое, ки бо фаъолияти экстремистӣ алоқамананд, мебошад. Шакли даъват (шифоҳӣ (суханронӣ дар ҳамоиш, хаттӣ (нашри рӯзномаҳо, часпонидани овезаҳо), бо истифода аз воситаҳои электронӣ) барои бандубасти ҷиноят аҳаммият надорад, ба истиснои қ.2 м.307[1] КҶ ҶТ, ки содир намудани ин ҷиноятро бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ё шабакаи интернет талаб мекунад.

2. Намудҳои даъвати оммавӣ метавонанд гуногун бошанд, аз қабили: муроҷиатҳо ё суханрониҳои оммавӣ; ҳамоиш ё намоишҳои оммавӣ; дархостҳо (петитсия); маъракаҳои иҷтимоӣ; раҳпаймоӣ ё бастани роҳҳо; даъвоҳо ё парвандаҳои гражданӣ; таҳриккунӣ. Бояд гуфт, ки инҳо танҳо баъзе аз намудҳои маъмули даъвати оммавӣ мебошанд, ки метавонанд барои ҷалби таваҷҷуҳ ва таъсир расонидан ба мушкилот ё рӯйдодҳои муайян истифода шаванд. Нишонаи асосие, ки даъватро ба фаъолияти экстремистӣ ҳамчун амали ҷиноятӣ муайян мекунад, хусусияти оммавии он мебошад, яъне даъват бояд ба доираи васеи шахсон расонида шавад.

3. Фаъолияти экстремистӣ падидаест, ки ба ҷомеа таҳдиди воқеӣ дорад. Он шаклҳо ва зуҳуроти гуногунро дар бар мегирад, ки доираи васеи ғояҳо ва мафкураҳоро дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин, новобаста аз гуногунии ташкил ва ангезаҳои экстремистон, фаъолияти онҳо ҳамеша бо оқибатҳои манфӣ алоқаманд аст. Яке аз ҷанбаҳои асосии фаъолияти экстремистӣ таблиғот мебошад. Тавассути платформаҳои гуногуни ВАО, ба монанди шабакаҳои иҷтимоӣ, форумҳои интернетӣ ва видеохостингҳо, экстремистҳо мафкураи худро фаъолона паҳн мекунанд, ки ба дарк ва тафаккури ҷомеа таъсир мерасонанд. Бо роҳи таҳрир ва маълумоти нодуруст, онҳо кӯшиш мекунанд, ки эътиқод ва муносибати

худро ба оммаи васеъ, таъсиррасонӣ ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ таҳмил кунанд. Дар баробари таблиғот, фаъолияти экстремистӣ, инчунин ҷузъи фаъоли ҷисмонӣ ва зӯроварӣро дар бар мегирад. Амалҳои террористӣ, ҳамлаҳо ва дигар шаклҳои зӯроварӣ воситаи қобили қабул барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва ғоявии чунин гурӯҳҳо мегарданд. Ин на танҳо ба одамони бегуноҳ мушкилот ва осеб мерасонад, балки муҳити тарсу ҳарос ва шиддати бехатариро низ ба вуҷуд меорад.

4. Сафедкунии экстремизм - ин раванд ё амали изҳори дастгирии ғояҳо, ҳадафҳо, таҷриба ё усулҳои гурӯҳҳо ё ташкилотҳои экстремистӣ мебошад. Сафедкунии экстремизм метавонад намудҳои гуногуни дастгирӣ, аз қабили изҳороти оммавӣ, навиштани матнҳо, паҳн кардани мавод, иштирок дар чорабиниҳо ва ғ. - ро дар бар гирад

5. Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм на танҳо тавассути ВАО, инчунин, он метавонад тавассути варақаҳо, адабиёт, маҷалла, рӯзнома, китобчаҳо ва дигар шакли нашрҳо ба амал бароварда шавад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки пас аз истилоҳи «ВАО» дар қ.2 м.307[1] КҶ ҶТ истилоҳи «ва дигар намуди нашрҳо» илова карда шавад.

6. Дар ВАО имконияти чанд роҳе, ки ин метавонад бо паҳншавии (даъвати) экстремизм алоқаманд бошад, ҷой дорад, аз ҷумла: а) нашри маводи экстремистӣ; б) ҳангомасозӣ (сенсатсионизм) ва ҷалби таваҷҷӯҳ; в) шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои онлайнӣ; г) инъикоси ғаразноки рӯйдодҳо; д) стратегияҳои коркарди иттилоот; е) таъсири сиёсӣ; ё) идоракунии худхости (манипулятсия) далелҳо ва маълумоти бардурӯғ; ж) тарғибот; з) радикализатсияи онлайнӣ; и) хусусияти низоъҳои минтақавӣ. Барои кам кардани таъсири ВАО ба паҳншавии экстремизм, қадамҳои муҳим барои баланд бардоштани салоҳияти иттилотии ҷомеа, риояи меъёрҳои ахлоқии журналистика, танзими фазои онлайн, инчунин

рушди муколама ва фаҳмиш байни ҷомеаҳои гуногун мебошанд. Инчунин, муҳим аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ба маълумоти бардурӯғ фаъолона муқобилият нишон диҳад ва барои пешгирии равандҳои ифротгароӣ дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа кор барад.

7. Асоснок мешавад, ки дар ҶТ зарурияти қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи амнияти киберӣ» ҷой дорад.

8. Пешниҳод карда мешавад, ки дар таркиби м.307[1] КҶ ҶТ аломати бандубастшаванда барои даъвати оммавии ноболиғон ё аз тарафи аъзоёни ташкилоти террористиву экстремистӣ содир гардидааст, ҳамчунин таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши шахсоне, ки фаъолияти экстремистиро содир намудаанд, криминализатсия карда шавад.

## 2.3. Таҳлили аломатҳои субъективии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм

Ҷиноят ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфнок дар натиҷаи ҳамбастагии нишонаҳои объективӣ ва субъективӣ содир мегардад. Нишонаҳои гурӯҳи объективӣ ба объект (арзише, ки ҷиноят ба он осеб мерасонад) ва тарафи объективӣ (кирдор, муносибат ва пайомадҳои он дар ҷаҳони воқеӣ) дахл доранд. Дар ҳамин ҳол, нишонаҳои гурӯҳи субъективӣ ба субъект (шахси ҷинояткор) ва тарафи субъективӣ (мақсад, ангеза ва ҳолати равонии шахси ҷинояткор ҳангоми содир кардани ҷиноят) алоқаманданд. Умумияти ин нишонаҳо дар он зоҳир мешавад, ки онҳо воқеияти иҷтимоии ҷиноятро аз ҳама ҷиҳат таҳлил ва баҳогузорӣ мекунанд. Яъне, ҷиноят на танҳо бо таъсири худ ба арзишҳои ҳифзшавандаи иҷтимоӣ, балки бо омилҳои шахсӣ ва ҳолатҳои равонӣ низ муайян мешавад. Ин ҳамбастагӣ имкон медиҳад, ки ҷиноят ҳамчун як падидаи мураккаби иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дуруст арзёбӣ ва ба он ҷавобгарии мувофиқ таъин карда шавад.

Ҷиҳати таҳлили нисбатан пурратари даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм муайян кардани субъект ва тарафи субъективии он низ зарур аст.

***Субъекти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм.*** Ба унсурҳои ҳатмии ҷиноят субъекти он, яъне, шахсе, ки ҷиноят содир кардааст ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, дохил мешавад. Субъекти ҷиноят яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят буда, бе мавҷудияти он асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ истисно мегардад [159, с. 151].

Субъект пеш аз ҳама шахси воқеӣ ва мушаххаси ҷисмонӣ мебошад, ки дар воқеияти иҷтимоӣ, вақт ва макон мавҷуд буда, дорои фарҳанги

муайян, таҷрибаи ҳаётӣ ва алоқаи иҷтимоӣ бо дигарон мебошад. Дар КҶ ҶТ, аломатҳои асосии субъекти ҷиноят дар моддаҳои 22-26, боби 4-и КҶ ҶТ муқаррар карда шудаанд. Мутобиқи моддаи 22-и КҶ ҶТ, танҳо шахси воқеӣ, ки мукаллаф ва ба синну соли муқарраршуда расидааст, метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Ин меъёр принсипи шахсият ва масъулияти инфиродиро дар ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян мекунад ва пешгирӣ аз ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ-ро таъмин менамояд.

Бо вуҷуди ин, дар КҶ ҶТ, мафҳуми «субъекти ҷиноят» ҳамчун истилоҳи расмӣ истифода намешавад. Баръакс, барои ифодаи ин мафҳум дар моддаҳои КҶ ҶТ истилоҳҳои гуногун, аз ҷумла «гунаҳкор», «шахсе, ки ҷиноят содир кардааст», «шахси гунаҳкор дар содир кардани ҷиноят» ва «маҳкумшуда» истифода мешаванд. Ин равиш ба хусусияти динамикии тафтиш ва мурофиаи ҷиноятӣ рабт дорад, ки вобаста ба марҳилаҳои мурофиавӣ ва тасдиқи гунаҳкорӣ истилоҳҳои гуногунро истифода мебарад. Бо назардошти ин, таҳлили субъекти ҷиноят бояд дар асоси синну сол, мукаллафият ва дигар хусусиятҳои шахсӣ, ки метавонанд ба сатҳи ҷавобгарӣ ва ҷазои ҷиноятӣ таъсир расонанд, сурат гирад. Дар ин замина, субъекти ҷиноят ҳамчун шахсе фаҳмида мешавад, ки барои содир кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок, ки онро қонуни ҷиноятӣ манъ кардааст, қасдан ё аз беэҳтиётӣ гунаҳкор дониста мешавад. Аз рӯи қоидаҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ, субъекти ҷиноят шахсе мебошад, ки барои содир кардани ҷиноят мувофиқи қонун ҷавобгар дониста мешавад. Барои муайян намудани субъекти ҷиноят, ҳуқуқи ҷиноятӣ хусусиятҳои шахсияти ҷинояткорро таҳлил мекунад ва танҳо он хусусиятҳое ҷудо карда мешаванд, ки барои муайян кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ аҳаммияти махсус доранд. Ба хусусиятҳои асосии субъекти ҷиноят синну сол ва мукаллафӣ дохил мешаванд. Ин ду аломат аз ҷумлаи аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят буда, дар ҳама таркиби ҷиноятҳо мавҷуданд: 1. Синну сол - ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо барои шахсоне муқаррар шудааст,

ки ба синни муайяни аз ҷониби қонун муқарраргардида расида бошанд (одатан 16-сола, дар баъзе ҳолатҳо 14-сола). 2. Мукаллафӣ - танҳо шахси ба маънои ҳуқуқӣ мукаллаф метавонад барои содир кардани ҷиноят ҷавобгар дониста шавад. Мукаллафӣ маънои қобилияти шахсро барои дарк кардани моҳияти кирдор ва идора кардани рафтораш дорад. Ин аломатҳо асоси ташкили ҷавобгарии ҷиноятиро фароҳам оварда, нақши муҳимро дар муайян кардани ҷавобгарии шахс барои ҷиноят бозӣ мекунанд [111, с. 131].

Андешаҳои олимон дар бораи субъекти ҷиноят вобаста ба самти таҳқиқот ва нуқтаи назар метавонанд гуногун бошад. Дар криминология, ҳуқуқшиносӣ ва ҷомеашиносии ҷинояткорӣ якчанд назария ва равишҳо барои фаҳмидани субъекти ҷиноят мавҷуданд. Ба монанди [60, с. 184], [100, с. 101], [90, с. 496], [65, с. 39]:

- назарияи классикӣ, ки намояндагонашон Чезаре Беккария, Клод Э. Шамплен, Жан-Жак Руссо мебошанд ва дар асоси ин назария, субъекти ҷиноят ҳамчун шахси оқил (боақл) ба назар мерасад, ки озодона содир кардани ҷиноятро интихоб мекунад, ки фоидаҳо ва хатарҳои эҳтимолиро пешбинӣ мекунад;

- назарияи позитивистӣ, ки намояндагони он Чезаре Ломброзо, Эмил Дюркгейм, Жюл Гюйен мебошанд бар он ақидаанд, ки субъекти ҷиноят ҷиноят бо назардошти омилҳои дохилӣ ва беруна, аз қабили биология, муҳити иҷтимоӣ ва равоншиносӣ бояд баррасӣ карда мешавад;

- назарияи иҷтимоӣ, ки намояндагони он Роберт К. Мертон, Трэвис Хирш чунин мешуморанд, ки ҷомеа ва сохторҳои он дар ташаккули субъекти ҷиноят нақши муайян доранд. Омилҳо, аз қабили нобаробарӣ, парокандагии иҷтимоӣ ва фишори меъёрҳои ҷамъиятӣ метавонанд ба содир кардани ҷиноятҳо таъсир расонанд;

- назарияи низоъ, ки Карл Маркс, Ричард Клевеленд, Уилям Б. Чамберс намояндагони он мебошанд, ба нақши нобаробарии иҷтимоӣ,

муборизаҳои синфӣ ва низоъҳои иҷтимоиро дар ташаккули субъекти ҷиноят таъкид мекунад.

Бояд қайд кард, ки ин назарияҳо якдигарро истисно намекунанд ва дар асл ҷиноятқорӣ аксар вақт бо омезиши омилҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Андешаҳои олимон метавонанд вобаста ба омилҳое, ки онҳо ҳангоми таҳлили ҷиноятқорӣ ва субъекти он мегузоранд, фарқ кунанд.

Субъекти ҷиноят шахс ё гурӯҳи шахсоне мебошанд, ки ҷиноят содир кардаанд. Дар заминаи қонуни ҷиноятӣ, субъекти ҷиноятро ба ду категорияи асосӣ тақсим кардан мумкин аст: субъекти мустақим (фаъол) ва субъекти ғайримустақим (ҷабрдида). Субъекти мустақими (фаъол) ҷиноят ин шахсест, ки бевосита ҷиноятро содир мекунад. Масалан, агар касе амволи каси дигарро дуздида бошад, дузд субъекти мустақими ин ҷиноят эътироф мегардад. Субъекти ғайримустақими (ҷабрдида) ҷиноят: ин шахсест, ки нисбати ӯ ҷиноят содир карда мешавад. Масалан, агар касе қурбонии дуздӣ шавад, вай субъекти ғайримустақими ҷиноят аст.

Истилоҳи «субъекти ҷиноят», инчунин, метавонад ба маънои васеътар истифода шавад, ки ҳамаи шарикони дар ҷиноят иштирокдоштаро, аз ҷумла ташкилкунандагон, таҳриккунандагон, ёрдамчиён ва иҷрокунандагонро дар бар гирад. Ҷанбаҳои мушаххаси муайян кардани субъекти ҷиноят вобаста ба салоҳият ва хусусияти ҷиноят метавонанд фарқ кунанд. Барои фаҳмиши муфассали субъекти ҷиноят, ҷанбаҳои зеринро ба назар гирифтан муҳим аст:

1) Қасд (гуноҳ). Субъекти ҷиноят ҳангоми содир кардани амали ғайриқонунӣ бояд хусусият ва оқибатҳои ба ҷомеа хатарноки ҳаракати худро дарк кунад. Масъалаи мазкур пурратар дар поён баррасӣ карда мешавад.

2) Синну соли субъект. Мувофиқи м.23 КҶ ҶТ синну соле, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад, қайд шудааст, ки «Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсе кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба

синни шонздаҳсолагӣ расидааст». Одатан синну сол дар асоси ҳуҷҷатҳои маълум (шиноснома, шаҳодатнома дар бораи таваллуд ва ғ.) муқаррар карда мешавад [111, с. 112].

3) Ҳолати рӯҳӣ. Агар субъект аз ихтилоли равонӣ азоб кашад ё дар ҳолати ҷунунӣ қарор дошта бошад, ин метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятии онҳо таъсир расонад. Субъекти ҷиноят фақат шахси мукаллаф шуда метавонад. Шахси номукаллаф субъекти ҷиноят шуда наметавонад. Танҳо шахси рӯҳан солим, ки қобилияти фикр кардан ва ирода зоҳир карданро дорад, рафтору кирдори худро бошуурона идора мекунад ва барои ҳаракату кирдорҳои худ, аз ҷумла кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ҷавобгар аст. Аз ин рӯ, мукаллафӣ як унсури муҳимми субъекти ҷиноят буда, бидуни он шахсро наметавон субъекти ҷиноят ҳисобид. Мукаллафӣ ҳолати ҳуқуқии субъект ва хусусияти ҷудонашавандаи он мебошад, ки шахсро қобили ҷавобгарии ҷиноятӣ месозад. Дар КҶ ҶТ мафҳуми мукаллафӣ ба таври мустақим шарҳ дода нашудааст. Аммо бо такя ба мафҳуми номукаллафӣ, ки дар м.24 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, мукаллафӣ чунин маънидод мешавад: Мукаллафӣ қобилияти шахс барои дарки хавфи кирдори худ ё идора кардани онро имконият медиҳад, мебошад. Ба ин тартиб, шахс танҳо дар ҳолате мукаллаф эътироф мегардад, ки ҳангоми содир кардани ҷиноят қобилияти зеҳнӣ ва иродавӣ дошта, кирдори худро ба таври бошуурона идора кунад. Мукаллафӣ ҳамчун меъёри муҳим барои муайян кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ, яке аз аломатҳои асосии субъекти ҷиноят ба шумор меравад.

Мукаллафӣ, ба мисли номукаллафӣ, аз рӯи меъёрҳои тиббӣ тавсиф дода мешавад. Фарқи байни онҳо дар он аст, ки ҳангоми муайян кардани номукаллафӣ меъёрҳои тиббӣ бевосита дар қонун пешбинӣ мешаванд, дар ҳоле, ки меъёрҳои тиббии мукаллафӣ ҳамеша ба назар гирифта мешаванд, гарчанде дар қонун ба таври мустақим зикр нагардидаанд. Мукаллафӣ заминаи зарурӣ барои муқаррар кардани ҷавобгарии

ҷиноятӣ ва гуноҳи шахс мебошад. Танҳо пас аз муайян кардани мукаллафӣ масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ матраҳ мегардад. Агар шахс солим бошад ва кирдорҳои худро фаҳмида, онҳоро идора карда тавонад, ӯ ҳамчун шахси мукаллаф эътироф мешавад. Баръакс, агар шахс дар вақти содир кардани ҷиноят кирдорҳои худро нафаҳмад ё онҳоро идора карда натавонад, ӯ номукаллаф dониста мешавад. Ин ҳолат тавассути ташхиси тиббӣ ва асосҳои қонунии муайяншуда тасдиқ мегардад. Ҳамин тариқ, мукаллафӣ як ҷузъи асосии ташхиси шахс ҳамчун субъекти ҷавобгарӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳсуб мешавад.

Мувофиқи муқаррароти м.24 КҶ ҶТ ба шахсе, ки дар ҳолати номукаллафӣ кирдори барои ҷамъият хавфноки дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишударо содир намудааст, чораҳои дорои хусусияти маҷбурии тиббии дар КҶ ҶТ пешбинишударо таъин кардан мумкин аст. Дар чунин мавридҳо шахс барои содир кардани ҷиноят ҷавобгар намебошад, зеро қобилияти дарк ва идора кардани рафтори ӯ аз сабаби бемории рӯҳӣ маҳдуд шудааст. Бо вуҷуди ин, барои таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва табобати шахс, чораҳои дорои хусусияти маҷбурии тиббӣ, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, татбиқ мегарданд. Ин чораҳо барои ҳифзи ҷомеа ва ҳамзамон барои кӯмак ба шахси номукаллаф равона шудаанд, то ҳолати рӯҳии ӯ беҳтар гардад ва аз содир шудани кирдорҳои нави хавфнок пешгирӣ карда шавад. Татбиқи чунин чораҳо хусусияти ҳимоявӣ ва табобатӣ дошта, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ фарқ мекунанд [111, с. 112].

4) Мусоидат ва шарикӣ дар ҷиноят. Ғайр аз иҷрокунандагони бевосита, субъекти ҷиноят, инчунин, метавонад онҳое бошанд, ки содир кардани ҷиноятро ташкил, таҳрик, ёрдам кардаанд ва ё дар содир намудани ҷиноят дар ягон шакли дигар иштирок кардаанд. Ин шахсон (ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ) инчунин метавонанд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд.

5) Ҷавобгарии гурӯҳӣ - дар баъзе ҳолатҳо, субъекти ҷиноят метавонад як қисми гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ бошад. Дар м.39 КҶ ҶТ чунин омадааст: «а) ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон содиршуда эътироф мешавад, агар дар он шахсоне иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани он пешакӣ маслиҳат кардаанд; б) ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршуда эътироф мешавад, агар он аз ҷониби гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошад; в) иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) муттаҳидшавии ду ё якчанд гурӯҳи мутташаккил эътироф мешавад, ки барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин ба ташкилоти устувор таъсис ёфта, фаъолияти он ба тақсимоти вазифаи идоракунӣ, таъмин ва иҷрои мақсадҳои ҷинояткоронаи иттиҳод дар байни аъзои иттиҳод ва сохторҳои он асос меёбад».

Қонуни ҷиноятӣ кӯшиш мекунад, ки гуноҳи онҳое, ки ҷиноят содир кардаанд, бо назардошти ҳолатҳои гуногуне, ки ба ҷавобгарии ҷиноятии онҳо таъсир мерасонанд, муайян ва муқаррар карда шавад. Муайян кардани субъекти ҷиноят унсури калидии мурофиаи ҷиноятӣ барои таъмини адолат ва тартиботи ҳуқуқӣ мебошад.

Шахси ҳуқуқӣ, ба монанди ташкилотҳо, мантиқан метавонад субъекти ҷиноят бошанд, агар онҳо амалҳоеро содир кунанд, ки тибқи қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун ҷиноят бандубаст карда шаванд. Зеро, дар баъзе давлатҳо, ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ имконпазир аст ва онҳо метавонанд барои вайрон кардани қонунҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Лекин чунин таҷриба дар КҶ ҶТ ба назар намерасад. Якчанд ҷанбаҳои асосии марбут ба ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқиро қайд кардан муҳим аст [127, с. 69-80 ], [104, с. 312]:

а) Ҷиноятҳои тавассути фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ содиршуда: шахси ҳуқуқӣ метавонад барои ҷиноятҳои марбут ба фаъолияти худ ба

ҷавобгарӣ кашида шавад. Ин метавонад ҷиноятҳои молиявӣ, коррупсия, вайрон кардани меъёрҳои экологӣ ва ғ.ро дар бар гирад;

б) Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ: барои он ки шахси ҳуқуқӣ дар ҷиноят гунаҳкор дониста шавад, аксар вақт нишон додани гуноҳ талаб карда мешавад, тавре ки дар мавриди шахсони воқеӣ. Ин, метавонад нишон диҳад, ки ҷиноят вобаста ба ҳолатҳои мушаххас қасдан ё аз беэҳтиетӣ содир шудааст;

в) Санксияҳои ҷиноятӣ: агар шахси ҳуқуқӣ дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор дониста шавад, нисбати ӯ метавонанд ҷазоҳои гуногуни ҷиноятӣ, аз қабили ҷарима, мусодираи амвол ё дигар чораҳои пешбининамудаи қонун татбиқ карда шаванд. Дар баъзе ҳолатҳо, шахси ҳуқуқиро низ метавон барҳам дод;

г) Ҳолатҳои ҷавобгарии шахсони ҳуқуқӣ. Намудҳои ҷиноятҳое, ки шахсони ҳуқуқӣ метавонанд барои онҳо ба ҷавобгарӣ кашида шаванд, найрангҳои молиявӣ, вайрон кардани қоидаҳои рақобат, коррупсия, вайрон кардани меъёрҳои экологӣ ва ғ. мебошанд.

Аммо, дар ҳар як юрисдиксия фарқиятҳо дар тарзи муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахсони ҳуқуқӣ метавонанд вуҷуд дошта бошанд. Бояд қайд намуд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз барои пурра ворид кардани меъёри ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ омода нест ва дарояндаи наздик масъалаи мазкур бояд дастгирӣ карда шавад.

Субъекти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм шахс ё гурӯҳи шахсоне мебошанд, ки даъватҳои оммавиро амалӣ мекунанд ё иттилоотро барои даъват ба амалҳои экстремистӣ паҳн мекунанд ё экстремизмро сафед мекунанд. Экстремизм метавонад даъватҳоро ба зуроварӣ, табъиз, вайрон кардани қонунҳо ва тартибот бо мақсади расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, динӣ ё дигар мақсадҳои идеологӣ дар бар

гирад. Дар кишварҳо ва қаламравҳои гуногун қонунҳо дар бораи экстремизм метавонанд гуногун бошанд ва мафҳуми «даъвати оммавӣ ба экстремизм» метавонад тибқи қонунгузории мушаххас муайян карда шавад. Чунин амалҳо аксар вақт ғайриқонунӣ ҳисобида мешаванд, зеро онҳо метавонанд ба амнияти шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ таҳдид кунанд.

Оқибатҳои ҳуқуқӣ барои субъектҳои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонанд ҷаримаҳои маъмурӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, манъи фаъолият ва дигар чораҳои пешбининамудаи қонунро дар бар гиранд. Ин чораҳо бо мақсади пешгирии паҳншавии ғояҳои экстремистӣ ва нигоҳ доштани амнияти ҷамъиятиву давлатӣ андешида мешаванд.

Бояд қайд кард, ки қонунҳо ва таърифҳои марбут ба даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонанд дар кишварҳои гуногун ба таври назаррас фарқ кунанд. Баъзе кишварҳо метавонанд дар ин соҳа нисбат ба дигарон меъёрҳои нисбатан сахтро ҷорӣ кунанд. Ҳамзамон, риояи принсипҳои озодии сухан ва ҳуқуқи инсон барои пешгирӣ аз маҳдудияти ғайриқонунии ҳуқуқ ва озодиҳои қонунӣ муҳим аст.

Тибқи таҳлили қонунгузории ҷиноятӣ, субъекти ҷиноят метавонад ҳам умумӣ ва ҳам махсус бошад. Дар ҳолатҳои умумӣ, субъекти ҷиноят шахси воқеӣ буда, синну соли муайянро расида, қобилияти пурраи ҳуқуқӣ дорад. Вале дар баъзе мавридҳо субъекти моддаи 307[1] КҶ ҶТ метавонад махсус бошад, яъне шахсоне, ки барои вазифа ва мақоми иҷтимоии худ дар паҳн кардани иттилооти экстремистӣ имкониятҳои васеъ доранд.  Ба ҳамин асос, шахсони зерин метавонанд субъекти махсуси моддаи 307[1] КҶ ҶТ бошанд:

- Хатибон ва ноибони хатибон – шахсоне, ки дар масҷидҳо ва дигар муассисаҳои динӣ фаъолият намуда, бо таъсири бузурги худ ба шуури

мардум, хусусан ҷавонон, метавонанд барои паҳн кардани ақидаҳои экстремистӣ истифода шаванд.

- Кормандони воситаҳои ахбори омма (ВАО) – рӯзноманигорон, муҳаррирон ва шахсоне, ки аз тариқи расонаҳо ахборро паҳн мекунанд ва метавонанд барои тарғиби экстремизм аз минбари ВАО истифода баранд.

- Муаллифон ва блогерони фаъоли интернетӣ – шахсоне, ки дар фазои рақамӣ бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ, блогҳо ва платформаҳои онлайн ба паҳн намудани ғояҳои ифротгароӣ мусоидат мекунанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар суханронии худ ба нақши рӯҳониён, махсусан имомхатибон, дар тарбияи ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа таъкид намуда, онҳоро ҳидоятгарони маънавии мардум номидаанд. Ба гуфтаи ӯ, имомхатибон ва рӯҳониён дар ташаккули ҳисси худшиносӣ, ватандӯстӣ ва тарғиби арзишҳои исломи воқеӣ нақши муҳим мебозанд. Онҳо бояд ҷавононро ба роҳи дуруст раҳнамоӣ кунанд, эҳтироми калонсолон ва меҳнатдӯстиро дар онҳо бедор намоянд [5].

Аммо, мутаассифона, воқеият нишон медиҳад, ки на ҳама хатибон ва рӯҳониён ба рисолати худ содиқ мондаанд. Дар байни онҳо шахсоне низ пайдо шудаанд, ки на ба ваҳдат ва оромии ҷомеа, балки ба барангехтани ифротгароӣ ва терроризм машғул гардидаанд. Ин гуна шахсон аз нуфузи худ суиистифода намуда, бо истифода аз минбари динӣ ва боварии мардум, таҳрикгарони ифротгароӣ ва узви равияҳои тундгаро шудаанд.

Тибқи маълумоти расмӣ, дар чанд соли охир 23 нафар хатибон ва ноибони хатибон, ки узви ниҳодҳои террористиву ифротгароӣ буданд, боздошт ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд. Ин омор собит месозад, ки таҳдиди нуфузи рӯҳониёни алоҳида дар паҳн кардани

экстремизм воқеӣ аст ва барои пешгирии чунин ҳолатҳо бояд чораҳои қатъии қонунӣ андешида шаванд.

Бо назардошти таҳдиди афзояндаи сӯиистифодаи минбарҳои динӣ барои тарғиби ақидаҳои ифротгароӣ, зарур аст, ки:

1. Назорати бештар ба фаъолияти хатибон ва имомхатибон аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ ва динӣ – омӯзиш ва сертификатсияи шахсоне, ки минбарҳои динӣ доранд, барои пешгирии фаъолияти ифротгароёна муҳим мебошад.

2. Мустаҳкам кардани механизмҳои ҳуқуқӣ – таҳияи меъёрҳое, ки масъулияти шахсони дорои мақоми махсусро барои тарғиби экстремизм сахттар мекунанд.

3. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии рӯҳониён ва ходимони дин – гузаронидани курсҳои таълимӣ оид ба қонунгузории зиддиэкстремистӣ ва ҳифзи арзишҳои исломи таҳаммулпазир.

4. Танзими фаъолияти ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ – муайян ва пешгирӣ кардани паҳншавии маводи ифротгароёна тавассути расонаҳои интернетӣ ва васоити ахбори омма.

5. Таҳкими ҳамкорӣ байни давлат ва муассисаҳои динӣ – роҳандозии барномаҳои муштарак барои ташаккули маърифати динӣ ва муқовимат бо ақидаҳои радикалӣ.

Субъекти моддаи $307^1$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба хусусияти ҷиноят, метавонад на танҳо шахсони умумӣ, балки шахсони махсус, ба монанди имомхатибон ва кормандони ВАО бошад. Бо вуҷуди нақши муҳими рӯҳониён дар тарбияи маънавии ҷомеа, суиистифодаи баъзе аз онҳо аз минбарҳои динӣ барои таблиғи ифротгароӣ хатари ҷиддӣ эҷод мекунад. Тибқи омори расмӣ, дар чанд соли охир 23 хатиб ва ноиби хатибон, ки узви ниҳодҳои террористиву ифротгароӣ буданд, боздошт гардидаанд, ки ин зарурати таҳкими чораҳои зиддиифротгароиро боз ҳам муҳимтар мегардонад. Барои ҳифзи

суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ, назорати қатъии фаъолияти рӯҳониён ва шахсоне, ки минбари расонаиро дар ихтиёр доранд, зарур мебошад, то ки онҳо ба воситаи таблиғоти ифротгароёна ҷомеаро ба ноором̣ накашанд.

Ҳамин тавр, субъекти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад шахси воқеии мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида бошад. Дар баъзе мавридҳо субъекти ҷинояти мазкур метавонад махсус бошад, ба монанди хатибон ва ноибони хатибон, шахсони масъули ВАО.

***Тарафи субъективии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм.*** Тарафи субъективии ҷиноят ҷанбаи руҳӣ (психологӣ)-и кирдори ҷиноядкорона буда, бевосита бо раванди содиршавии ҷиноят алоқаманд мебошад. Он мазмуни дохилии ҷиноят-ро инъикос намуда, нишон медиҳад, ки шахс бо ирода ва ангезаҳои муайян кирдори хавфноки ҷиноятиро анҷом додааст. Аз лиҳози мавқеи ҳуқуқӣ, тарафи субъективии ҷиноят муҳтавои равонии амалро ифода намуда, махсусан тарзи муносибати шахсро нисбат ба кирдор ва оқибатҳои он муайян мекунад. Аз ин рӯ, он дар муқоиса бо тарафи объективӣ, ки ҷузъи зоҳирии ҷиноят мебошад, унсури дохилии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Тарафи объективии ҷиноят, ки моҳияти воқеии кирдорро муайян мекунад, дар ҷомеа ошкоро таҷассум ёфта, метавонад аз ҷониби ҷабрдида, шоҳидон ва дигар ашхос бевосита дарк карда шавад. Аммо, тарафи субъективии ҷиноят, ки дар шуур (психика)-и гунаҳкор ташаккул меёбад, наметавонад тавассути узвҳои ҳиссии инсон бевосита мушоҳида ва дарк карда шавад. Аз ин рӯ, барои муайян кардани тарафи субъективии ҷиноят, ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ ва тафтишот бояд усулҳои таҳлили ҳуқуқӣ, далелҳои ғайримустақим, шарҳи кирдор ва нишондоди

худи гунаҳкорро мавриди баррасӣ қарор диҳанд, то ки мақсади ҷиноятӣ, ангеза ва шакли гуноҳ (қасдона ё беэҳтиётӣ) дақиқ муайян карда шавад.

Он танҳо ба воситаи таҳлилу баҳодиҳии рафтори шахси ҳуқуқвайронкунанда ва ҳолатҳои содиршавии ҷиноят дарк карда мешавад. Мундариҷаи тарафи субъективии ҷиноят бо ёрии чунин аломатҳои ҳуқуқӣ, ба монанди гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҳаяҷон (эмотсия) ошкор мегардад. Аломатҳои ҳуқуқии мазкур аз ҷиҳати органикӣ байни худ дар алоқамандӣ қарор доранд [111, с. 122].

Дар диспозитсияи м.307[1] КҶ ҶТ қонунгузор ба сифати аломати ҳатмии ҷиноят оқибати даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизмро нишон намедиҳад. Ҳангоми содир намудани ҷиноятҳое, ки таркиби расмӣ доранд, мундариҷаи қасд ҳамеша дар дарки хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатӣ ва хоҳиши содир намудани ин кирдор ифода меёбад. Ба ақидаи муҳаққиқон П.С. Дагел ва Р.И. Михеев, чунин қасд танҳо ба қасди бевосита тааллуқ дошта, ҷиноятҳое бо чунин таркибро фаро мегирад. Таркиби расмии ҷиноят маънои онро дорад, ки барои анҷом додани ҷиноят зарурати фаро расидани оқибатҳои муайяни ҷамъиятӣ нест. Яъне, кирдор ё беҳаракатӣ худ ба худ ҳамчун ҷиноят ҳисобида мешавад, новобаста аз он ки оқибатҳои хавфнок ба вуқуъ пайвастаанд ё не? Барои ҳамин, чунин ҷиноятҳо танҳо бо қасди бевосита содир мешаванд, зеро шахс на танҳо кирдори худро дарк мекунад, балки мехоҳад онро иҷро намояд. Баръакс, ҷиноятҳое, ки таркиби моддӣ доранд, бо қасди бавосита низ содир шуда метавонанд. Дар ин ҳолат, шахс оқибатҳои хавфноки кирдори худро дарк мекунад, аммо ба вуқуъ расидани онҳоро иҷозат медиҳад. Ин фарқият аз мазмуни иродавии тарафи субъективӣ ва хусусиятҳои таркиби ҷиноят вобаста аст. Дар натиҷа, барои ҷиноятҳое, ки таркиби расмӣ доранд, қасди бевосита

ҳатмӣ буда, мазмуни иродавии шахс танҳо ба кирдори ба ҷамъият хавфнок, на ба оқибатҳои он, нигаронида шудааст [69, с. 39].

Тарафи субъективии ҷинояти дар м.307[1] КҶ ҶТ пешбинишуда танҳо бо қасди бевосита ифода меёбад. Ин маънои онро дорад, ки шахс бо шуурнокӣ ва иродаи равшан амал мекунад: 1. Шахс дарк мекунад, ки даъватҳои ӯ ба таври оммавӣ шахсонро барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ё сафед кардани экстремизм ҳидоят менамоянд; 2. Шахс хоҳони он аст, ки ин амалҳо аз ҷониби дигарон содир шаванд. Қасди бевосита дар чунин ҳолатҳо ба он ишора мекунад, ки шахс на танҳо моҳияти кирдори худ, балки оқибатҳои иҷтимоии онро низ пурра дарк мекунад ва мехоҳад, ки ин оқибатҳо ба вуқуъ пайванданд. Ин хусусият тарафи субъективии ҷинояти мазкурро аз кирдорҳои ғайриқасдӣ ё беэҳтиётӣ фарқ мекунад ва дар асоси он ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар мегардад. Масалан, *О.С.С. аз соли 2019 инҷониб дар барномаи интернетии «Ютуб» тавассути рақами мобилии 92… саҳифаҳои худро бо номҳои гуногун ба қайд гирифта, тавассути он ба сомонаҳои мамнуъшудаи мансуб ба ташкилоти террористӣ – экстремистии «Ҳизби наҳзати ислом», ки аз ҷониби аъзои фаъоли ташкилоти мазкур М.С. бо номҳои «Ислоҳ.нет», «Ислоҳ.тв», «Ислоҳ.плюс», «Минбари муҳоҷир», «Номаҳо аз ноҳияҳо», «Садои мардум» ва «Ҳақ ва ботил» таъсис дода шудааст, аъзо гардида, видеонаворҳои ин ташкилот ва барномаҳои аъзоёни ташкилоти экстремистии «Гуруҳи 24» Б.Т., Ҳ.А. ва дигаронро, ки бар зидди сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҶТ ва тағйир додани сохти конститутсионӣ равона шудаанд, тамошо намуда, барои тасдиқ ва дастгирии гуфтаҳои аъзоёни ташкилотҳои экстремистӣ – террористӣ дар зери наворҳои омоданамудаи аъзоёни он, оид ба дуруст будани ақидаашон шарҳҳо (комментария) навиштааст. Аз ҷумла, О.С.С. тавассути шабакаи интернетии «Ютуб» дар барномаи «Минбари муҳоҷир» № 204 аз 13 августи соли 2023 бо номи «Оё раисони ноҳияҳо ва*

*вилоятҳо омодаанд аз пешравиҳояшон гӯянд?» тавассути саҳифаи «User…» ҳангоми мухолифи давлати ҶТ М.С. дар баромадаш Президенти ҶТ - ро бошиддат зери танқид қарор дода, мардумро барои мубориза хестан бар зидди ӯ ва давлатдориаш даъват намуда, барои исбот намудани тарафдориаш ба суханони М.С. чунин шарҳ навиштааст: «лайка монед барои озодӣ!», дар барномаи «Минбари муҳоҷир» № 192 аз 27 июни соли 2023 бо номи «Оё Тоҷикистонро давлати «Сулҳ» ва президенти онро «сулҳофар» метавон гуфт?», ки дар навори мазкур М.С. ҳамроҳи М.К., бар зидди Ҳукумати ҶТ ва роҳбари давлат суҳбат намуда, дар охири баромадашон бо забони арабӣ дуо кардаанд. О.С.С. ҳамчун тарафдор ақидаҳои аъзоёни ташкилоти террористиро дуруст шуморида, ба суханони номбурдагон чунин шарҳ навиштааст: «Омин», дар барномаи «Минбари муҳоҷир» № 187 аз 24 майи соли 2023 бо номи «Раҳмонов назоратапро аз Генпрокуратура, КДАМ, ВКД сахттар кун!», ки тариқи саҳифааш бо номи «тупоизм» чунин навиштааст: «салом мардум» ва ғ.ҳо. Инчунин, О.С.С. бо мақсади пешравии фаъолияти таблиғотӣ ва дастгирии фаъолияти ТТЭ «ҲНИ» аз корти «Сбербанк» - и худ, ки тавассути рақами мобилии «+7-987…» ба қайд гирифта шудааст. Ба корти бонкии мансуб ба М.С. «Сбербанк» - «522…» 4 маротиба, кӯмаки молиявӣ расонидааст. Аз ҷумла, ӯ рӯзи 2 июли соли 2023 дар ҳаҷми 50 рубли русӣ, рӯзи 23 июли соли 2023 дар ҳаҷми 50 рубли русӣ, рӯзи 25 июли соли 2023 дар ҳаҷми 100 рубли русӣ ва рӯзи 6 августи соли 2023 дар ҳаҷми 50 рубли русӣ, дар умум, 250 рубли русӣ маблағи пулӣ ирсол намудааст. О.С.С. бо навиштани шарҳҳо ҷонибдор ва содиқ будани худро ба ТТЭ «ҲНИ» нишон дода, тавассути шабакаи интернет бо таври оммавӣ фаъолияти онро дуруст шуморида, бо роҳи маблағгузорӣ намудан ба фаъолияти ташкилоти мазкур мусоидат намудааст.*

*Мувофиқи хулосаи мутахассисони Филиали суғдии Маркази ҷумҳуриявии экспертизаҳои судӣ ва криминалистикии назди Вазорати*

*адлияи ҶТ таҳти № 20/518/24 аз 04 апрели соли 2024 дар мазмун ва мундариҷаи маводҳои аз шабакаи интернетии «Ютуб» бо номҳои «User…», «тупоизм» … ба ташхис пешниҳодшуда ба ТТЭ «ҲНИ» (Паймони миллии Тоҷикистон) мансубият дорад, мазмуну моҳияти онҳо хусусиятҳои фаъолияти экстремистиро дар бар мегиранд ва дар маводҳои пешниҳодшуда аломатҳои даъват барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ мавҷуд аст* [209].

Ангезаи ҷиноят барои бандубаст кардани он аҳаммият надорад. Мақсади ҷиноят - ҷалб намудани шаҳрвандон баҳри ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии он мебошад.

Масалан*, А.П.Б., давоми соли 2021 бо даъвати сокини шаҳри Бохтари вилояти Хатлон бо номи М. ва тахаллуси «Тамим», ки рақами телефони мобилиаш +792… буда, яке аз аъзои фаъоли равияи динӣ – экстремистии «Салафия» мебошад, ба ин ташкилот шомил гардида, мақсаду мароми онро, ки бо роҳи даъват ва ташвиқоту тарғибот зиёд кардани сафи аъзоён, тарғиби ғояҳои ташкилотҳои экстремистӣ, ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ, барҳам додани давлатҳои шакли идоракуниаш демократӣ, аз ҷумла ҶТ ва дар заминаи он бунёди «Давлати Исломӣ» равона гардидааст, қобили қабул шуморида, фаъолияти худро дар ҳудуди ҶТ ва берун аз он тариқи пинҳонӣ ба роҳ мондааст.*

*Минбаъд, А.П.Б. ҳамчун аъзои ин равияи ғайриқонунӣ, дидаю дониста, ки бо ҳалномаи СО ҶТ аз 8 январи соли 2009 фаъолияти равияи динии «Салафия» ҳамчун ғайриқонунӣ амалкунанда дар ҳудуди ҶТ фаъолияташ манъ шуда, бо ҳалномаи СО ҶТ аз 8 декабри соли 2014 иттиҳоди экстремистӣ эътироф шуда, сомонаҳои интернетии ин равия чун воситаи ахбори омма баста шудаанд, ин санадҳои эътибори қонунӣ пайдокардаи судиро сарфи назар карда, ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат амалӣ намуда, дар ҳудуди ҶТ ва шаҳри Москваи*

*Федератсияи Россия иштирок ва фаъолияти ғайриқонунии худро идома дода, ба ташкилотҳои мазкур додараш А.П.Б., 25.04.2005 соли таваллудаш, сокини н.Рӯдакӣ, ҷамоати шаҳраки М.Турсунзода, деҳаи Истиқлол х…, рақами телефони мобилиаш +172…, шаҳрвандон А.А.А., 25.12.2003 соли таваллудаш, сокини шаҳри Душанбе, н.Фирдавсӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Гулбутта, х…, К.И.А., 16.11.2005 соли таваллудаш, сокини н.Б.Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Ҳ.Усмонов, к.Ш.Қурбон, ҳ…, писари аммааш бо номи «А.», соли таваллудаш 2003, сокини шаҳри Бохтар, совхози Ф.С., рақами телефонаш +792… ва рафиқаш бо номи «А.», сокини ноҳияи Ховалинги Вилояти Хатлон, ки рақами телефонаш +992… мебошад, даъват ва шомил намудааст.*

Масалан, *А.П.Б. ҷиҳати амалӣ кардани қасди ҷиноятии худ тавассути шабакаи интернетии «Инстаграм» каналеро бо номи «Ақидату Таҳудит» ба қайд гирифта, бо истифода аз барномаҳои «inshot» ва «cap cut» маводу матлабҳои руҳониён ва мубалиғони ташкилоти экстремистии «Равияи динии Салафия» ва ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» -ро ба тариқи видеонавор ва дар зернофи он гузоштани сабтҳои овозии нашидҳои ин ташкилотҳои террористӣ ва экстремистиро омода, нашр ва паҳн намудааст. Инчунин, бо раҳнамоӣ ва дастуру супориши А.П.Б., шаҳрванд А.А.А. тавассути барномаи «capcut», аз шабакаҳои иҷтимоии аксу навиштаҷотҳои динӣ ва суханҳои таблиғгарони равияи Салафияро гирифта, дар зери он нашидҳои динӣ ва ҷиҳодиро гузошта, бо маслиҳати ҳамдигар видеонаворҳои омоданамудаашонро тавассути каналҳои созмондодаашон бо номҳои «Ақидату Тавҳид» ва «FII.SABILILLAH», баъдан «Пользователь Инстаграма» паҳн ва нашр намуда, бо бурдани фаъолияти тарғиботӣ ва ташвиқотӣ, тавассути шабакаҳои интернетӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстримистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм даъват намуда, бо навиштани шаҳру эзоҳ ва омода намудани навору видеоҳои тарғибкунандаи ташкилотҳои экстремистӣ -*

*террористидошта, дурустии мафкура ва таҷрибаи экстремизмро ҷонибдорӣ намудаанд. Баъди дар шабакаи интернетӣ ташкил намудани каналҳои фаъолияти ташкилотҳои экстремистӣ - террористиро ташвиқу тарғибкунанда, А.П.Б. ва А.А.А. тибқи маслиҳати пешакӣ бо шаҳрвандон А.П.Б., К.И.А., Ш.Н.М. бо тахаллуси «Ҳамза», шахсони ба тафтишот номаълум шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номҳои «А.», «А.», «М.» бо тахаллуси «Тамим», «М.М.», «А.», «П.» бо тахаллусҳои «А.» ва «А.С.», «А.Х.», «Ф.М.», «А.Ф.», «А.О.», «А.», «О.», «А.» бо тахаллуси «Наҷдӣ», «И.Х.» ва дигарон ба каналҳои мазкур аъзо карда, дар якҷоягӣ ва бо маслиҳати пешакӣ ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлати Тоҷикистон амал намуда, мунтазам ба паҳн ва нашр намудани сабтҳои аудиоӣ ва видеоии пешвоён ва мубаллиғони равияи динии «Салафия», аз ҷумла Халид ал-Фулейч, А. ал-Бадр, А.И. ал-Хамис, А. ат-Тарифӣ, М.А.А., А.Д., А.М.М. ва дигарон машғул гардида, онҳоро аз худ ва ҷонибдорӣ карда, ақида ва ғояҳои ифротии ташкилоти экстремистӣ-террористии равияи динии «Салафия», «Ҳизб-ут-Таҳрир» ва ТБТ «Давлати исломӣ»-ро ташвиқоту тарғибот ва дар байни аъзоёни шабакаҳои созмондодаашон ба якдигар ирсол намудаанд* [210].

Мақсади даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад гуногун бошад ва аз ангезаҳои субъекти чунин даъват вобаста бошад. Дар ҳеҷ сурат, даъватҳои экстремистиро ҳамчун як категорияи ягона ва ҷудогона баррасӣ кардан мумкин нест, зеро онҳо метавонанд бо ангезаҳои гуногун, аз ҷумла сиёсӣ, динӣ, иҷтимоӣ, бегонапарастӣ ва нажодпарастӣ, эҷоди фишори ҷамъиятӣ, барангехтани низоъ, истисмори ноустувории ҷамъиятӣ, таъсири психологӣ, ҷалби ҷонибдорони нав ё идеологӣ дастгирӣ карда шаванд. Чанд ангезаҳои имконпазир, ки метавонанд аз ҷониби субъекти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани

фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм амалӣ карда шаванд:

1) сиёсӣ - субъектҳо метавонанд ба экстремизм бо мақсади тағйир додани низоми сиёсии давлат, сарнагун кардани ҳукумати амалкунанда, муқаррар кардани тартиботи нав ё муқовимат бо ғояҳои муайяни сиёсӣ даъват кунанд;

2) динӣ - даъватҳо ба экстремизм метавонанд бо эътиқодоти динӣ, ки ба паҳн кардани ақидаҳо, муқовимат бо дигар гурӯҳҳои динӣ ё таъсиси сохти теократӣ равона шудаанд, сурат гиранд [188].

3) иҷтимоӣ - баъзе субъектҳо метавонанд ғояҳои экстремистиро барои ҷалби таваҷҷуҳ ба мушкилоти иҷтимоӣ, эътироз ба тартиботи мавҷудаи ҷамъиятӣ ё ташаккули ҳаракати иҷтимоӣ истифода баранд;

4) идеологӣ - даъватҳои экстремистӣ метавонанд ба мафкураҳои муайян асос ёбанд, ки аксар вақт радикалӣ мебошанд, ба тағйироти куллӣ дар ҷомеа майл доранд;

5) таблиғи идеология - даъватҳои экстремистӣ метавонанд ҳамчун воситаи паҳн кардани идеология ва ҷалби тарафдорон хизмат кунанд, ҳатто агар он бо амалҳои бевоситаи зӯроварӣ ҳамроҳ набошад;

6) террористӣ - дар мавриди созмонҳои террористӣ, мақсади даъвати оммавӣ ба экстремизм метавонад гузаронидани ҳамлаҳои террористӣ ва эҷоди тарсу ваҳм дар ҷомеа бошад. Гузаронидани амалҳои террористӣ - дар мавриди созмонҳо ва гурӯҳҳое, ки ба экстремизм даъват мекунанд, мақсад метавонад ташкил ва гузаронидани амалҳои террористӣ бо мақсади фишор ба ҳокимият, ноором кардани ҷомеа ва ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ бошад;

7) бегонапарастӣ ва нажодпарастӣ - баъзе экстремистҳо метавонанд зӯроварӣ ва табъизро дар асоси нажод ё қавмият даъват кунанд;

8) эҷоди фишори ҷамъиятӣ - баъзе субъектҳо метавонанд ба экстремизм даъват кунанд, то фишори ҷамъиятӣ, изҳори норозигӣ ё

ҷалби таваҷҷӯҳ ба масъалаҳои мушаххасро ба вуҷуд оранд. Ин метавонад як қисми стратегияи фаъолияти ҷамъиятӣ ё эътироз бошад;

9) барангехтани низоъ - даъватҳои экстремистӣ инчунин метавонанд ба барангехтани низоъ байни гурӯҳҳои гуногуни одамон, эҷоди ташаннуҷ ва душманӣ дар ҷомеа равона карда шаванд;

10) сӯистифода аз ноустувории ҷамъиятӣ - дар шароити ноустувории иҷтимоӣ ва сиёсӣ, субъектҳо метавонанд ғояҳои экстремистиро барои таҳкими нуфузи худ ва вайрон кардани сохторҳои мавҷуда истифода баранд;

11) таъсири психологӣ - даъватҳои экстремистӣ метавонанд ба таъсири психологӣ ба шахсони алоҳида ё, дар маҷмуъ ҷомеа, эҷоди таҳдид ва тарс равона карда шаванд;

12) ҷалби ҷонибдорони нав - ифротгароён метавонанд ба ғояҳои худ бо мақсади ҷалби ҷонибдорони нав, сафарбар кардан, дастгирӣ ва тавсеаи нуфузи худ даъват кунанд;

13) вайрон кардани ниҳодҳои муқарраршуда - субъектҳо метавонанд ба экстремизм бо мақсади вайрон кардани ниҳодҳои муқарраршуда, ба монанди ҳукумат, қонуният ва тартибот, низоми адлия, бо мақсади эҷоди хаосу бетартибӣ даъват кунанд;

14) идоракунии худхости (манипулятсияи) афкори ҷамъиятӣ - даъватҳои экстремистӣ метавонанд барои идоракунии худхости афкори ҷамъиятӣ, таъсир расонидан ба психологияи дастаҷамъӣ ва ташаккули симои муайяни душман ё таҳдид истифода шаванд [88, с. 104]. Ш.Т. Аҳёзода чунин мепиндорад, ки: «Яке аз тарзу усулҳои муосири моилкунии ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ аз ҷониби идеологҳои ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ ин идоракунии худхости шуури ҷавонон бо истифода аз ғояҳои таҳрифшудаи динӣ - мазҳабӣ мебошад, ки дар асоси онҳо дар ботини ҷавонони гумроҳшуда, тухми кинаву адоватро бо воситаи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ва воситаҳои

телекоммуникатсионии муосир барангехта, онҳоро ба «ҷиҳоди мусаллаҳона» дар роҳи ташкил кардани «хилофати исломӣ» даъват менамоянд» [120, с. 104].

15) ташкили тартиботи ҷамъиятии худ - баъзе субъектҳо метавонанд кӯшиш кунанд, ки тартиботи ҷамъиятии худро мувофиқи мафкураи худ эҷод кунанд, меъерҳо ва арзишҳои мавҷударо рад кунанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба ангеза ва мақсади даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм гуногунфикрӣ вуҷуд дорад [176, с. 193].

Мубориза бо даъвати оммавӣ ба экстремизм муносибати ҳамаҷониба ва мутавозинро талаб мекунад, аз ҷумла чораҳои ҳифзи ҳуқуқ, таҳсилот, ҳамкории иҷтимоӣ ва таъсир ба решаҳои ғояҳои экстремистӣ. Фаҳмидани ангезаҳо ва мақсадҳои чунин даъватҳо ба таҳияи стратегияҳои муассири пешгирӣ ва муқовимат ба ин зуҳурот мусоидат мекунад. Даъватҳо ба экстремизм ба амнияти ҷамъиятӣ, давлатӣ ва сулҳ таҳдиди ҷиддӣ доранд ва мубориза бо чунин даъватҳо равишҳои ҳамаҷониба, аз ҷумла чораҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва таълимиро талаб мекунад. Қонунҳо ва сиёсатҳо ба пешгирии паҳншавии ғояҳои экстремистӣ ва нигоҳ доштани суботи иҷтимоӣ нигаронида шудаанд. Бояд қайд кард, ки ҳадафҳои даъвати оммавӣ ба экстремизм аксар вақт мураккабанд ва метавонанд якчанд ҷанбаҳоро муттаҳид кунанд. Чунин даъватҳо тибқи қонунгузорӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ баррасӣ карда мешаванд ва метавонанд вобаста ба вазъият ва қонунҳои мушаххаси кишвар чораҳои ҳуқуқӣ андешида шаванд.

Ҳамин тавр, таҳлили ҳуқуқи ҷиноятии нишонаҳои субъективии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизмро ҷамъбаст намуда, чунин хулосаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокро пешниҳод намудан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Субъекти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад шахси воқеии мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида бошад. Дар баъзе мавридҳо субъекти ҷинояти мазкур метавонад махсус бошад, ба монанди хатибон ва ноибони хатибон, шахсони масъули ВАО.

2. Тарафи субъективии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм танҳо дар қасди бевосита ифода мегардад. Яъне, шахс дарк менамояд, ки ба таври оммавӣ шахсонро барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва (ё) сафедкунии оммавии экстремизм даъват намуда истодааст ва хоҳони содир шудани чунин кирдор мебошад.

3. Мақсади даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад гуногун бошад ва аз ангезаҳои субъекти чунин даъват вобаста бошад. Дар ҳеҷ сурат, даъватҳои экстремистиро ҳамчун як категорияи ягона ва ҷудогона баррасӣ кардан мумкин нест, зеро онҳо метавонанд бо ангезаҳои гуногун, аз ҷумла сиёсӣ, динӣ, иҷтимоӣ, бегонапарастӣ ва нажодпарастӣ, эҷоди фишори ҷамъиятӣ, барангехтани низоъ, сӯистифода аз ноустувории ҷамъиятӣ, таъсири психологӣ, ҷалби ҷонибдорони нав ё идеологӣ дастгирӣ карда шаванд.

# ХУЛОСА

Рисолаи диссертатсионӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» мубрам мебошад, зеро таҳлили илмии муқовимат бо экстремизм яке аз самтҳои афзалиятноки илми ҳуқуқшиносӣ дар Тоҷикистон эътироф гардидааст. Экстремизм фаъолияти зиддиҳуқуқие мебошад, ки ҳангоми амалӣ намудани он ба асосҳои сохти конститутсионӣ зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани зарарро ба вуҷуд меорад [12-М], ки он бо истифодаи зӯроварӣ ё бе истифодаи зӯроварӣ ва барангехтани кинаю адоват байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ бо ангезаи сиёсӣ, миллӣ, динӣ, нажодӣ ё маҳалгароӣ алоқаманд аст. Экстремизм мафкура ва амалияест, ки барои ҳалли муноқишаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва мазҳабӣ бо роҳи зӯроварӣ ва дигар амалҳои зиддиконститутсионӣ равона карда шудааст [1-М]. Дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро асоснок намояд, камбудиҳо ва нуқсонҳои онро ошкор намояд ва равишҳои илмӣ асоснокро барои бознигарии он пешниҳод кунад. Аз ҷумла, дар кори илмӣ матни нави таҳриршудаи моддаи мазкур пешниҳод гардидааст, ки ҳадафи он баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти муқовимат ба экстремизм мебошад.

Диссертатсия мазкур аввалин таҳқиқоти бунёдии илмӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дар доираи он нуктаҳои калидӣ ва хулосаҳои зерин бо асоси илмӣ таҳия ва исбот шудаанд:

1. Муаллиф дар консепсияи илмии худ вобаста ба мафҳуми экстремизм пешниҳоди асоснок намудааст ва мувофиқи он экстремизм - ин таъсиррасонӣ ба мафкура, ақидаҳо ва ҳадафҳои ниҳоят радикалӣ асосёфта, ки ноил шудан ба онҳо асосан бо усулу воситаҳои ғайриқонунӣ сурат мегирад (масалан, барангехтани кинаю адовати динӣ (мазҳабӣ), нажодӣ, миллӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, маҳалгароӣ барангехтани шӯришҳои

мусаллаҳона ва ғ.) [1-М].

2. Пешниҳод карда мешавад, ки дар ИДМ Консепсияи амнияти киберӣ барои мубориза бо ҷалб ва таблиғи ифротгароён дар Интернет таҳия ва ҷорӣ карда шавад. Низоми ягонаи «Киберсипари ИДМ» таъсис дода шавад. Дар маҷмуъ, ба назар мерасад, ки давлатҳои узви ИДМ барои коҳиш додани фаъолияти ифротгароии мазҳабӣ дар ин минтақа бояд тадбирҳои пешгирикунанда андешанд, ки барои ҷавонон ва дигар табақаҳои осебпазири аҳолӣ фароҳам овардани шароити мусоид ва самарабахши иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дастгирии фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади муттаҳидсозӣ, ҳамоҳангсозӣ ва рушди ҷомеаҳое, ки масунияти қавӣ ба равандҳои харобиовар ва қобилияти муқовимат ба ақидаҳои радикалии онҳо доранд. Дар робита ба сатҳи байнидавлатӣ, ба назар мерасад, ки эътимоди мутақобиларо дар кишварҳои ИДМ боз ҳам афзоиш дода, механизмҳои стратегияи муштараки дарозмуддати таҳияшудаи дастаҷамъӣ дар мубориза бо ифротгароии динӣ таҳия ва такмил дода шавад [4-М].

3. Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм дар КҶ Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Молдова, Арманистон, Озарбойҷон ва Беларус ҳамчун таркиби мустақил вуҷуд надорад. Ҳолати мазкур метавонад аз тарафи экстремистони дигар давлатҳо, ки дар онҷо даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм ҷиноят эътироф гардидааст, ҳамчун роҳи гурез аз ҷавобгарии ҷиноятӣ истифода гардад. Дар шароите, ки экстремизм хусусияти фаромарзӣ касб намудааст ва андешаҳои радикалӣ асосан тавассути шабакаҳои рақамӣ ва иртиботӣ паҳн мешаванд, фарқиятҳо дар бандубасти ҷиноятҳо хавфҳоро барои амнияти минтақавӣ ба вуҷуд меоранд ва метавонанд боиси интиқоли фаъолияти экстремистӣ ба қаламрави кишварҳое гарданд, ки танзими ҳуқуқии сабуктар доранд. Аз ин рӯ, вазъияти баамаломада тақозо менамояд, ки талошҳо ҷиҳати ҳамоҳангсозии

қонунгузории ҷиноятии кишварҳои ИДМ тақвият ёбанд ва равишҳои мувофиқ ва ҳамгун оид ба бандубаст ва пешгирии зуҳуроти экстремистӣ таҳия карда шаванд. Мавҷудияти чунин ихтилофҳо хавфи паҳншавии фаромиллӣ (трансмиллӣ)-и андешаҳои экстремистиро ба вуҷуд оварда, мубориза бо зуҳуроти радикалӣ ва хусусан пешгирии ҷиноятҳои идеологӣ-экстремистиро мушкил мегардонад. Ин дар навбати худ зарурати густариши ҳамкории байналмилалиро дар самти муқовимат бо экстремизм ва радикализм тақозо мекунад. Зеро агар амали содирнамудаи шахс дар кишвари содиркунандаи он ҷиноят эътироф нагардад, чунин кишвар метавонад ба паноҳгоҳи амн барои экстремистон табдил ёбад. Бинобар ин, ҳолати мазкурро метавон танҳо бо роҳи ҳамкориҳои байниҳамдигарии давлатҳои узви ИДМ дар сатҳи ИДМ ҳал намуд [4-М].

4. Таҳлили КҶ Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Молдова, Арманистон, Озарбойҷон, Арманистон, Туркманистон, Федератсияи Россия ва Беларус нишон дод, ки дар он сафедкунии экстремизм ҳамчун ҷиноят ба ҳисоб намеравад. КҶ ҶТ дар ин масъала пешсаф мебошад [4-М].

5. Ҳокимияти давлатӣ ҳамчун объекти хелии ҷиноят ин низоми мақомот ва ниҳодҳоест, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия ва қонунҳои ҶТ таъсис ёфта, ба воситаи онҳо халқ ҳокимияти давлатии ба у таалluқдоштаро ба амал мебарорад. Ҳокимияти давлатӣ бо нишонаҳои худ аз дигар ниҳодҳо фарқ мекунад. Ба монанди: қонуният: ҳокимияти давлатӣ дар доираи қонунҳое, ки аз ҷониби ҳокимияти қонунгузорӣ қабул карда мешаванд, амалӣ карда мешавад. Қонуният маънои онро дорад, ки амалҳои мақомоти давлатӣ бояд ба меъёрҳо ва принсипҳои муқаррарнамудаи қонунҳо мувофиқат кунанд; инҳисорият: ҳокимияти давлатӣ дар қаламрави муайян хусусияти инҳисориро дорад. Ин маънои онро дорад, ки мақомоти давлатӣ ягона мебошанд, ки барои қабули қарорҳои ҳатмӣ дар қаламрави муайян ҳуқуқ доранд; ҳудудӣ: амали ҳокимияти давлатӣ бо қаламрави муайяне, ки дар он давлат салоҳияти худро амалӣ мекунад, маҳдуд карда

мешавад. Ҳокимияти давлатӣ дар ҳудуди давлат истифода мешавад; таъиноти ҷамъиятӣ доштан: ҳокимияти давлатӣ барои манфиати ҷамъиятӣ вуҷуд дорад. Мақсади он идоракунии давлат ба манфиати шаҳрвандон, таъмини адолат, амният ва рушди ҷомеа мебошад; идоракунии захираҳо: ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ дорад захираҳоро дар қаламрави худ, аз ҷумла захираҳои молиявӣ, табиӣ, инсонӣ ва дигар захираҳоро идора кунад; маҷбуркунӣ: ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ дорад чораҳои маҷбуриро барои таъмини риояи қонунҳо ва нигоҳ доштани тартибот истифода барад.

6. Асосҳои сохти конститутсионӣ ҳамчун объекти намудии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм низоми принсипҳое мебошад, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии ҷомеа ва давлатро, дар маҷмуъ, фаро мегиранд: иҷтимоӣ - иқтисодӣ, сиёсӣ - ҳуқуқӣ, фарҳангӣ - идеологӣ, байналмилалӣ ва ғ. [20-М].

7. Объекти бевоситаи ҷиноятҳое, ки дар шакли даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм зоҳир мегарданд, муносибатҳои ҷамъиятие ба шумор мераванд, ки тибқи қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз гардида, амнияти миллӣ, қобилияти мудофиавии давлат, фаъолияти устувор ва бемонеаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин асосҳои сохти конститутсиониро таъмин мекунанд. Халалдор сохтани ин муносибатҳо ба вайрон кардани тартиботи ҳуқуқӣ, бесуботии вазъи сиёсӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои паҳншавии идеологияҳои радикалӣ оварда мерасонад, ки дар навбати худ, аз давлат талаб менамояд, ки чораҳои муассири ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва пешгирикунандаро амалӣ намояд [20-М].

8. Таҳти мафҳуми даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ чунин ҳаракате фаҳмида мешавад, ки он ба шуур ва иродаи (психология) одамон таъсири фаъолона (мақсаднок) расонидан бо тафаккури онҳо содир намудани ҳаракатҳоеро ба вуҷуд меоварад, ки ҳамчун фаъолияти экстремистӣ бандубаст мегарданд [14-М].

9. Намудҳои даъвати оммавӣ метавонанд гуногун бошанд, аз қабили: 1) муроҷиатҳо ё суханрониҳои оммавӣ; 2) ҳамоишҳо ё намоишҳои оммавӣ; 3) петитсия (дархостҳо); 4) маъракаҳои иҷтимоӣ; 5) роҳпаймоӣ ё бастани роҳҳо; 6) даъвоҳо ё парвандаҳои гражданӣ; 7) пешбурди манфиатҳо. Бояд гуфт, ки инҳо танҳо баъзе аз намудҳои маъмули даъвати оммавӣ мебошанд, ки метавонанд барои ҷалби таваҷҷуҳ ва таъсир расонидан ба мушкилот ё рӯйдодҳои муайян истифода шаванд. Нишонаи асосие, ки даъватро ба фаъолияти экстремистӣ ҳамчун амали ҷиноятӣ муайян мекунад, хусусияти оммавии он мебошад, яъне даъват бояд ба доираи васеи шахсон муроҷиат карда шавад.

10. Фаъолияти экстремистӣ падидаест, ки ба ҷомеа таҳдиди воқеӣ дорад. Он шаклҳо ва зуҳуроти гуногунро дар бар мегирад, ки доираи васеи ғояҳо ва идеологияҳоро дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин, новобаста аз гуногунии ташкил ва ангезаҳои экстремистҳо, фаъолияти онҳо ҳамеша бо оқибатҳои манфӣ алоқаманд аст. Яке аз ҷанбаҳои асосии фаъолияти экстремистӣ таблиғот мебошад. Тавассути платформаҳои гуногуни ВАО, ба монанди шабакаҳои иҷтимоӣ, форумҳои интернетӣ ва видеохостингҳо, экстремистон мафкураи худро фаъолона паҳн мекунанд, ки ба дарк ва тафаккури ҷомеа таъсир мерасонанд. Бо роҳи таҳрир ва маълумоти нодуруст, онҳо кӯшиш мекунанд, ки эътиқоди худро ва муносибати худро ба оммаи васеъ, таъсиррасонӣ ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ таҳмил кунанд. Дар баробари таблиғот, фаъолияти экстремистӣ, инчунин, ҷузъи фаъоли ҷисмонӣ ва зуроварӣро дар бар мегирад. Амалҳои террористӣ, ҳамлаҳо ва дигар шаклҳои зуроварӣ воситаи қобили қабул барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва ғоявии чунин гуруҳҳо мегарданд. Ин на танҳо ба одамони бегуноҳ мушкилот ва зарари маънавӣ мерасонад, балки муҳити тарсу ҳарос ва шиддати бехатариро низ ба вуҷуд меорад [21-М].

11. Сафедкунии экстремизм - ин раванд ё амали изҳори дастгирии ғояҳо, ҳадафҳо, таҷриба ё усулҳои гурӯҳҳо ё ташкилотҳои экстремистӣ

мебошад. Сафедкунии экстремизм метавонад намудҳои гуногуни дастгирӣ, аз қабили изҳороти оммавӣ, навиштани матнҳо, паҳн кардани мавод, иштирок дар чорабиниҳо ва ғ.ро дар бар гирад.

12. Дар фазои иттилоотии муосир воситаҳои ахбори омма метавонанд ҳам нақши созанда ва ҳам нақши харобкорона дошта бошанд, аз ҷумла дар паҳн намудани идеяҳои экстремистӣ ва радикализатсияи аҳолӣ. Дар ин замина, роҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд, ки воситаҳои ахбори омма тавассути онҳо метавонанд ба густариши идеологияи экстремистӣ мусоидат намоянд: а) нашри маводи экстремистӣ - паҳнсозии қасдона ё беэҳтиётона муҳтаво, ки даъват ба зӯроварӣ, барангехтани душманӣ ё таблиғи андешаҳои радикалиро дар бар мегирад; б) ҳангомасозӣ ва ҷалби таваҷҷуҳ - таъкид ба мавзӯъҳои иғвобарангез ва таҳоҷумӣ ба ҷои пешниҳоди ахбори воқеӣ ва мутавозин; в) истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои онлайн - паҳн намудани муҳтавои радикалӣ тавассути шабакаҳои рақамӣ, ки паҳншавии васеъ ва ҳимояи махфиятро таъмин мекунад; г) рӯнамоии ғаразноки рӯйдодҳо - таҳриф ё пешниҳоди якҷонибаи иттилоот, ки боиси шаклгирии тасаввуроти нодуруст дар шунаванда ва бинанда мегардад; д) усулҳои манипулятивии пешниҳоди ахбор - роҳҳои таъсиррасонӣ ба эҳсосоти омма бо ҳадафи таҳрики ташвишу нигаронӣ ва шиддатбахшии тафаккури радикалӣ; е) фишорҳои сиёсӣ - истифодаи ВАО ҳамчун абзори таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа ба манфиати гурӯҳҳои муайяни сиёсӣ, аз ҷумла радикалӣ; ж) манипулятсия бо далелҳо ва паҳнсозии иттилооти бардурӯғ - фиреби иттилоотӣ барои заиф сохтани эътимод ба муассисаҳои давлатӣ ва таҳрики норизоиятҳои иҷтимоӣ; з) таблиғот - паҳнсозии мунтазами идеологияи экстремистӣ тавассути воситаҳои гуногуни ахбори омма; и) радикализатсияи маҷозӣ - ҷалби тадриҷии истифодабарандагон ба муҳити экстремистӣ тавассути алгоритмҳо ва муҳтавои махсус дар интернет; к) хусусиятҳои низоъҳои минтақавӣ - истифодаи ихтилофҳои қавмӣ, мазҳабӣ ва байнидавлатӣ ҳамчун замина барои паҳн кардани идеяҳои экстремистӣ

тавассути ВАО. Бо дарназардошти механизмҳои зикршуда, зарурати андешидани чораҳои пешгирикунанда дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ба миён меояд, то фазои иттилоотӣ аз таъсири вайронкорона тоза карда шуда, шаҳрвандон аз таъсири иттилоотӣ ва равонии хусусияти экстремистидошта эмин нигоҳ дошта шаванд. Бо ҳадафи коҳиш додани таъсири воситаҳои ахбори омма дар паҳн кардани экстремизм, қадамҳои муҳими зерин бояд андешида шаванд: боло бурдани сатҳи саводи иттилоотии ҷомеа, риояи меъёрҳои ахлоқии рӯзноманигорӣ, танзими фазои рақамӣ, рушди муколама ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ.

13. Субъекти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад шахси воқеии мукаллафи ба синни 16 - солагӣ расида бошад. Дар баъзе мавридҳо субъекти ҷинояти мазкур метавонад махсус бошад, ба монанди хатибон ва ноибони хатибон, шахсони масъули ВАО [3-М].

14. Тарафи субъективии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм танҳо дар қасди бевосита ифода мегардад [3-М].

15. Мақсади даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад гуногун бошад ва аз ангезаҳои субъекти чунин даъват вобаста бошад. Дар ҳар сурат, даъватҳои экстремистиро наметавон ҳамчун як категорияи ягона ва ҷудогона арзёбӣ кард, зеро онҳо метавонанд аз ҳадафҳои мухталиф, аз ҷумла: сиёсӣ, динӣ, иҷтимоӣ, ксенофобӣ ва нажодпарастӣ, барангехтани фишори иҷтимоӣ, шӯълавар сохтани муноқишаҳо, суистифода аз ноустувории ҷамъиятӣ, таъсири рӯҳӣ, ҷалби ҷонибдорони нав ё бадастории пуштибонии идеологӣ бархезанд. Ингуна гуногунрангӣ дар мақсад нишон медиҳад, ки даъватҳои оммавии экстремистӣ бояд дар заминаи ангеза, муҳит ва таъсири иҷтимоӣ ба таври ҳамаҷониба таҳлил ва арзёбӣ шаванд [3-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Пешниҳод карда мешавад, ки дар таркиби м.307[1] КҶ ҶТ аломати бандубастшаванда барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм, ки нисбати ноболиғон равона карда шудааст ё аз тарафи аъзоёни ташкилоти террористиву экстремистӣ содир гардидааст, ҳамчунин таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши экстремистон, криминализатсия карда шавад.

2. Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм на танҳо тавассути ВАО, инчунин он метавонад тавассути варақаҳо, адабиёт, маҷалла, рӯзнома, китобчаҳо ва дигар шакли нашрҳо ба амал бароварда шавад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки пас аз истилоҳи «ВАО ва шабакаи Интернет» дар қ.2 м.307[1] КҶ ҶТ истилоҳи «ва дигар намуди нашрҳо» илова карда шавад.

3.Таҳлил ва омӯзиши ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизмро ҷамъбаст карда, диспозитсияи м.307[1] КҶ ҶТ дар тахрири нав пешниҳод карда шудааст.

4. Асоснок карда шудааст, ки дар сатҳи м.307[1] КҶ ҶТ эзоҳ дар шакли зерин илова карда шавад: «Сафедкунии экстремизм - ин раванд ё амали изҳори дастгирии ғояҳо, ҳадафҳо, таҷриба ё усулҳои гурӯҳҳо ё ташкилотҳои экстремистӣ мебошад. Сафедкунии экстремизм метавонад намудҳои гуногуни дастгирӣ, аз қабили изҳороти оммавӣ, навиштани матнҳо, паҳн кардани мавод, иштирок дар чорабиниҳо ва ғайраро дар бар гирад».

# НОМГӮИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои дохилидавлатӣ

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

[2]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26 январи соли 2021 [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https: // president.tj / event / missives / 22558 (санаи муроҷиат: 25.08.2023)

[3]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022 [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/27245 (санаи муроҷиат: 25.08.2023)

[4]. Суханронӣ дар ҷаласаи ифтитоҳии Конфронси сатҳи баланд «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккил» аз 17 майи соли 2019 [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: https: // president.tj / event / domestic_trips / 18297 (санаи муроҷиат: 25.08.2022)

[5]. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони ҷомеаи кишвар ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: http: // president.tj / node / 17613 (санаи муроҷиат: 25.08.2022)

[6]. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 бо тағйиру иловаҳо дар ҳолати 20 июни соли 2024 № 2050 [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: https: // mmk.tj / content / кодекси-ҷиноятии – ҷумҳурии - тоҷикистон (санаи муроҷиат: 20.11.2024)

[7]. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №455 бо тағйиру иловаҳо дар ҳолати 13 ноябри соли 2024 № 2086 [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: https: // mmk.tj / content / кодекси – ҳуқуқвайронкунии – маъмурии – ҷумҳурии - тоҷикистон (санаи муроҷиат: 20.11.2024)

[8]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, №721 бо тағйиру иловаҳо дар ҳолати 3 августи соли 2018, № 1540 [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: https: // mmk.tj / content / қонуни – ҷумҳурии – тоҷикистон – дар – бораи - амният (санаи муроҷиат: 25.08.2022)

[9]. Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6 августи соли 2001, №40 бо тағйиру иловаҳо дар ҳолати 4 апрели соли 2019, № 1595 [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: https: // mmk.tj / content / дар – бораи - иттилоотонӣ (санаи муроҷиат: 25.08.2022)

[10]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 19 марти соли 2013 таҳти № 961 бо тағйиру иловаҳо дар ҳолати 24 феврали соли 2017, №1407 [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: https: // mmk.tj /content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-матбуоти-даврӣ-ва-дигар-воситаҳои-ахбори-омма. (санаи муроҷиат: 25.08.2022)

[11]. Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» аз 10 майи соли 2002, №55 бо тағйиру иловаҳо дар ҳолати 27 ноябри соли 2014, № 1164 [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-иттилоот (санаи муроҷиат: 25.08.2022)

[12]. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 2 декабри соли 2002, №71 бо тағйиру иловаҳо дар ҳолати соли 2005 № 12 [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: https: // mmk.tj /content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-ҳифзи-иттилоот (санаи муроҷиат: 25.08.2022)

[13]. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» аз 18 июни соли 2008, №411 [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: https: // mmk.tj / content / қонуни – ҷумҳурии – тоҷикистон – дар – бораи – ҳуқуқи – дастрасӣ – ба – иттилоот (санаи муроҷиат: 25.08.2022)

[14]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2 январи соли 2020, №1655 [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: https: // mmk.tj /content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-муқовимат-ба-экстремизм (санаи муроҷиат: 25.08.2022)

[15]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, № 12, мод. 697; соли 2007, № 3, мод.158, соли 2014, № 11, мод.655.

[16]. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http: // ijro.tj / sanadho / strategiyaho / strategiyai-mu-ovimat-ba-ekstremizm-va-terrorizm-dar-um-urii-to-ikiston-baroi-sol-oi-2021-2025 (санаи муроҷиат: 25.08.2022)

**II. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ**

[17]. Венская декларация о преступности и правосудии: ответы на вызовы XXI века: принята на Десятом Конгрессе Организации Объединенных Наций по предупреждению преступности и обращению с правонарушителями, Вена, 10-17 апреля 2000 г. № 51/59 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: // www. un.org / ru / documents / treaty / A-CONF.187-4-REV.3 (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[18]. Декларации о создании Шанхайской организации сотрудничества от 15 июня 2001 г. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: // www. adlia. tj / show_doc.fwx (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[19]. Декларация о ликвидации всех форм нетерпимости и дискриминации на основе религии или убеждений: принята Резолюцией

36/55 на 73-м пленарном заседании Генеральной Ассамблеи ООН 25 ноября 1981 г. // [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https: // www.un.org / ru / documents / decl_conv / declarations / relintol. shtml (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[20]. Декларация о мерах по ликвидации международного терроризма: принята Резолюцией 49/60 на 84-м пленарном заседании Генеральной Ассамблеи ООН 9 декабря 1994 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: // www.un.org / ru / documents / decl_conv / declarations / terrdec1.shtml (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[21]. Декларация о правах лиц, принадлежащих к национальным или этническим, религиозным и языковым меньшинствам: принята резолюцией 47/135 на 92-м пленарном заседании 47-й сессии Генеральной Ассамблеи ООН 18 декабря 1992 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: // www.un.org / ru / documents / decl_conv / declarations / minority_rights.shtml (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[22]. Декларация тысячелетия Организации Объединенных Наций. Резолюции Генеральной Ассамблеи ООН от 8 сентября 2000 г. № 55/2 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: // www.un.org / ru / documents / decl_conv / declarations / summitdecl.shtml (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[23]. Договор о коллективной безопасности от 15 мая 1992 г. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https: // base.garant.ru / 1118890 (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[24]. Дополнительный протокол к Женевским конвенциям от 12 августа 1949 г., касающийся защиты жертв международных вооруженных конфликтов (Протокол II). Женева, 8 июня 1977 г. // Сборник международных договоров СССР. М., 1993. Вып. XLVI. С. 182–191.

[25]. Европейская конвенция о пресечении терроризма ETS N 090 (Страсбург, 27 января 1977 г.) [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ:

https: // constitution. garant.ru / act / right / megdunar / 2541141(санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[26]. Закон Азербайджанской Республики о борьбе с религиозным экстремизмом от 4 декабря 2015 г. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https: // mia.gov.az / ru / legislation / 1 / view /53 (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[27]. Закон Кыргызской Республики «О противодействии экстремистской деятельности» от 24 февраля 2023 г. № 40 [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https: // https: // cbd. minjust. gov.kg / 112515 / edition / 1243725 / ru (санаи муроҷиат: 02.11.2023)

[28]. Закон Республики Беларусь «О противодействии экстремизму» от 4 января 2007 г. № 203-З. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https: // pravo.by /document / ?guid=3871&p0=H10700203 (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[29]. Закон Республики Казахстан «О противодействии экстремизму» от 18 февраля 2005 г. № 31-III (с изменениями и дополнениями по состоянию на 25.05.2020 г.) [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https: // online.zakon.kz / Document / ?doc_id=30004865 (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[30]. Закон Республики Молдова «О противодействии экстремистской деятельности», № 54 от 21-02-2003 [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https: // www.legis.md / cautare / getResults? doc_id=27714& lang=ru (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[31]. Закон Республики Узбекистан, от 30 июля 2018 г. № ЗРУ-489 [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https: // lex.uz / ru / docs / 3841963 (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[32]. Информационный бюллетень. Межпарламентская Ассамблея государств – участников Содружества Независимых Государств. № 44/09. от 13 июля 2009 г. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https: //

iacis.ru / deyatelnost / izdatelskaya_deyatelnost / informatcionnij_byulleten (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[33]. Ковенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ. Бо резолютсияи 2106 A (XX) Ассамблеяи Генералӣ аз 21 декабри соли 1965 қабул ва барои имзо ва тасдиқ боз шудааст (4 январи соли 1969 мутобиқи моддаи 19 эътибор пайдо намудааст) [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https: // mmk.tj / system / files / ArticleAttachments / Konvensiya - nisbati - barham - dodani - tabizi - hadjodi. pdf (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[34]. Конвенция о борьбе с незаконным захватом воздушных судов: принята 16 декабря 1970 год. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https: // www.un.org / ru / documents / decl_conv / conventions / aircraft_seizure.shtml (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

[35]. Концепция сотрудничества государств – членов Шанхайской организации сотрудничества (ШОС) в борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом от 5 июля 2005 г. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http: // www. kremlin. ru / supplement / 3667 (санаи муроҷиат: 22.08.2022)

